**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# «ҶАВОНОН - НЕРӮИ РУШДИ ЗЕҲНИИ КИШВАР»

**Маводҳои Аввалин Форуми байналмилалӣ**
**(15-17 майи соли 2015)**

# «МОЛОДЕЖЬ – ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РАЗВИТИЯ СТРАНЫ»

**Материалы первого международного форума**
**(15-17 мая 2015 года)**

# "YOUTH - THE INTELLECTUAL POTENTIAL OF COUNTRY’S DEVELOPMENT "

**Materials of the first international forum**
**(15-17 May 2015)**

**Душанбе – 2015**

# ҚИСМИ 2
# ЛОИҲАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА БИЗНЕС-НАҚШАҲО

## МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ CONTENTS


1. *Авғонов Н.А. (Душанбе, Тоҷикистон)* МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНОҲОИ САЙҚАЛИ ДОНИШҲОИ КОМПЮТЕРИИ ДОНИШҶУЁНИ ДТТ.......... 7
2. *Азизов Х. (Душанбе, Тоҷикистон)* АЗ ТАЪРИХИ ҚАЛЪАИ ҲИСОР......... 9
3. *Азимов Х., Холов Х. (Душанбе, Таджикистан)* ОНЛАЙН МАГАЗИН........ 19
4. *Akimbekova Sh., Ozodbekov D., Radjabov K.R. (Dushanbe, Tajikistan)* BUSINESS PLAN FOR THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ACTIVITY NTP LLC "RUHOM"................................................................ 21
5. *Аминов М.П. (Душанбе, Тоҷикистон)* САРАЗМИ ҚАДИМ.......................... 24
6. *Аминов Ф., Холиқов Б. (Файзобод, Тоҷикистон)* ЗАНБӮРПАРВАРӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ БАЛАНДКӮҲИ НОХИЯҲОИ ТОБЕИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........................................................................... 27
7. *Анваров Д.Г., Гафуров М. Х. (Душанбе, Тоҷикистон)* ТАҲИЯИ WEB-СОМОНАИ НОҲИЯИ ШАҲРИСТОН.......................................................... 31
8. *Ашуров С.* **(Душанбе, Тоҷикистон)** РАЗРАБОТКА СПОСОБА ПОЛУЧЕНИЯ 5-ГИДРОКСИФУРФУРОЛА И ЛИВУЛИНОВОЙ КИСЛОТЫ ИЗ РАСТИТЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ ТАДЖИКИСТАНА И СОЗДАНИЕ НА ИХ ОСНОВЕ ПИЩЕВХЕ ПРОДУКТОВ И БИОЛОГИЧЕСКИХ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ.................................... 32
9. *Аълоқулов М., Баротова А. (Душанбе, Тоҷикистон)* АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАИ МУШТАРАКИ «ЗАРАФШОН» ДАР РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...................................................................................... 34
10. *Бахтовари Д. (Мӯъминобод, Тоҷикистон)* МӮЪМИНОБОД.................... 37
11. *Вохидов Ш. (Душанбе, Тоҷикистон)* ТАКМИЛИ ОСОРХОНАИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ. ЗИНДАГИНОМАИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ.................................................................................................... 43
12. *Ганиев Х. (Душанбе, Тоҷикистон)* САЙТ “ФИЗИКА ДЛЯ ВСЕХ»............. 47
13. *Гиёсидинова Ф. А., Салиевой Ф. Т. (Душанбе, Тоҷикистон)* ЖУРНАЛ “ИДЕАЛ”........................................................................................... 51
14. *Гайбуллоева Х., Толибова Г., Бобоев Н. (Душанбе, Таджикистан)* ТАДЖИКСКИЙ АТЛАС: ИСТОРИЯ, ТРАДИЦИИ, ВОЗРОЖДЕНИЕ...... 61
15. *Давлатова С., Раҷабов К.Р. (Душанбе, Тоҷикистон)* ЛОИҲАИ ИНВЕСТИТСИОНӢ........................................................................ 63
16. *Давлатова Ф. (Душанбе, Тоҷикистон)* ҲИСОБАРОРИ ИННОВАТСИОНӢ...................................................................... 64
17. *Давлатова Ф. (Душанбе, Тоҷикистон* ИДОРАКУНИИ ЗЕРСИСТЕМАИ ОБИИ ОБАНБОРҲОИ НОРАК ВА РОҒУН.................................... 67
18. *Девонаева Т.Х. (Душанбе, Тоҷикистон)* ТАРАҚҚИЁТИ IT-ОЯНДАИ МОСТ............................................................................................ 69
19. *Зайниддинзода З., Халимов С., Ҳасанов А.Р., Абдулфайзов А.А., Бегмуродов С.Ш. (Душанбе, Тоҷикистон)* НЕРУГОҲИ ХУРДИ ОБИИ БАРҚИИ БӮСТОН”........................................................................................ 71
20. *Зардодхонова Ш. (Душанбе, Тоҷикистон)* ЗАРУРИЯТ ВА ФОИДАНОКИИ КОРКАРДИ ПАРТОВҲОИ ХУРОКӢ ВА БУНЁДИ СЕХҲО ДАР ШАҲРИ

КӮЛОБ....................................................................................................... 79
**21.** ***Ибодов Б.И., Ҳасанов А.Р. (Душанбе, Тоҷикистон)*** СОХТАНИ СОМОНАИ (САЙТИ) НАҚИБХОН ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ, БАХШИДА БА 150 СОЛАГИИ ШОИР.................................................................................... 83
**22.** ***Иброхимов Ю., Гафуров М. Х. (Душанбе, Таджикистан)*** ҲИМОЯИ БАРНОМАВИИ ИТТИЛООТИ ОБЪЕКТИ (МАТНИ) ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БО УСУЛҲОИ НАВТАРИН (УСУЛИ МАТРИТСАҲОИ РОСТКУНҶАВӢ ВА ТАБДИЛИ СИМВОЛҲОИ МАТН БА ДИГАР СИМВОЛҲОИ АЛИФБОИ ТОҶИКӢ)......................................................................... 84
**23.** ***Исматов Б. (Душанбе, Тоҷикистон)*** КОРХОНАИ МЕБЕЛИ «МОНАРХ» ДАР Ш. КӮЛОБ...................................................................................... 86
**24.** ***Исоева Г., Достиев М.Н. (Душанбе, Тоҷикистон)*** КОРХОНАИ ХУРДИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРКАРД ВА БАРОРИШИ АЛЕБАСТР ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА..................................................................................... 87
**25.** ***Исуфов М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** САРМОЯГУЗОРӢ ОИДИ СОХТМОНИ КОРХОНАИ КОНСЕРВАБАРОРӢ ВА КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ.................................................................. 90
**26.** ***Исуфов М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** БУНЁДИ ХОҶАГИИ НИҲОЛПАРВАРӢ ВА БОҒҲО…………………………………………….. 107
**27.** ***Ишматова Д. (Душанбе, Таджикистан)*** ОРГАНИЗАЦИЯ ПРОГРАММЫ ДЛЯ ПРОВЕДЕНИЯ КОНСУЛЬТАЦИЙ И ТРЕНИНГОВ ПОД НАЗВАНИЕМ «ЗДОРОВЫЙ ОБРАЗ ЖИЗНИ ДЕВУШКИ»………………... 117
**28.** ***Комилов С., Погосян Г. ( Душанбе, Таджикистан)*** ВЕЛОПАРКОВКА……. 119
**29.** ***Кудратбекова Н.З., Ниёзбадалова Г.М., Абдураҳмонзода Ш.М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** БАРХУРДИ ФАРҲАНГӢ………………………………………. 121
**30.** ***Мавлонзода Ш. Р., Холиқов Б. (Файзобод, Тоҷикистон)*** ПАРВАРИШИ ГУЛҲОИ ОРОИШИ ДАР ГАРМХОНАҲОИ ШАРОИТИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД ВА МУҲОФИЗАТИ ГУЛҲО............................................... 123
**31.** ***Martín Crosby-Arreaza, (USA)*** THE DEVELOPMENT OF TOURISM IN TAJIKISTAN…………………………………………………………………. 127
**32.** ***Маҷонова Т. (Душанбе, Тоҷикистон)*** БА РОҲ МОНДАНИ ЯК МАРКАЗИ МАШВАРАТӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ "МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ"....... 129
**33.** ***Мирзоев М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ЗАРАРИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ БА ОРГАНИЗМИ ИНСОН…………………………………………………… 131
**34.** ***Мирзоев Ш.А. (Душанбе, Тоҷикистон)*** "КОШОНАИ ҲУСН" ДАР НАЗДИ МЕҲМОНХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ... 133
**35.** ***Музофиршоев Н. С., Зарифбеков М. Ш. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ТАҲИЯИ WEB-СОМОНАИ ШАҲРИ ХОРУҒ......................................................... 136
**36.** ***Муродов З. (Душанбе, Тоҷикистон)*** Navruz.tj – НАВРӮЗ ИДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ........................................................................................ 137
**37.** ***Муродов З. (Душанбе, Тоҷикистон)*** PETS – КӮМАК БА ХАЙВОНОТИ БЕСАРПАНОҲ (ШАҲРИ ТОЗА ВА АҲОЛИИ СОЛИМ)......................... 138
**38.** ***Mohammad Atif Anwary, Haroon Sahebzada (Afghanistan)*** AFGHANISTAN AND TAJIKISTAN RELATIONSHIP……………………………………… 140
**39.** ***Наимов М. Ю. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ТАЙЁРӢ БА ИМТИҲОНҲОИ

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ........................................................................ 143
**40.** ***Нилуфари Маҳмад (Душанбе, Тоҷикистон)*** НОҲИЯИ МУМИНОБОД....... 149
**41.** ***Нурмаҳмадов З.М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** «DUSHANBE HOSTEL» ....... 157
**42.** ***Раджабов А., Абдуллаев Р. (Душанбе, Таджикистан)*** СТУДЕНЧЕСКИЙ ПОРТАЛ………………………………………………………………………… 159
**43.** ***Rashidov Rejep (Jilikul, Tajikistan)*** WONDERFUL EGG……………………….. 161
**44.** ***Fahim seerat, Hussein M. (Afghaniston)*** رشد اقتصاد افغانستان و تاجیکستان توسط دانشجویان دانشگاه تکنالوجی تاجیکستان 165
**45.** ***Саидова С., Абдулфайзов А.А. (Душанбе, Тоҷикистон)*** БИЗНЕС НАҚШАИ БУНЁДИ ГАРМХОНА............................................................................... 168
**46.** ***Саидова А., Хусайнова М., Мусоева Н. М. (Душанбе, Таджикистан)*** ТУРИЗМ В ТАДЖИКИСТАНЕ……………………………………………….. 186
**47.** ***Сафаров П. М.,Тошева Ф. А. (Душанбе, Тоҷикистон)*** СОХТАНИ СОМОНА ОИДИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲОЛАТ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ҲОЗИРАИ ХОҶАГИДОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………………………………………… 193
**48.** ***Саъдуллаев М. (Душанбе Таджикистан)*** ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПОЛИВА ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЕЛЬ С ПОМОЩЬЮ «СОЛНЕЧНО-НАСОСНОЙ СИСТЕМЫ + СКО»………………………………………………………….. 197
**49.** ***Сироҷев Ш.З. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ЛОИҲАИ ИННОВАТСИОНӢ STAT……………………………………………………………………………….. 201
**50.** ***Собирзода К., Шарипова М. Б. (Душанбе, Таджикистан)*** БИЗНЕС ПЛАН ПО РАЗВЕДЕНИЮ ФОРЕЛИ В ДАРВАЗСКОМ РАЙОНЕ………………… 206
**51.** ***Содиков Дж. (Душанбе, Таджикистан)*** ПРОБЛЕМА И ПЕРСПЕКТИВА РАЗРАБОТКИ РАЗНОВИДНОСТИ АБРИКОСА В ЗЕРАВШАНСКОЙ ДОЛИНЕ……………………………………………………………………….. 212
**52.** ***Содиров М.А. (Душанбе, Таджикистан)*** АВТОМАТИЗИРОВАННОЕ ЗВОНКОВОЕ УСТРОЙСТВО-1 (АЗУ-1)………………………………………… 214
**53.** ***Содиров М.А. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ТАҶҲИЗОТИ ИДОРАКУНИИ ФОСИЛАВИИ НАМОИШИ СЛАЙДҲО................................................... 216
**54.** ***Темиров С., Джамшедзод Б. (Душанбе, Таджикистан)*** ХАТЛОНСКАЯ ОБЛАСТЬ……………………………………………………………………….. 217
**55.** ***Тошов Х., Шарипова М.Б. (Душанбе, Таджикистан)*** БИЗНЕС-ПЛАН ПРОИЗВОДСТВА ПИТЬЕВОЙ ГАЗИРОВАННОЙ БУТИЛИРОВАННОЙ ВОДЫ В ДАРВАЗСКОМ РАЙОНЕ…..………………………………………. 220
**56.** ***Турсунова Т., Гадоев М. (Душанбе, Таджикистан)*** ПРОЕКТ ПО РЕАЛИЗАЦИИ ТОПЛИВНЫХ БРИКЕТОВ В КАБАДИЯНСКОМ РАЙОНЕ……………………………………………………………………… 226
**57.** ***Убайдуллаев А. Ш., Гафуров М. Х. (Душанбе, Таджикистан)*** РАЗРАБОТКА ПРОГРАММ ШИФРОВАНИЯ ОБЪЕКТОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МЕТОДОВ ЦЕЗАРЯ И ВИЖИНЕРА …………………………………………………………………… 231
**58.** ***Фаррухи У., Достиев М.Н. (Душанбе, Тоҷикистон)*** КОРХОНАИ ХУРДИ КОРКАРДИ ПАРТОВ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА.................................. 235
**59.** ***Ҳомидов М.Р., Раҳимова Ф.А. (Душанбе, Тоҷикистон)*** БУНЁДИ БОҒЧАИ

БАЧАГОНА ДАР МАРКАЗИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ....................................... 239
**60.** ***Ҳасанов М., Ҳасанов М. (Хуҷанд, Тоҷикистон)*** БАРНОМАИ КОРГУЗОРИ ЭЛЕКТРОНӢ………………………………………………………………… 241
**61.** ***Ҳидоятов Ш. Ҳ. (Душанбе, Тоҷикистон***) ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ............................ 257
**62.** ***Холмирзоева С., Шукурова З.Т., Салиева Ф.Т., Достиев М.Н. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ГУЛПАРВАРӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ.................................. 262
**63.** ***Хушвахтова Р.(Душанбе, Тоҷикистон)*** ЗАРУРИЯТ ВА ФОИДАНОКИИ КОРКАРДИ ПАРТОВҲО, БУНЁДИ СЕХИ КОРКАРДИ КОҒАЗ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ...................................................................................... 265
**64.** ***Шарипов Ш., Саидов А., Наврузов Р. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ИНВЕСТИЦИИ В БУДУЩЕЕ……………………………………………………… 267
**65.** ***Шокиров Ш., Чураева Ш., Хушвактов А. А., Хусравов Дж. Х. (Душанбе, Тоҷикистон)*** ПРОГНОЗИРОВАНИЕ НОРМАТИВНЫХ (ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ) ПОТЕРЬ ЭЛЕКТРИЧЕСКОЙ ЭНЕРГИИ ПРИ ПЕРЕДАЧЕ ПО СЕТЯМ ДО ПОТРЕБИТЕЛЯ……………………………… 268
**66.** ***Юсупов М. (Душанбе, Тоҷикистон)*** СОХТАНИ СТЕНДИ ОЗМОИШӢ ДАР МАВЗӮИ «ШИФРАТОР» ВА СОХТАНИ СТЕНДИ ВЕРТУАЛИИ ОН (ЯЪНЕ СОХТАНИ БАРНОМАИ ВЕРТУАЛИИ СТЕНД ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗӢ)…………………………………………………… 270
**67.** ***Юсупов У., Олимов Р. (Дангара, Тоҷикистон)*** УСУЛҲОИ ҶУДОКУНИИ РАВҒАНҲОИ ЭФИРИИ БАЪЗЕ АЗ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОН........................................................................................ 274
**68.** ***Юсупов У., Олимов Р. (Душанбе, Тоҷикистон)*** СОМОНАИ “ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ ТОҶИКИСТОН”................................................................... 282

# МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНОҲОИ САЙҚАЛИ ДОНИШҲОИ КОМПЮТЕРИИ ДОНИШҶУЁНИ ДТТ

**Авғонов Н.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Вазифаи лоиҳа:**

- Ба роҳ мондани хизматрасоноҳое, ки ба талаботи донишҷӯён ва боғчаи бачагон зарур буда.
- Муҳаё намудани ҷойи кор.
- Самаранокии вақти донишҷӯён ва бачагон бачагон.

Дар ДТТ Марказҳои гуногун фаъолият доранд, ки бевосита ба хизматрасонии компютери сару кор доранд. Вале дараҷаи хизматрасонии онҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест.

Дар марказ нухсабардорӣ, чопкунии силабус ва китобҳои ҳаҷман хурд, суратгирии фаврӣ барои ҳуҷҷатҳо ва партретҳо, ламинаткунонии ҳуҷҷатҳои махсус (сертификат, ифтихорнома, ҳуҷҷати ронандагӣ ва ғ.), муқовакунонии корҳои дипломӣ, диссертатсияҳо ва дигар намуди хизматрасони ба роҳ монда шудааст.

| НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲО |
|---|
| Расми (3×4) |
| Нусхабардорӣ |
| Муқовакунонии корҳои дипломӣ |
| Чопкунии (ранга) |
| Сканер |
| Ламинат |
| Бейҷик |

**<u>Мақсади лоиҳа:</u>**

Масъалаи пешрафти илму техника ва балан бардоштани сатҳи дониш ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ дар ДТТ яке аз ҳадафҳои стратегии роҳбарияти ДТТ ба шумор меравад. Аз хамин нуқтаи назар мо ҳамчун созандаи Маркази хизматрасониҳои сайқали донишҳои компютерии ДТТ тасмим гирифтам, ки саҳми худро оид ба беҳтар гардонидани сатҳи хизматрасони дар ДТТ гузорам.

**<u>Пайдоиши ғоя:</u>**

- Ин ғоя ба ман аз талаботҳои ҳаррӯзаи донишҷӯён ва литсей- и бачагон, ки ба ин гуна хизматрасониҳо ниёз доранд бо назардошти ҳамин ман таъсисдиҳандаи Маркази хизматрасониҳои сайқали донишҳои компютерии ДТТ тасмим гирифтам, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои компютери ва ташкили рақобати солим ҳиссаи худро гузорам.

## КОМПЮТЕРИ АСОСИЕ, КИ МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙҚАЛИ ДОНИШҲОИ КОМПЮТЕРИИ ДТТ ИСТИФОДА МЕБАРАД.





### НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАРКАЗ
**Маблағгузори ва буҷаи лоиҳа**

| № | НОМГӮИ МОЛ | Шумора | Нархи якдона | Ҷамъбаст |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Копютер бо таҷҳизотҳояш | 2 | 1 460 | 2 920 |
| 2 | Миз барои ҷойи компютерҳо ва таҷҳизотҳо | 3 | 300 | 900 |
| 3 | Курси барои нишаст | 2 | 100 | 200 |
| 4 | Принтер одди (SAMSUNG) | 1 | 450 | 450 |
| 5 | Принтер 3/1 (PANASONIC, Canon) | 2 | 1 000 | 2 000 |
| 6 | Расмгираки рақами (Canon) | 1 | 2 635 | 2 635 |
| 7 | Принтер ранга (EPSON) | 1 | 1 200 | 1 200 |
| 8 | Ламинатор (Flamingo – A3) | 1 | 350 | 350 |
| 9 | Таҷҳизоти муқовакунанда (переплёт) | 1 | 300 | 300 |
| 10 | Хароҷот танҳо барои қисми бинои марказ | 4,6м×3,4м | - | 15 500 |
| Ҳамагӣ | | | | 26 455 |



НАТИҶА:

Хароҷоти миёнаи марказ барои як моҳ:

| **Номгӯи хароҷот** | **Сомонӣ** |
|---|---|
| Варақ барои чоп | 400 |
| Қувваи барқ | 70 |
| Андоз (патен) | 180 |
| Иҷора аз замин (Аренда) | 200 |
| Фонди истеҳлок (амартизатсия) | 100 |
| Маоши корманди кироя | 800 |
| Дигар хароҷотҳо | 200 |
| **Ҳамагӣ** | **1950** |

**ХАРОҶОТИ ЯКМОҲА ВА ФОИДАИ СОФИ ОН**

| **Даромад (сомонӣ)** | **Хароҷотхо (сомонӣ)** | **Фоидаи соф (сомонӣ)** |
|---|---|---|
| **3000** | **1950** | **1050** |

## АЗ ТАЪРИХИ ҚАЛЪАИ ҲИСОР

**Азизов Х.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Қалъаи Ҳисор**





Қалъаи Ҳисор - ёдгории таърихӣ-фарҳангӣ буда, дар водии Ҳисор воқеъ аст. Кӯҳандижи Ҳисор, ки бо номи Қалъаи Ҳисор маъруф аст, ёдгории даврони Пешдодиён буда, болои қалъа аз се қисм иборат аст. Қисми баландии он қароргоҳи беку амирон, қисми дуюм, яъне поёнӣ - уштурхона ва қисми асосии онро аскархона ташкил медиҳад. Атрофи Қалъаи Ҳисор бо девори баланди кунгурадори муҳофизатӣ иҳота шуда,

баландиаш аз сатҳи болои қалъа 3,5 метр, рӯйи девор 10 метр паҳнӣ доштааст. Аз макони бекнишин тамоми ноҳияи Ҳисор чун кафи даст ба чашм метобад. Ба Қалъаи Ҳисор танҳо бо воситаи дарвоза даромадан мумкин будааст.

**Ривоятҳои таърихӣ**

Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки гӯё қалъа дар як шаб бо амри Оллоҳ пайдо шудааст. Аммо, ривоятҳои таърихӣ бунёди онро ба давраи шоҳ Таҳмураси Девбанд - писари Ҳушангшоҳ, набераи Сиёмак ва абераи нахустподшоҳи афсонавии давраи Пешдодиён (солҳои 3280- 993 то мелод) медонанд. Мувофиқи ривоятҳо Таҳмурас дар муборизаи муқобили девҳо бо усули худи онҳо, яъне бо сеҳру ҷоду ғолиб омада, онҳоро маҷбур месозад, ки ин қалъаро бунёд кунанд ва сипас девҳоро ба даруни қалъа банд андохта, аз онҳо ҳарфу хат омӯхта халқи мулкашро хату савод меомӯзонад. Инчунин ривояте доири аз дасти Қаҳқаҳи ҷоду озод кардани Қалъаи Ҳисор аз ҷониби Ҳазрати Алӣ (р) дар эҷодиёти халқ маълум аст. Ҳангоме ки кас ба он хоки анбӯҳи дур аз соҳили дарё қомат афрохта назар меандозад, беихтиёр ба хулоса меояд, ки он дарвоқеъ дар асари ягон қувваи фавқуттабиӣ бунёд ёфтааст.

Инчунин муҳаққиқони алоҳида ба пайдоиши Қалъаи Ҳисор кӯшиши аз назари илми ҳозиразамон наздик шуданро кардаанд. Олими рус Н.Новгородсев масъалаҳои марбут ба зилзилаи Ҳисорро (23–январи соли 1989) аз назари геологӣ таҳқиқ намуда, дар анҷоми мақолааш менависад:”Қисмати баландии қалъа дастисохт буда, дар қисмати ҷанубӣ ё табиии он то вақтҳои наздик кӯли чуқуре мавҷуд буд. Қамиш мерусту ҳоло танҳо кӯлмаки хурде аз он нишона мондааст. Аз эҳтимол дур нест, ки ин кӯл дар танӯри вулқони лойин воқеъ будааст ва бо мурури замон фаъолияти худро қатъ кардааст. Он кӯл аз обҳои нафтии қаъри замин сарчашма мегирифт” (маҷаллаи “Вокруг света”соли 1990). Аз ин андешаи олим бармеояд, ки хоктӯдаи азими Қалъаи Ҳисор дар натиҷаи зуҳури вулқон ба вуҷуд омадааст ва бо гузашти фосилаи дароз худи воқеаи вулқон аз хотирҳо зудуда гашта, дар боло ва атрофи теппа девору биноҳо бунёд карда шудаанд. Қалъа ва шаҳри Ҳисор бисёре аз ҳокимони одилу фозил ва покандешу хайрандешро дида, давра ба давра ободу зебо гардидааст.




**Экспедитсияи Ҳисор**

Пас аз истило шудани Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар охири асри XIX шартномаи тобеияти аморати Бухоро, аз ҷумла бекигарии Ҳисор бо империяи

Русия муқаррар карда шуд. Тоҷирон, сайёҳон, олимон, таҳқиқотчиён, мансабдорон ва ҳар биёни Русияву Аврупо дар ҳамаи бекигариву амлокдорӣ ҳуқуқи озодона савдо кардану кору таҳқиқот бурданро пайдо намуданд. Ба аврупоиён ганҷинаи пурасрори Ҳисори Шодмон дар соли 1875 аз ҷониби «Экспедитсияи Ҳисор» маълум гардид. Акнун онҳо ба ин диёр омада оид ба омӯзишу таҳқиқи растаниву ҳайвонот, обҳои табииву конҳои пурасрор, захираву манбаъҳои зеризаминӣ, сиёсату маданият ва вазъи зиндагии мардуми оддӣ машғул мешуданд. Яке аз сайёҳони арман В.Марконян, ки дар он солҳо ба Ҳисор меҳмон шуда омадааст, вазъи бади тандурустии аҳолиро ба ҳисоб гирифта, дар хотироташ ин диёрро «водии марг» номидааст. Сабаб дар он буд, ки ғайр аз мансабдорону бойҳо ба халқи бенаво хизмати тиббӣ асонида намешуд.





Сарҳанг (полковник)-и артиши подшоҳии рус Д.Н.Логофет, ки дар соли 1880 дар Ҳисор буд, вазъи мураккаби ҳаёти мардумро бо камоли таассуф ба қалам медиҳад: «Дар он солҳо дар деҳаҳои дурдасти кӯҳистон корҳои таҳқиқотӣ бурда, мо аз бисёр сокинон хабарҳои наву тозаро борҳо мешунидем. Арзу шикояти беҳисоб ба шахсияти бекҳо, инчунин ба хизматчиёни поёнӣ гувоҳи ин буданд, ки дар бораи сар задани шӯришҳои нави халқӣ дар бекигарӣ кушоду равшан гап мезаданд». («Административное устройство Гиссарского бекства», Туркестанские ведомости, 1880, №112). Ин таҳқиқотчии кунҷков ва закӣ дар ҷои дигар, дар асараш «В горах и на равнинах Бухары» («Дар кӯҳҳо ва водиҳои Бухоро», СПб.1913 саҳ.479) менависад: «Осори гулӯлаҳои тӯп, ки деворҳоро хароб кардаанд ва дар табақаҳои ғафси дарвоза сӯрохиҳои калонро гузоштаанд, баёнгари безабони онанд, ки Қалъаи Ҳисор чандин маротиба дучори муҳосираю ҳуҷум гардидааст». Тибқи шаҳодати ин афсари подшоҳии рус атрофи шаҳри Ҳисорро қӯрғони азими даҳкилометра бо чор бурҷи идбонгоҳдор иҳота кар- да буданд, ки панҷ дарвоза дошт: “Хоки сафед”,”Чангоб”,”Чашмаи моҳиён”,«Шаккарӣ» ва «Обдузд». Перомуни дарвозаҳои шаҳри Ҳисор ҳаминро бояд хотирнишон сохт, ки меъмории ин дарвозахонаҳо ба мисли дарвозаҳои имрӯзаи баъзе аҳрҳои олам гумбазшакл буда, аз масолеҳи мустаҳками хишти пухтаву санг сохта, бо усули биносозии шаркӣ қомат афрохтаанд. Онҳоро миршабон ва дарвозабонон муҳофизат мекарданду одамонро тафтиш ва иҷозаи воридшавӣ медоданд.

Мутаасифона, ҳоло аз ин дарвозаҳо танҳо номашон боқӣ мондаву онҳоро майдонҳои пахтазор ишғол кардаанд.

Маълумоти олим В.Л.Литвинов





Тибқи маълумоти олим ва афсари артиши подшоҳии рус В.Л.Литвинов, ки соли 1910 гузораш ба Ҳисор афтода, ба ҳусну тароватӣ ин диёри афсонавӣ, хусусан Қалъаи Ҳисор мафтун шуда буд, дар мақолааш «Очерки Гиссарского края» (рӯзномаи «Туркестанские ведомости», 19-октябри соли 1910) чунин навиштааст: «Тоҷикон барои сохтмони бо- лохона ва меҳмонхона, албатта, ҷои баландтаринро интихоб мена моянд, ки аз он уфуқи дуртаринро ҳам дидан мумкин бошад. Дар ин бобат иртифоти Қалъаи Ҳисор бо қасри қӯшбегӣ олӣ мебошад. Аз ин фароз тамоми қалъа, шаҳр, девори атрофи он, дидбонгоҳ, ҷараёни дарёи Чангоб, қисмати рӯдхонаи Кофарниҳон, бархе қитъаи водии бузурги Ҳисорро бо ҷузъиёташ наззора кардан мумкин аст». Аз рӯи нақли ин олими таҳқиқотчӣ баландии девори Қалъа аз теппаи фарозаш 3,5 метрро ташкил намуда, аз ду самт кунгурадор (дандонадори хиштин) будааст ва паҳноияш ба мисли Садди бузурги Чин ба ҳадде будааст, ки беки Ҳисор ҳар гоҳе бо фойтуни дуаспа нишаста рӯ-рӯйи девори гирдогирди Қалъа тоб хӯрда, шаҳр ва ҳудуди қаламравашро тамошо мекардааст. Дар тали фарозтарини тарафи рости Қалъаи Ҳисор баландии мутлақ аст, ки онро қароргоҳи бек мегӯянд. Аз рӯйи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва суратҳое, ки дар ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқону сайёҳон аккосӣ шудааст, маълум мегардад, ки он бино дарозрӯяи якошёна буда, 24 ҳуҷра доштааст. Айёме, ки бек ҳангоми гармоҳои тобистон ба бошишгоҳҳои тобистонааш ба Қаротоқ, қалъаи Душанбе ё Хонақоҳи Кӯҳӣ мерафт, онро хизматгорон таъмир ва дуруст мекарданд. Ин қароргоҳи бек низ қурбони сиёсати овони «атеизми ҷанговар» гардид, ки ҳангоми гузаронидани ҳафриётҳои бостоншиносӣ аз онҳо танҳо пойдевори баъзе ҳуҷраҳо бо ташнобҳояш ва осори хокистартӯдаҳо муайян гардиданду халос. Мегӯянд, ки дар дохили қалъа 3 масҷид амал мекардааст, ки муаззини яке аз онҳо Мирзо Мӯъмини Бойсунӣ будааст. Дар мактаби хусусии қароргоҳи бек Домулло Ҷӯраи Охунд мударрисӣ мекардааст, ки танҳо ба фарзандони амалдорон илми динӣ таълим медод. Қисмати ҷанубии қалъа «Уштурхона» номида мешуд, ки дар он ҳайвоноти боркашро нигоҳ медоштанд. Ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ тарҳи ин оғилҳоро муайян карданд. Дар теппаи болои он солҳои инқилоб қариб 25-30 сарбозони русро, ки ҳангоми

набардҳо қурбон шудаанд, ба хок супорида- анд, ки ҳоло дахмаи онҳо қариб ноаён шудааст. Қисмати охирини қалъаро майдони бузурги мудаввари фарохи «Аскархона», ки дар қисмати ғарбӣ нисбатан пасттар ҷойгир аст, хотима медиҳад. Дар қисмати поёнии он чашмаи машҳури як вақте бо номи “Заъфарнӣ” маъруф ва сӯрохии калоне воқеъ аст, ки он низ собиқ дарвозаи хурд будааст. Аз он роҳ ба дохили қалъа хошоку озуқаи чорво ворид мегардид, ки ҳоло дар назди даромадгоҳаш мазори яке аз фузалои аҳли тариқат Шайх Нуриддини Нафас ҳамроҳи ду зани солеҳа қарор дорад.



**Қалъаи Ҳисор**

Собиқ қароргоҳи бек, сарнишондаи амири Бухоро дар 26 километрии ғарби пойтахт ҷойгир шудааст. Қалъаи деворҳои ғафсиаш 1 метр бо сангарҳои тирпарронӣ ва тӯпҳо аз ҷониби посбонҳо тахти муҳофизат қарор гирифта буд. Дар дохили қалъа ҳавз ва боғ мавҷуд аст. Зинаҳои бузург ва пешайвонҳо, ки аз хишт сохта шудааст, ба даромадгоҳи асосӣ роҳ мекушояд. Мутаассифона, то рӯзҳои мо ин зинаҳо ва бинои қалъа низ боқӣ намондааст. Ягона чизи ҷолибе, ки аз қалъаи мазкур боқӣ мондааст – дарвозаҳои пуршукӯҳи пештоқдори аз хишт сохташуда бо ду манораи устувондор аст, ки дар асрҳои XVII-XIX аксари дарвозаҳои Бухоро бо ин тарз сохта мешуд. Вале, ҳамин қисмати боқимондаи қаср низ хеле пуршукӯҳу назаррабо ҷилвагар мегардад. Дар рӯ ба рӯи қалъа бозори пуршӯру сермағал бо корвонсарой ва фурӯшгоҳҳо мавҷуд буд. Дар муқобили даромадгоҳи қалъа Мадраси кӯҳнаи дар асри XVII сохташуда боқӣ мондааст, ки дарт он Қуръонро меомӯхтанд. Дар назди он Мадрасаи нав, дар асри XVIII-XIX ва мақбараи дар асри XVI-XVII сохташуда мавҷуд аст. Ба таърихи пайдоиши Қалъаи Ҳисор якчанд ривоятҳоро мансуб медонанд, ки сокинони маҳаллӣ онҳоро тасдиқ менамоянд. Мувофиқи яке аз ин ривоятҳо, қалъаро Афросиёб барои муҳофизат аз Рустам (қаҳрамони достони «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ) сохтааст. Ривояти дигар чунин аси, ки халифаи тақводор Алӣ бо аспи худ Дул-Дул ба ин ҷо баҳри тарғиби дини ислом омада, дар кӯҳе маскан гузидааст, ки имрӯз номи Пои Дул-Дулро дорад (дар ғарби Ҳисор). Ӯ чун дорбози чолок аз кӯҳ вориди қалъа мегардад, вале ӯро шинохта, асир мегиранд. Аспи вафодораш шамшери Зулфиқорро ба ӯ меорад ва бо ин шамшер тамоми душманон, аз ҷумла ҷодугари он замон соҳиби ин қаср бударо низ ба қатл мерасонад. Дар канори қалъа ду чинор қомат афрохтаанд, ки тақрибан 500-700-сол умр дорад.(www.tdc.tj)



**Мадрасаи кӯҳна ва нав**

Мадрасаи кӯҳна бинои хиштии дар асрҳои XVI-XVII сохташуда бо даромадгоҳи асосӣ буда, бо гунбаз ба итмом расонида шудааст. Ҳангоми ба даруг ворид шудаг дартпеши назар ҳавлии васее намудор мешпавад, ки гирдогирди онро ҳуҷраҳо иҳота кардааст. Ҳануӯз дар авали асри XX дар ин ҷо аз 100 то 150 толдибилм таҳсил мекард.Дарсҳо соли 1921 қатъ карда шуд. Ҳамчунин дар Мадрасаи кӯҳна бинои китобхона ҳифз шудааст. Мадрасаи нав, ки дар асрҳои XVII-XVIII бино ёфтааст, мутаассифона қариб ба пуррагӣ хароб шудааст. Аз он танҳо намои дуқабата боқӣ мондаасту халос.

Дар паҳлӯи Мадрасаи кӯҳна мақбараи Махдуми Аъзам (асрҳои XVI-XVII) ҷойгир шудааст. Махдуми Аъзам ин ном набуда, балки лақаб ва ё унвонро ифода мекунад. Аҷиб он аст, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ чандин маҷмааҳо бо ин ном мавҷуд аст, ки онҳоро бо одамони гуногуни воқеӣ, арбобони давлатӣ ва ё динӣ пайванд медонанд. Дар мақбараи Ҳисор кӣ гӯронида шудааст, то ҳол муаммост, вале тахминан ин гӯри Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳайвоқӣ аст.(www.tdc.tj)

Боз як бинои ҷолиби диққати маҷмааи Ҳисор ин корвонсаройи «Хиштин» аст. Дар асри XX аз корвонсарой боқимондаҳои ҷудогонаи пойдевор ва деворҳо, ки баландиашон қариб 1 метр буда, аз хишти пӯхта сохта шудааст, боқӣ мондаасту халос. Намуди аввалаи он танҳо дар расме, ки соли 1913 аккосӣ карда шудааст, боқӣ мондааст, ки аз рӯи он корвонсарой аз нав барқарор карда шудааст.

Ёдгории шоёни диққати мамнӯъгоҳи Ҳисор ин масҷиди гунбаздори «Сангин» (асрҳои XII –XVI) ба ҳисоб меравад. Масҷид барои он Сангин ном гирифтааст, ки деворҳои он то ба нисф аз санг сохта шудааст. Ба гунбази масҷид чор кӯзаи сафолини бетаг барбаста шудааст. Ҳамин тавр резонанскунандаи аслӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки он барои беҳтар намудани қобилияти садодиҳии бино пешбинӣ гардидааст.(www.tdc.tj)

**Фарҳанг**



Ҳисори шодмон, диёре аз мавзеъҳои биҳиштии Тоҷикис-тон, бо таърихи куҳан, иморатҳои вижаи дар давраҳои гуногун қоматафрохта, фарҳанги волои гузаштагони ин сарзамин ва бозёфтҳои нодири ҳафриётӣ дер боз мавриди таваҷҷуҳи сайёҳон ва бостоншиносон қарор гирифтааст. Ҷиҳати таъмини ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои таърихии ноҳияи Ҳисор қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон дар мувофиқа бо ЮНЕСКО аз 1 марти соли 2012, таҳти №90 ба тасвиб расидааст ва мутобиқи он 10 сентябри соли 2015 3000 - солагии Ҳисор таҷлил мешавад. Баҳри дар сатҳи баланд ва арзанда ҷашн гирифтани ин санаи муҳим таъмиру барқарорсозӣ, таҷдиди роҳҳо, сохтмонҳои азим дар ноҳия бо суръату мароми муайян давом доранд. Хабарнигори мо бо мақсади огоҳ намудани хонандагони рӯзнома аз рафти омодагиҳо ба ҷашн бо Зикрулло Ҷобиров, директори Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнуъгоҳи таърихиву фар-ҳангии Ҳисор», ҳамсуҳбат шуд.

Зикрулло Ҷобиров иброз дошт, ки айни ҳол бо ширкатҳои сайёҳии «Интурист», «Роҳат-тур», «Сайёд» ва меҳмонхонаи «Тоҷикистон» ҳамкорӣ доранд. Тавассути хатсайрҳои махсус ба сайёҳон, меҳмонон ва умуман нафарони хоҳишманд саёҳатҳои экскурсионии ҷолибу хотирмон роҳандозӣ мешаванд.

Роҳбаладон маълумоти гуногунро роҷеъ ба таъриху пайдоиш, асрори иншооти қадимӣ ва ривоятҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ манзури ҳаводорону дӯстдорон менамоянд.

Танҳо дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба мамнуъгоҳ 6249 нафар ташриф овардаанд, ки аз онҳо 1648 нафар меҳмони хориҷӣ ва сайёҳон, 3360 нафар сайёҳони дохилӣ ва 1241 нафар толибилмону донишҷӯён мебошанд. Инчунин, дар ин давра беш аз 3000 меҳмони расмӣ аз ҷониби кормандони муассиса пазироӣ шуд. Ба гуфтаи директор ташрифи меҳмонону сайёҳон ба мамнуъгоҳ сол ба сол меафзояд. Мутаассифона, сайри толибилмону донишҷӯён ба Қалъаи Ҳисор дар давраи сипаришуда қариб ду маротиба кам шудааст. Сабаби коҳиш ёфтани сайри толибилмону донишҷӯёнро Зикрулло Ҷобиров дар он арзёбӣ намуд, ки алҳол ҳуқуқи гирифтани иҷозатномаи сайёҳиро танҳо ширкатҳои туристӣ доранд ва муаллимон наметавонанд бидуни иҷозатномаи

(литсензия) махсуси туристӣ вориди мамнуъгоҳ шаванд. Ин амал боиси нигаронии ҷиддист. Ба гуфтаи З. Ҷобиров таъсиси бештари ширкатҳои туристӣ ба сайри экскурсионӣ ҷалб намудани толибилмону донишҷӯён аз ноҳияҳои гирду атроф ва навоҳии дурдасти мамлакат мусоидат менамояд. Ва вақте ки наврасону ҷавонони кишвар бо роҳбаладии мутахассис мамнуъгоҳро сайр мекунанд, аз таърихи пайдоиш, фарҳанги ғании қадимаи ин мавзеъ огоҳ мешаванд, муҳаббати онҳо нисбат ба Ватани азизу куҳанбунёд, миллати меҳнатқарину соҳибтамаддун афзуда, ҳисси худшиносиву худогоҳиашон боло меравад.
Вобаста ба ҷашн шуъбаи меъмории мамнуъгоҳ дар ҳамкорӣ бо муассисаи илмию истеҳсолии Вазорати фарҳанг лоиҳаи беш аз 13 барномаи меъмориро таҳия ва пешниҳод намудааст.



Онҳо пазирой ёфта, феълан мавриди амалишавӣ қарор доранд. Чунончи, айни замон дар дӯконҳои ҳунармандон (кӯчаи ҳунармандон) қариб 80 дарсади корҳои таъмиру сотмонӣ ба итмом расидаанд. Дар девори мудофиавии қалъа иҷрои корҳои тарҳрезию барқарорсозӣ 30 дарсадро ташкил медиҳанд.

Таъмиргарон дар марҳалаи дуюми кор ба барқарорсозии қасри ҳоким оғоз мекунанд. Дар ҷое, ки ҷашну сури ҳокимон барпо мешуд, бинои чойхона ва дар майдони аскархонаи қалъа – Наврӯзгоҳ бунёд мешаванд. Инчунин ду дарвозаи аскархонаро, ки яке барои аскарон, дигаре барои меҳмонони фахрӣ ва ҳоким пешбинӣ шуда буд, барқарор мекунанд. Ҳамчунин дар оянда сохтмони бинои нави осорхонаи замонавӣ барои нигоҳдории бозёфтҳои гуногуни таърихӣ, ки аз гирду атрофи Ҳисор дарёфт шудаанд, дар назар аст.

Мамнунгоҳи таърихиву фарҳангии Ҳисор соли 1982 дар асоси муҷтамеи таърихии ёдгориҳои меъморӣ бо қарори махсуси Ҳукумат таъсис ёфт. Осорхона зери фазои кушод воқеъ буда, дорои арзиши беҳамтои таърихӣ, бостоншиносӣ ва меъморист. Ҳудуди 22 гектарро дар бар мегирад. Ин марз бостонист ва зиёда аз 3000 сол қабл дар ин ҷо тамаддуни волое арзи ҳастӣ дошт. Ёдгориҳои таърихию меъморӣ, ки то ба имрӯз симои аслии хешро нигоҳ доштаанд, аз қарнҳои XI пеш аз мелод, то садаи XIX рост меоянд. Лаҳзае, ки хотири моро муҷтамеи ёдгориҳои таърихию меъморӣ ба оғӯш мегирад,

хештанро дар шаҳри асримиёнагие бо майдони Регистон, дижи қадим, силсилаи иншоотҳои фарҳангӣ - маърифатӣ, ҷомеавӣ – савдоӣ мебинем. Майдони Регистонро ду мадраса – куҳна ва нав, корвонсарои аз хишти пухта, дарвозаи арк, девори мудофиавии Ҳисор ва таҳоратхона иҳота кардаанд. Дар ду тарафи дарвозаи асосии арк ду бурҷи баланди мудаввар қад афрохтаанд, ки ғафсии деворҳояшон зиёда аз як метр мебошад. Бурҷҳо ҳаштогӣ тиркаш (ҷойи тирандозӣ) доранд. Дар пешорӯи ду тарафи дарвоза суфаҳои калон мавҷуданд. Бино ба қавли куҳансолони деҳа ва сайёҳони то замони инқилоб ба ин мавзеъ омада, дар ин ҷо тӯпҳо меистоданд. Баъд аз дарвозаи арк дар ду тараф қаровулхонаҳоро ҳоҳед дид. Пас аз убури миёнсарой дар самтҳои чапу рости арк ду хоктӯдаи азим ба чашм мерасанд. Мувофиқи маълумотҳо дар ин ҷо зиндонҳо будаанд. Дар яке аз ин зиндонҳо сарвари машҳури шӯриши халқӣ, ҷувозкаши балҷувонӣ – Восеъ, ки бар зидди золимони манғит ҷангидааст, ҳангоми ба Шаҳрисабз барои қатл бурданаш муддате маҳбус буд.



Қалъаи Ҳисор аз се қисмат иборат аст. Дар тали баландтарини тарафи рости қалъа қароргоҳи ҳоким воқеъ буд. Қисми ғарбии начандон баланди қалъаро «уштурхона» ном мебурданд. Дар ин ҷо аспу уштурҳоро нигоҳ медоштанд. Дар қисмати шимолӣ майдони мудаввар воқеъ мебошад, ки аскархона ном дошт. Аз аскархона чашмаи об заҳида мебарояд. Дар бораи қалъа ва чашмаи дохили он ривоятҳои аҷиб мавҷуданд. Гуштаспон (Низак), ҳокими Ҳисор, замони тасарруфи араб тамоми дороӣ ва хазинаи худро ба ин чашмаи бетаг андохт, то ин ки ба дасти душман наафтад. Тибқи яке аз ривоятҳо қалъаро Афросиёб баҳри муҳофизати хеш аз Рустами Дастон бунёд гузоштааст. Ривояти дигар ҳикоят мекунад, ки ин қалъаро аҷузаи золим Қаҳқаҳаи Ҷоду сохтааст ва ӯ аз ҷониби ҳазрати Алӣ кушта шудааст. Дуртар аз майдони Регистон дар қисми ҷанубии он мақбараи Махдуми Аъзам, инчунин дар қисмати ҷанубу шарқӣ масҷиди Сангин, масҷиди Одина ва мадрасаи Чашмаи Моҳиён воқеанд. Ҳоло мадрасаҳое, ки то давраи мо беосеб омада расидаанд, мадрасаи куҳна (асри XVI) ва мадрасаи нав (баъди 50 сол бунёд ёфтааст) мебошанд. Имрӯзҳо барои таъмиру барқарорсозиашон маблағҳои инвеститсионӣ ҷудо шудаанд. Мадрасаи куҳна аз ҳисоби маблағгузории сафорати ИМА тармим шуда истодааст. Таъмиру барқарорсозӣ се давраро дар бар мегирад.



Дар давраи сеюм тартиб ва нашри китобҳо, буклетҳо бо чор забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ) ва се ҳуруфот, омодасозии маводи хотиравӣ дар шакли ашёҳои гуногунҳаҷми таҷассумгари намои қалъа сурат хоҳад гирифт, ки ба сайёҳону меҳмонон тақдим мегарданд.

Ҳисор яке аз шаҳрҳои бостонии Осиёи Миёна ба шумор меравад. Он аз қадим бо обу ҳавои нарму мусоид, кӯҳҳои пурфайз, дарёҳои сероб, заминҳои зархез ва ёдгориҳои давраҳои гуногуни таърихӣ диққати сайёҳонро ҷалб намудааст. Одамон ҳанӯз 40 - 50 ҳазор сол қабл дар ин мавзеи бобаракат маскун шуда, ба зироаткорию чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд. Шаҳри Ҳисор то инқилоби Октябр маркази Бухорои Шарқӣ ба шумор мерафт. Соли 1924 назди дарвозаи арки Ҳисор эъломияи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистонро хонданд ва Душанбе марказ эълон шуд.

Шаҳри асримиёнагии Ҳисор дар масофаи 10 километр бо девор ва хандақи васеи пур аз об иҳота шуда, чор дарвоза дошт. Баландии девори атрофи шаҳр 5-8 метр, паҳнoии девор 4-5 метрро дар бар мегирифт ва мир шабона бо аспу ароба болои девор гашту гузор намуда, атрофи шаҳрро назорат мекард. Дар пойгоҳи қалъа, яъне дар майдони Регистон бозори калони Ҳисор воқеъ буд. Яке аз шохаҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим аз Ҳисор мегузашт. Сайёҳон, муҳаққиқон ва савдогарони зиёде аз мамолики гуногуни Осиёву Аврупо ба ин мавзеъ ташриф оварда, доир ба шаҳри Ҳисор хотираҳои аҷибро ба қалам додаанд.

Бостоншиносон бар он ақидаанд, ки Ҳисор дорои таърихи бостонӣ буда, ҳанӯз ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст. Ин боис мешавад, ки ба Ҳисори шодмон сайёҳону олимон, бостоншиносон аз кишварҳои дуру наздик рӯ оранд. Бинобар ин масъулону мутассадиёнро лозим аст, ки бахри ба талаботи ҷаҳонгардии муосир мутобиқ намудани ин мавзеъ корҳои муайянро сомон бахшанд. Алҳол назди қалъа тарабхонаи зебое бо тарҳи миллии меъморӣ фаъолият дорад, вале он басанда нест. Марказҳои зиёди савдои хӯроку маводи лозимӣ, ашёҳои гуногуни хотиравӣ бояд ба фаъолият пардозанд ва дигар инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ роҳандозӣ гардад. Барои ҳифзу омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ дар мамнуъгоҳ шуъбаҳои мардумшиносӣ, меъморӣ, рассомӣ, таъриху бостоншиносӣ, таъмиру бар-қарорсозӣ ва хизматрасонии осорхона

фаъолият менамоянд. Кормандони муассисаро лозим меояд муҷтамеи ёдгориҳои таърихию меъмории аз гузаштаи дур бозмондаро барои ҷаҳонгардони аз кишварҳои дуру наздик омада ҷолибтару диданӣ созанд.




Мамнуъгоҳи таърихиву фарҳангии Ҳисор бо таърихи куҳану фарҳанги волои худ сазовори сарфарозӣ дар ҷаҳони сайёҳист. Ва месазад, ки ин ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллиро ба макони сайру сайёҳати ҷаҳонӣ табдил диҳем. Ҷашни байналмилалии 3000 – солагии Ҳисори бостон, ки бо талошҳои муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО – ниҳоди байналмилалии фарҳангии Созмони Миллали Муттаҳид роҳандозӣ шуд, барои ин амал заминаи мусоид фароҳам овард. Бунёди даҳҳо иншооти зебою замонавии иқтисодию иҷтимоӣ, иморату қасрҳои барҳаво симои Ҳисори куҳанро ҷавон ва аҷаб зебою диданӣ намудааст. Ин дар ҳолест, ки сохтмону навсозӣ дар Ҳисори шодмон рӯз ба рӯз вусъати тоза мегирад.

## ОНЛАЙН МАГАЗИН

**Азимов Х., Холов Х.**
**Таджикский государственный университет коммерции**

**Проблема:**

Сеть интернет в настоящее время это возможность удобно продавать и совершать покупки. Интернет-магазин обладает рядом бесспорных преимуществ, по сравнению с обычным розничным магазином и рынком. Примеры, которых немало у нас в городе, они возникают поочередно, тогда, когда у людей возникает потребность что-либо купить или продать.

**Описание проекта:**

Исходя из сложившейся ситуации, мы приняли решение организовать специальный веб-магазин, который призван решить большинство из проблем на сегодняшний день в сфере продаж и покупок национальных изделий (плотничество, резьба, гончарство и т.д.). Для продавцов и покупателей будет достаточно пройти простую регистрацию, чтобы продать свой товар, разместив его на виртуальной витрине нашего магазина, или совершить покупку товара.

**Цель проекта**:

Расширить веб-страницу **«handmade.tj»** и сделать ее привлекательным для туристов и пользователей данной веб-страницы., позволяющий продавать и совершать покупки национальных изделий в режиме «**online**».

**Метод реализации проекта:**

На первом этапе реализации проекта мы планируем создать дизайн сайта, который будет включать подразделение товаров на категории, регистрационную страницу, а также, жалобную книгу для гостей сайта. Далее, мы распространим среди населения города флайеры, несущие в себе информацию о нашем новом, удобном и доступном для всех интернет-магазине.

**Предполагаемые результаты проекта:**

- Наш интернет-магазин будет работать 24 часа в сутки, без перерыва на обед, без выходных и праздничных дней;

- Доступ к виртуальным витринам магазина может получить любой покупатель, находящийся в любой точке страны;

- Интернет-магазин позволит общаться с потенциальными клиентами, находящимися сколь угодно далеко, в режиме реального времени;

- Развитие мобильных устройств для доступа в Интернет (мобильный телефон, КПК и т.д.) позволят получить доступ к Интернет-магазину из любой точки, вне зависимости от месторасположения потенциального клиента.

- Стоимость товаров в Интернет-магазине будет несколько ниже, чем в обычных магазинах, что будет играть особенно важную роль.

Мы собираемся реализовать проект, который может успешно справиться с возлагаемой на него целью - внедрить возможности интернета в коммерческую деятельность граждан, а также, получить прибыль.

Что касается доходов нашей команды, мы будем получать прибыль за единицу проданного товара в %-ах от одного до трех в зависимости от категории товара. После реализации проекта, чтобы продать свой товар вовсе не нужно будет выстраиваться под открытым солнцем, несколько дней тратя не только свое драгоценное время, но и нервы. Достаточно будет зарегистрироваться на нашем сайте **«handmade.tj»** и разместить свой товар.

# BUSINESS PLAN FOR THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ACTIVITY NTP LLC "RUHOM"

**Akimbekova Sh ., Ozodbekov D., Radjabov K.R.**

**Gem stone - a promising industry the mining industry in Tajikistan (example NP LLC "Ruhom")**

The land of Tajikistan is a universal natural source of a wide variety of stones from semiprecious to precious. What is the most important attribute of a gem? Beauty, rarity, originality, appearance and durability.

Stone "Ruhom" - stone of kings, clarifies the vision

Mankind is engaged in processing stone since the primitive society. Over time, it has modernized and semi-precious stone processing raw materials introduced new technologies and equipment for processing.

The development of handicraft industry is a folk art certainly is often accompanied by the development of tourism, bringing in different countries uvalivayuschaya solid income and jobs Gems Pamir attract tourists

The country has everything to develop the industry of processing of precious stones and gem stones

Ten years ago in Tajikistan with great difficulty could buy decent souvenir for friends and foreign guests. Counters were filled with knives and dzhurabami, clay figurines and skullcaps. Currently, many different products Ltd. "Rukh," seeing that refined guest would enthusiastically say, "Oh."

Scientific and Production Company Limited Liability (LLC NP) "Ruhom" is situated in the city of Dushanbe, it was established in 1994 as a joint research and manufacturing company based on software "Pamirkvartssamotsvety", and in 2000 re-registered as a private scientific production company LLC "Ruhom" is one of the largest stone processing plants in the Republic of Tajikistan. The company specializes in the production of semi-precious stone materials: beads, necklaces, necklaces, bracelets, beads, charms, pendants, earrings, candlesticks, vases, desk sets, jewelry boxes, spheres, pyramids, cylinders, and various other products made from a wide range of natural stone, also collecting mineralogical and paleontological collections. Research and production activity of the company is closely linked with the activities of the geological institutions ("Tadzhikglavgeologiya“), Institute of Geology, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, etc.).

The main consumers are the domestic market. Communication with external customers at this time takes place only at the fairs held in these regions.

Foreign economic activity predpriyatii- a sphere of economic activity related to the production of integration and cooperation, import and export of goods and services. For the development of foreign economic activity can be determined as follows

- Satisfaction of customer requirements and competitive development of new proposals;
- Gain competitive advantages in both domestic and foreign markets;
- Obtaining certain profit and reinvestment;
- An increase in output of new products and sales;
- Increase market share

For example, the power profile "Ruhom" on output for December 2011 is;
Total ...... ..Po results of the second half of 2011 LLC "Ruhom" has received six patents and 10 utility model certificates
The production of 12 introduced inventions and rationalization proposals in 1402. Since 2009 Ltd. "Ruhom" is implementing a program of technical re-equipment, the implementation of which will significantly increase the efficiency of production, while increasing production capacity and improving the quality indicators of production.

In our opinion, for the efficient operation of the leadership of "Rukh" must take into account the requirements of the external environment of marketing: a feature of the current legislation, international law, social and cultural environment, customs, rules of monetary settlement policy, etc..

In order to successfully meet the challenges of market research, competitive goods, the level of purchasing power, the demands of customers to the goods, factors of consumer behavior, as well as prospects for the changing needs of the various services in the commodity of "Rukh" resorted to market research

The company has convenient access to export markets - exits to several foreign countries available directly from the border of our country. The main forms of foreign economic activities of "Ruh" is a foreign trade activities, and recent guidance of "Rukh" seeks international cooperation production.

During 15 years of existence we have received a lot of diplomas and certificates of honor for participation in international exhibitions. Are special Diploma for active participation in exhibitions, visited "the 10th anniversary of the CIS", "the 15th anniversary of the CIS", "EXPO-2005" and diploma through the development of national crafts from Central Asian associations to support crafts, headquarters, which currently is in Kazakhstan.

It should be noted that the main consumer products are foreign visitors from Europe, Russia, China and Central Asian republics. Sometimes they bought souvenirs of his sketches. A lot of orders we receive on the Internet. In 2005, he opened a salon "Silk Road", which contains exclusive items of the best masters - craftsmen Tajikistan. It represents kamenno-manufacturing industry of the country at the EXPO 2005 in the Japanese city of Nagaya .Also participated in the festival of folk crafts in Bukhara, "Issyk-Kul", at the exhibition in Paris (2007).

The company employs more than one hundred professionals, artists, designers, stone carvers. And they produce from the large interior and official gifts to small promotional gifts. Product gems represented in the company store "Mir-precious stones" in the near future will improve the delivery of products on the internet.

**By buying our products, says CEO Mufarah Muhabatov-you at the same time finds peace, strength and health .a if you take as a gift means giving and wish all your family and friends..**

**The total amount of the let-out production NP LLC "Ruhom"**

| Year | Quantity of products | Amount |
|---|---|---|
| 2011 | 57975 | 1 091 481 |
| 2012 | 63256 | 1 244 545 |
| 2013 | 68545 | 1 408 965 |
| 2014 | 75941 | 1 548 485 |

| *Net cash flow (NPV)* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| nomination | | | | | |
| | | | | | |
| Net inflows to the individual (NPV) | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Plates from lodzhuvarda | - 6 863,8 | -12630,8 | -8806,1 | -6269,4 | 1219,3 |
| Plates made of white marble | 1873,8 | 4871,6 | 8160,2 | 12207,9 | 19503,5 |
| Plates made of onyx | -11404,6 | 8882,8 | 11173,0 | 15671,4 | 29134,9 |
| Plates from coils | -3610,8 | 6502,4 | 10203,9 | 15789,7 | 15725,9 |
| | - 20 005,4 | 7626,0 | 20731,0 | 37399,6 | 65583,5 |






# САРАЗМИ ҚАДИМ

**Аминов М. П.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Шаҳркадаи Саразм** - яке аз ёдгориҳои қадимтарини давраи энеолит ва аввали асри биринҷӣ Осиёи Миёна мебошад. 31 июли соли 2010 Саразм ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО дохил шудааст.

## Номгузорӣ

Номгузории **Саразм** аз калимаи тоҷикии «саризамин» ба вуҷуд омадааст.[1]. Саразм дар соҳили чапи яке аз дарёҳои бузурги Осиёи Миёна - Зарафшон, дар баландии 910 м аз сатҳи баҳр 15 км аз ш. Панҷакент ва 45 км дуртар аз ш.Самарқанд ҷойгир аст. [2].

## Санагузорӣ

Саразми бостон ба солҳои 3400 – 2000 п.м. мансуб аст.

## Ҳафриёт

Барои илми бостоншиносӣ, умуман барои кулли инсоният кашфи бошишгоҳи Саразм бозёфти беназир будааст. Бояд таъкид кард, ки заҳматҳои нахусткашшофи Саразм Абдулло Исҳоқиро нимаи дуюми солҳои 70 саромад. Бо амри тасодуф пиронсоле як сокини маҳаллӣ бо насаби Тайлонов табарзин меёбад ва пас аз шаш соли андеша оқибат онро ба Исҳоқӣ медиҳад ва сири Саразм Рушан мешавад. Акнун бахти археолог механдад ва ковишҳо шурӯъ мегарданд. Шаҳркадаи Саразм масоҳати умумии 100 гектарро дарбар мегирад. Шаҳри Саразм дорои қаср ва маъбад, маҳаллаҳо ва кӯчаҳо буд. Саразмиҳо бо кишоварзӣ ва чорвопарварии хонагӣ машғул буданд. Истеҳсол ва коркарди фулузот низ хеле инкишоф ёфта буд, маъданро аз конҳои гирду атроф мегирифтанд. Ҳини ҳафриёт кӯраҳои фулузгудозӣ, хумдонҳои сафолпазӣ ва 150 намуд ашёҳои биринҷӣ ба монанди корд, ханҷар, табарзин, нӯги найза, мӯҳри сурбӣ, ашёҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ ёфт шудаанд. Заргарӣ, чармгарӣ, ресандагӣ, бофандагӣ ва соҳаҳои дигар низ тараққӣ карда буд. Саразмиҳо бо сокинони ҷанубу шарқии Туркманистон, шимоли Эрон ва Балуҷистону Сиистон иртиботи фарҳангӣ доштанд. Шаҳркадаи Саразм аввалин мероси таърихии Тоҷикистон аст, ки 31 июли соли 2010 Саразм ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО дохил шудааст.[3]

## Таърих

Шаҳрсозӣ дар тамоми сайёраи Замин ҳанӯз дар миёнаи дуюми ҳазораи IV ва ибтидои ҳазораи III қабл аз мелод дар Шумеру Акад ва Мисру Ҳиндустон, дар ҳазораи III-II дар Чин, ҳазораи I дар Мезоамерика ва танҳо дар ҳазораи II пеш аз милод дар Аврупои шарқӣ оғоз шудаанд. Ана Саразми Панҷакенти Тоҷикистон ҳам дар охири ҳазораи IV пеш аз милод вобаста ба хамун сол рушд кардаасту инкишоф. Ба чандин далел метавон Саразмро шаҳри қадима чи ки ҳатто пеш аз қадима номид. Вижа, биноҳои монументали, кӯчаҳои сангфаршуда, нобаробарии молу мулки, ба табақаҳои иҷтимоии ҷудошавии ҷомеъа, савдову тиҷорат, дӯконҳои сонеъи, кишоварзӣ, чорводории айлоқӣ ва хонагӣ, кулолгарӣ, маъданҷӯиву маъдангудозӣ, заргарӣ, бофадандагиву ресандагӣ, чармгарӣ, сангтарошӣ ва коркарди чӯб хуллас ҳама чи ки он вақт буд ва ҳоло ҳам ин пешаҳо маъмуланд. Ҳамин аст рукнҳои шаҳрсозӣ, ки хоси Осиё мебошанд. Аслан наметонад як қабила бе кӯмаку дастгирӣ ва мубодилаи таҷрибаи қабилаи ғайр ба муддати тӯлони пойдор бимонад. Мавкеъи ҷуғрофии Саразм имкон дод, ки аз қавму қабоили дигар дониши иловагӣ гиранду бо дониши хеш онро синтез кунанд. Инчунин ба пешрафти савдову тиҷорати байни қабилаҳо, ки яке аз роҳҳои марказии он аз Саразм мегузашт, пеш аз хама нишонаҳои зерин асос шудаанд: тахассуси байниқабилавӣ, алоҳида рушд кардани кишоварзӣ аз ҳунармандӣ, аммо дар шакли мутамарказ, тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва васоити истеҳсолот, пешрафти чорводории хонагӣ ва коҳиш ёфтани мавқеъи шикор дар ҷомеъа, азхудкунии сарватҳои табиии ва бисёр-бисёр чизи дигар. Ин муҷиб ба он шуда, ки суғдзамин ҳам ба воситаи Саразми бостонӣ ба роҳи абрешим шомил мегардад.

Аз бозёфтҳои Саразм рушан мешавад, ки лоҷуварди Бадахшон, ақиқи Қайроққум, фирӯзаи Хоразму Фарғона, зарфҳои наққошишудаи фарҳанги Балуҷистону Систону Балх тавассути иртиботи тиҷоратӣ ба Саразм ворид гаштаанд. Маҳз саразмиён дар шимолу шарқӣ Осиёи Маркази паҳнкунандагони лоҷуварду маҳсулоти маъданӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои халқи тоҷик бошад фахри беинтиҳо ва далели мӯътамад, ки решаҳои тоҷик то ба куҷо меравад. Пас метавон мудаъи шуд, ки маҳз мо тоҷикон ба ҷаҳон таммадун додаем ва оғози таммадун аз мулки тоҷик сарчашма мегирад. Солҳои аввали омӯзиши Саразм ақидае роиҷ буд, ки гӯё Саразм аз теппачаҳои начандон калон ва деҳоти аз ҳам дур мураттаб аст, ки ба давраи энеолит рост меояд. Вале тадқикоту омӯзиш ва зери кишти зироатҳо собит кард, ки ин андеша билкул ботил аст. Саразм шаҳр аст на деҳот. Иқлими мусоид, шароити қулай, боду ҳавои соз мардуми нахустро дар Саразм сарҷамъ кард. Инчунин барои ба роҳ мондани саноати сабуку вазнин кӯҳҳои Зарафшон ҳам созгор будааст. Ҳамчунин бозёфтҳои Саразм либосҳои пашмӣ ва дастгоҳҳои бофандагӣ, сӯзанҳо аз сангу устухон, кӯзаву кӯзачаҳои сафолӣ, коркарди кургошиму қалъагӣ ки истакону зарфҳо, мӯҳр аз он омада мешуданд, аз мис олотҳои рӯзгор корд, табар, тир бар тақвияти суханҳои мо далеланд. Синони пайкон, ки аз сангу мису биринҷ бо тароҳҳои гуногун сохта шудаанд, аз гароиш доштани мардуми онвақта ба шикор гувоҳӣ медиҳад. Аммо бо мурури замон ҳине ки чорводорӣ рушд мекунад, шикор ба хобби табдил меёбаду бас, ки то ҳол маъмул аст.

**Маликаи Саразм**

Лекин бояд қайд кард, ки гаронтарин бозёфти Саразм ин гӯри маликаи Саразм мебошад. Малика хеле ҷавон тахминан дар синни 25 солагӣ вафот мекунад. Аммо

модар будани ӯ собит шудааст. Ба хок супоридани майит ҳам аҷиб мебошад. Ба он гунае ки тифл дар батни модар ҷойгир мешавад, ба ҳамон гуна ӯро дафн мекардаанд. Кадом малика бероишот аст? Вале чун реҳлат кард, ҷавоҳиру ороишот ҳам ҳамроҳи соҳибаш ба хок мерафтааст. Яъне номгӯи ороишоти Малика ин муҷассамаи худи ӯ аз гил, гарданбанди тиллоӣ, шаббахо аз фирӯзаву лоҷуворд, оҳаксангу ақиқу нуқра. Сафедаву упо ва ойина ин ҷиҳози ороишии малика будаанд. Аммо бино бар ривоятҳо арвоҳи маликаи саразм баъзан - баъзан шабона дар шаҳристон сайр мекунад. Инро ба кофтуковҳо рабт медиҳанд.

### Саразми бостон

Саразм чор давраи чандҳазорсолиро гузаронидааст. Аз руйи деворҳои пайдошуда шахр аз чор қабат иборат аст, ки фосила байни ҳар давра беш аз ҳазорсолист. Ва тавре мушоҳида мешавад аз як давра ба давраи дигар иморатсози модерн шудааст.

Таҷрибаи чандинсолаи гирдоварда дар сохтани нахустшаҳри гетӣ мусоидат кардааст. Шаҳрчаи Саразм нақшаи муайяне надошт ва гирди он бо девори дифоъи муҳофизат намешуд. Зеро аз ҳасму аду хавф набуд. Чангу лашкаркашӣ дар натиҷаи рақобат баъдтар сар мезанад. Саразм дар айёми шаклгирӣ масоҳати беҳад калонро ишғол мекардааст. Шаҳр чунон сохта шудааст, ки дар замони ҳозира ҳам дар бунёди шаҳрҳо ин омилҳо ба инобат гирифта мешаванд. Биноҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ ва ибодатхонаҳо. Биноҳои истиқоматӣ аз биноҳои маъмурӣ ва маъбадҳо ба кулли фарқ мекунанд. Биноҳои истиқоматӣ аз се-чаҳор ҳуҷраҳои хурд-хурд, саҳни ҳавлӣ ва якчанд ҳуҷраи дигар барои маҳфузи анҷому лавозимоти рӯзгор иборат аст, ки тангкӯчаю паскӯчаҳоро ҷудо мекунад. Ин биноҳои истиқоматӣ дар ибтидои бунёд хеле сода будаанд. Бо мурури замон онҳо ҷадидтар мешаванд. Аз боқимондаҳои чӯбҳои пӯсида ва пайи чӯбҳо дар болои лойдевор аён аст, ки хонаҳо ва умуман иморатҳо аз ҳамон вақт бо чуб пӯшонида мешудаанд. Ба ростӣ, хонаҳои ҳозираи тоҷикҳо ба хонасозии ҳамон давра хеле ва хеле монанд аст, вижа ба кӯҳистони мо ва танҳо аз назари эътиқоди андак фарқ мекунад. Раставу дӯконҳои ҳунармандӣ дар наздикии хонаҳои истиқоматӣ ҷойгир шудаанд. Оташдонҳо барои маъдангудозӣ ҳам ёфт шудааст. Биноҳои маъмурӣ бошанд аз якчанд толорҳои барҳавову даҳлезҳои баробарсамт иборат буда, бештари онҳо дар болои таҳкурсиҳои аз хишти хом сохташуда, дорои ду-се дари даромад ва якчанд тирезаҳои барҳавоянд. Маълум аст, ки меъморони бостонӣ сохти биноро пешакӣ матраҳ мекардаанд. Ҳокимони маҳалӣ аз ҳамин ҷо халқро идора мекарданд ва ҳатто қарору қоида ҳам ҳабул мешуддааст, ки бо ин мӯҳр тақвият меёфтанд. Ҳокими мутлақ доштани Саразми бостонӣ аз эҳтимол дур нест.

Саразмиёни бостон дар баробари барзгару ҳунарманд, тоҷиру меъмори замони хеш будан, дар рушди маданияти маънавӣ низ саҳм мегузоранд. Ҳанӯз аз охири ҳазорсолаи IV пеш аз милод дар биноҳои маъмулии саразмиён бузургдошти оташро мебинем, ки баъдан яке аз рукнҳои дини Зардуштӣ мегардад. Алъон якчанд маъбад дар Саразм бармало шудааст, ки аз эътиқоду эътимоди мардум дарак медиҳад. Дар маркази фарши толори ибодатхонаҳо оташдонҳои чоркунҷа сохта шуда, дар байни он ум ки начандон ҷукуре барои барафрӯхтани оташ мавҷуд аст. Аз боқимондаи устухонҳо дар дохили баъзе иморатҳо маълум мешавад, ки қурбон кардани мол аз ҳамон вақт ба

ҳукми одат даромадааст. Дар рӯзгори пешина гови муқаддаси турро қурбон мекардаанд. Воқеан мардуми Саразм истеъмоли чорвои 1-1,5 соларо меписандидаанд, чаро ки бештари устухонҳои боқимонда шаҳодат медиҳанд.

Кишоварзӣ ба сони дигар соҳаҳо дар Саразм то замони заволи он рушд кардааст. Сойи аз болои шаҳр ҷоришуда ба ин мусоидат мекард. Саразмиҳо рустанихоеро парвариш мекарданд, ки дар байни инхо ҷав ва гандум мавқеъи вижаро ишғол менамуданд. Намудҳои олоти деҳқонии Саразм бой нест. Каланди чӯбин, досҳои ҳархела ва шудгори ҷуфтӣ аз эҳтимол дур нест.

Дар масоҳати беш аз 100 га Саразмро бунёд кардаанд ва аҳолии он аз 3000 нафар иборат буда, дар марҳилаи интиҳоӣ, оқибат қариб, ки ба 10000 мерасад. Замони заволи Саразм аниқ аст, аммо сабабаш не. Танҳо ҳадс задан мумкин аст, ки ё аз хушк шудани сойи болои шаҳристон мардум ин ҷоро тарк кардаанд ва ё ҳодисаи табиие ба мисли Шарораи ҳозира онро ба харобазор табдил додаст. Ҳоло баъзе бозёфтҳо дар музейи Саразм маҳфузанд, вале аз сабаби набудани лабаратория ба вайроншавӣ даромадаанд.



Саразми қадим

## ЗАНБӮРПАРВАРӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ БАЛАНДКӮҲИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аминов Ф., Холиқов Б.**
**“Гимназияи Файзобод” №54, н. Файзобод**

**Характеристикаи типи бандпоён**

Бандпоён-ҳайвонҳои таносуби дутарафадор буда баданашон ба бандҳо (буғмҳо) тақсим шудааст. Руйпӯши бадани онҳо сахт буда, аз моддаи хитинӣ ва пойҳояшон аз буғмҳо иборатанд. Баръакси ҳалқакирмҳо, бадани аксарияти бандпоён ба се қисм ҷудо шудааст: сар, сина ва шикам. Ба типи бандпойҳо харчанги дарёи, крабҳо, креветкаҳо, шапалакҳо, занбур (ору)-ҳо, магасҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.




Типи бандпоён калонтарин типи олами ҳайвонот буда, дар замони ҳозира қариб 1 млн. намуди онҳо маълум аст. Онҳо дар ҳама ҷои кураи замин во мехӯранд. Аз ин миқдор дар Тоҷикистон на камтар аз 10 ҳазор намудашон вомехӯранд. Эҳтимол дар кураи замин ҷое нест, ки ин ё он нмудашон вонахӯрад.

Таснифот (систематика)-и бандпоён.
Ин тип дорои се синф аст.
Синфи харчангшаклон
Синфи тотанакшаклон

**Синфи ҳашаротҳо**

Инчунин ҳар як синф дар навбати худ ба қаторҳо, намудҳо ва оилаҳо ҷудо мешаванд. Ҳашаротҳо қаторҳои сахтболҳо, парвонаҳо, дуболаҳо, авроҳакҳо, шапушакҳо, пардаблҳо, ростболҳоро дорад, ки яке аз он қаторҳо пардаболҳо аст.



**Маълумоти умуми дар бори қатори пардаболҳо**

Қатори пардаболҳо яке аз қаторҳои паҳншуда ва барои инсон манфиатнокӣ ҳашаротҳо мансуб меёбад, ки зиёда аз 10 ҳазор намуд дорад. Дар Тоҷикистони мо намояндагони ин қатор мурчаҳо ва оруҳо ба шумор меравад.




Занбӯри асал: оилаи калони ёбоиаш дар кундаи дарахтон, хонагиаш дар куттӣ зиндагӣ мекунанд. Дар ҳар як оила – модина (малика), садҳо занбӯри нарина, ки онҳо дар кутти дар давраи афзоиш пайдо мешаванд ва то 70 ҳазор занбӯри корӣ фаъолият мекунанд.

Малика занбӯри аз ҳама калон буда шикамаш нисбат ба дигар занбӯрҳо дарозтар аст. Наринаҳо занбӯрони андозаашон миёна мебошанд. Онҳо бо чашмакҳои калонашон, ки дар қафои сар бо ҳам расиш доранд. Аз дигар аъзоёни оила тафовут доранд. Занбӯри кори аз дигар аъзоёни оила хурд мебошанд. Дар тарафи поёни шиками занбӯри корӣ қисмҳое ҳаст, ки суфтатоб буда, мӯй надоранд, онҳоро оинача меноманд. Дар рӯи онҳо мум ҷудо мешавад. Занбӯрҳо аз он хоначаҳои худро месозанд.



Дар қисми берунии пойҳои ақиби занбӯри корӣ яктогӣ чуқуриҳое ҳаст, ки бо мӯякҳои дароз иҳота шудаанд, онҳоро сабадча меноманд. Ба ҷӯз аз инҳо шотка низ доранд. Шоткаҳо аз буғумҳои васеи ҳамин пойҳо, ки қилҳои сахт доранд, иборат мебошад. Тавасути шоткаҳо занбӯр аз гули растаниҳо гард ҷамъ карда онҳоро дар хоначаҳо ҷой мекунанд.

Дар занбӯри корӣ ҷиғилдони асал сурхрӯдаи васеъшуда мавҷуд аст. Занбӯр шаҳди аз гули растаниҳо ҷамъкардаро ба хоначаҳои мумӣ меорад. Шаҳд дар меъдачаи ору бо маҳсулоти ғадудҳо, ки гулу чудо мекунад, омехта шуда, асал ҳосил мешавад, ки он захираи хӯроки қанди ба ҳисоб меравад.





Дар охири шиками занбӯри корӣ неши дарози аррашакл мавҷуд аст. Хамин, ки занбӯр нешашро ба бадани сайд мехалонад, таввасути новваи он ба ҷои халида захр ҷорӣ мешавад, ки ҳайвончаҳои майдаро мекушад.

Агар занбӯр одамро неш занад, худаш мемирад, зеро неши аррашаклашро аз зери пӯсти инсон кашида гирифта наметавонад ва он бо як қисми узвҳои дарунӣ аз занбӯр канда мешавад.



**Афзоиши занбӯри асал**

Баробари сар шудани баҳор малика шабу рӯз тухм мемонад.(дар як шабона рӯз то 2 ҳазор тухм), дар хоначаҳои мумии калон ва хӯрд-тухмҳои бордор шуда, дар хоначаҳои мумии миёнаандоза бошад тухмҳои бордорнашударо мемонад. Кирминаҳои кирмшакли сафеди аз тухм баромадаро занбӯрони корӣ (шир) мехӯронанд, ки он дар ғадудҳои махсуси онҳо ҳосил мешавад.

Ширро фақат кирминаҳои хоначаҳои мумии калон истеъмол мекунанд. Дигар кирминаҳоро бошад, бо гарди гул ва асал парвариш мекунанд. Занбӯрони корӣ пеш аз зоча шудани кирминаҳо даҳони хоначаҳоро бо мум маҳкам мекунанд. Занбӯрҳои болиғи аз зоча баромада руйпӯши муми хоначаҳоро хоида онро сӯрох карда ба рӯи қуттӣ мебароянд. Аз хоначаҳои калон-модина (малика), аз хончаҳои миёна-нарина, аз хоначаҳои хурд-занбӯрони хурди корӣ мебароянд.

**Ба ду оила ҷудо шудани занбӯри асал**

Маликаи ҷавон пеш аз баромаданаш аз хоначаҳои мумӣ овоз мебарорад. Маликаи пир кӯшиш мекунад, ки маликаи ҷавонро кушад, вале занбӯрони корӣ ба ин монеъ мешаванд. Якчанд шабонарӯз пеш аз баромадани маликаи ҷавон, маликаи пир бо як қисми занбӯрҳои корӣ аз қуттӣ баромада мераванд. Ин ҳодисаро ба ду оила ҷудо шудани занбӯри асал меноманд.

**Парвоз ва бордоркунӣ**

Маликаи ҷавони аз хонача баромада хоначаҳоеро, ки дар онҳо дигар маликаҳо афзоиш мекунанд, ҷустуҷӯ карда меёбад ва онҳоро мекушад. Пас аз якчанд шабонарӯз вай аз қуттӣ баромада ба дигар чо парвоз мекунанд. Аз қафои ӯ якчанд нарзанбӯр парвоз карда мераванд. Пас аз бордор шудан малика ба қуттӣ баргашта, ба тухмонӣ оғоз мекунад, наринаҳо бошанд мемиранд.

Инсон аз занбӯри асал, мум, шири занбӯр, захри занбӯр мегирад. Фаъолияти фоиданоки занбӯри асал аз ҳама зиёдтар дар гардолудкунии растаниҳо зоҳир мешавад. Аз давраҳои хеле қадим инсон занбӯри асалро хонагӣ кардааст. Дар ибтидо одамон танаи дарахтро кофта сӯрох карда, дар онҷо занбӯрҳоро ҷой мекарданд. Бо ин усул ба даст овардани асал боиси хонавайрон шудани оилаи занбӯри асал мешуд. Дар соли 1814 асалпарвари намоёни рус П.И. Прокопович қуттии рамкагии ҷудошавандаро ихтироъ кард.



Имконият пайдо шуд, ки қуттиро кушода занбӯрро аз наздик бинанд ва онро нигоҳу бин кунанд. Минбаъд дар қутти ибтидои хоначаҳоро сунъи тайёр мекунанд (вашина), занбӯри асал онро идома дода тавассути мум то ба охир ин хоначаҳоро мерасонад.

Асалпарварӣ дар даҳсолаи охир дар ҷумҳурии мо хеле хуб тараққӣ кард. Пештар аз як оила тақрибан 6кг асал мегирифтанд, ҳоло хоҷагиҳои пешқадами асалпарварӣ зиёда аз 50-100кг асал аз як оила мегиранд. Олимон ҳисоб кардаанд, ки барои ҳосил кардани 1кг. Асал, оилаи занбӯри асал дар маҷмӯъ, 300000киллометрро тай намуда ба 19 милион гул мешинанд.

**Асал ҳамчун дору барои дардҳо**

Шоир, табиб, асосгузори тибби ҷаҳон Абӯалӣ ибни Сино истеъмоли мӯътадили асалро яке аз роҳҳои солимии ҷисм ва нигоҳ доштани ҷавони шахс гуфтааст. Ҳастанд нафароне, ки як пиёла асалро дар як нишаст мехӯранд, ки ин боиси баланд шудани қанди таркиби хунашон мешавад. Боз нафарони зиёде асалро бо чойи гарм омехта карда менӯшанд, ки хатост. Чунки қисми зиёди элементҳою витаминҳои таркиби асалро ки барои инсон заруранд дар гармии 60 дараҷа вайрон ва нобуд мешаванд.

Табибон асалро барои камқувватӣ, бемориҳои дарди дилу рагҳо, роҳи нафас ва шуш, узвҳои ҳозима, шикамравӣ, касалиҳои ҷигар, талхадон, бемориҳои занона, хунукзадагӣ, васеъшавии рагҳо (ворикоз) ва ғайра даво гуфтаанд.

**Адабиёт**

1. Интенсификатсия производства меда. А. Малаю 1979 год.
2. Пчеловодство для начинающих.
3. Иван Васильевич Сластянский. 1975 год.
4. Чавонони Точикистон (газета) 2014 сол.

## ТАҲИЯИ WEB-СОМОНАИ НОҲИЯИ ШАҲРИСТОН

**Анваров Д. Г., Ғафуров М. Ҳ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Мақсад**

Мақсади таҳияи лоиҳаи иноватсионии WEB- сомони ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд, аз он иборат мебошад, ки сатҳи баланд бурдани огоҳии сокинони кишвари азизу ободамон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии азизамон Тоҷикистон чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, метавонанд аз ин сомона истифода бурда, дар бораи фарҳанг, расму русум, анъана, таърих ва навгониҳои ин ноҳияи зебоманзари Тоҷикистон шинос шуда, маълумоти пурраро ба даст оранд.

**Ҳадаф**

Ҳадафи асосии мо ҷавонони кишвар барои ба сатҳи баланд бурдани тараққиёти иқтисодиву фарҳангии Ҷумҳуриамон саҳмгузор бошем. Чун ки асри 21 ин худ асри техника ва технологияҳои муосир эълон шудааст, Ҳама он шаҳрвандоне, ки аз технологияҳои ҳозиразамон бархурдор нестанд, ошногӣ пайдо кунанд ва истифодаи интернетро азхуд намоянд.

**Арзиш**

1. Ба сатҳи баланд бардоштани омӯзишҳо.
2. Бархурдорӣ барои ашхосе, ки бо интернет шиносоӣ надоранд.
3. Ба сатҳи баланд бурдани истеъдодҳо.
4. Манбаи маълумот оид ба ноҳияи Шаҳристон барои шаҳрвандони кишвар ва хориҷ.
5. Густариш ва васеъ сохтани WEB-сомонаҳо дар кишварамон.
6. Ин сомона бар илова як сомонаи маълумотӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчунон шаҳрвандон метавонанд дар сомона худро ба қайд гирифта, мақсаду мароми худро пешниҳод намоянд.

## РАЗРАБОТКА СПОСОБА ПОЛУЧЕНИЯ 5-ГИДРОКСИФУРФУРОЛА И ЛИВУЛИНОВОЙ КИСЛОТЫ ИЗ РАСТИТЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ ТАДЖИКИСТАНА И СОЗДАНИЕ НА ИХ ОСНОВЕ ПИЩЕВЫХ ПРОДУКТОВ И БИОЛОГИЧЕСКИ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ

**Ашуров С., Ташбаев Г.А.**
**Таджикский государственный университет коммерции**

**Актуальность темы.** Известно, уровень промышленный органический синтез с каждым годом растёт, а основным источником органического синтеза является невозобновляемых природный газ и нефть, которых через 30-40 лет истощается. Настоящее время озадачит необходимо своевременно находит возобновляемый источник для органического синтеза. Поэтому перспективным направлением является получение исходных веществ на основе возобновляемый источник который могут быт растительные ресурсы.

Фруктоза содержится во многих растительного сырья прорастающий в Республики Таджикистана. Кислотная обработка фруктозы образуется ценный продукт 5-гидроксифурфурол. На основе 5-гидроксифурфурола получены пластификаторы полимеров, жидкие кристаллы, многочисленные высокоэффективные лекарственные

препараты и препараты для нужд сельского хозяйства топливо и полупродукты полимерной промышленности.

Один из перспективных соединений для органического синтеза является левулиновая кислота или 4-оксопентановая кислота. Левулиновая кислота удобно получать из продуктов растительного сырья, а именно фруктозы или глюкозы.

Из фруктозы также получается левулиновая кислота. По данным открытой печати левулиновая кислота и ее производные интенсивно исследуется химические и биологические свойства.

На основе левулиновой кислоты разработаны многочисленные лекарственные препараты и особенно препараты против злкачественной опухоли.

Так как левулиновая кислота имеются 3-4 реакционные центры, позволяющий всесторонные исследованию этого соединения.

Основным сырьем органического синтеза в том числе левулиновой кислоты является нефтепродукты, которые перспективе запасы могут хватать 40 лет. Если учесть левулиновая кислота получается из возобновлямый исходного сырья-из растительных ресурсов и левулиновая кислота могут быт прекрасным исходным соединением органического синтеза.

В связи выще изложенным всестороннюю исследование левулиновой кислоты является весьма актуальным.

В связи выше изложенным разработка способ получение и исследование фруктозы, 5-гидроксифурфурол и левулиновой кислоты из растительного сырья Таджикистана является актуальной задачей.

**Цель.** Целью настоящей работы заключается разработка методы получения из фруктозы, 5-гидроксифурфурол и левулиновой кислоты и разработка способ получение пищевые добавки, а также биологические активные веществ на их основе.

Для выполнения настоящей научно-исследовательской работы необходимо создать научно-исследовательская лаборатория.

«Химия и технология пищевых продуктов» при Таджикской государственной университет коммерции.

**Лаборатория «Химия и технология пищевых продуктов»**
**Штатное расписание работников и исполнителей лаборатории «Химия и технология пищевых продуктов»**

**Фонд зарплаты**

| № | Должность | Степень, звание | ставка | зарпл | Сумма |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Зав. лаборатория | Д.х.н., прфессор | 1 ст. | 2000 | 2000 |
| 2 | Старш. науч. сотр. | К.х.н. или к.техн.н | 0.5 ст. | 1000 | 500 |
| 3 | Мл. научн. сотр. | Без степени | 2 ст. | 750 | 1500 |
| 4 | Лаборант | Без степени | 1 ст. | 500 | 500 |
| | Итого | | | | 4500 |

25% ФЕЗН (годовой) 13500

Всего за год Ф.От 67500

**Ожидаемые результаты**

Выполнения проекта «Разработка способ получение фруктозы, 5-гидроксифурфурола и ливулиновой кислоты из растительных ресурсов Таджикистана и создание на их основе пищевые продукты и биологические активные вещества»

- получить фруктозы, 5-гидроксифурфурола и ливулиновой кислоты из растительных ресурсов Таджикистана.
- исследовать физико-химические свойства этих соединений.
-выявить пищевые ценности и биологические свойства этих соединений.

**Смета расходов**

по проекту «Разработка способ получение фруктозы, 5-гидроксифурфурола и ливулиновой кислоты из растительных ресурсов Таджикистана и создание на их основе пищевые продукты и биологические активные вещества».

| **Статья расходов** | **Наименование Статьи расходов** | **2016г Тыс. сом.** | **2017г Тыс. сом.** | **2018г Тыс. сом.** | **2019г Тыс. сом.** | **2016г Тыс. сом.** | **Итого Тыс. сом.** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.1.1 | Фонд заработная плата | 67.5 | 71.3 | 75.0 | 81.3 | 87.5 | 382.5 |
| 1.1.2 | Фонд премиальные | 6.25 | 7.5 | 8.75 | 10.0 | 11.25 | 43.75 |
| 2.1.1 | Канцелярские расходы | 1.0 | 1.2 | 1.4 | 1.6 | 1.8 | 7.0 |
| 2.1.2 | Командировоч-ные расходы | 5.0 | 6.0 | 7.0 | 8.0 | 9.0 | 35.0 |
| 5.2.1 | Приобретение оборудования | 10.0 | 12.0 | 14.0 | 16.0 | 18.0 | 70.0 |
| 5.2.2 | Приобретение реактивы | 5.0 | 6.0 | 7.0 | 8.0 | 9.0 | 35.0 |
| | **Всего** | | | | | | **573.25** |

## АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАИ МУШТАРАКИ «ЗАРАФШОН» ДАР РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аълоқулов М., Баротова А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар Тоҷикистон 28 адад кони тилло мавҷуд аст ки бузургтарини онҳо аз ҷониби корхонаҳои “Зарафшон”, “Тиллои тоҷик” ва “Апрелевка” коркард мешавад.

Корхонаи муштараки “Зарафшон” дар ноҳияи Панҷакент ҷойгир буда, яке аз бузургтарин корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин корхона соли 1994 дар заминаи конҳои Тарору Ҷилав, дар асоси комбинати маъдани тиллои Тоҷикистон (ТЗРК) бо сармоягузории ширкати британиёви “Комонвелф энд Бритиш Менералс» (СВМ, баъдан «Нелсон Голд”) бо саҳмияи 51% мутааллиқ Тоҷикистон ва 49% саҳмияи

хориҷи таъсис ёфтааст. Иқтидори истеҳсолии корхона аз коркарди 320 ҳазор тонна маъдан дар як сол ба 1млн 650 ҳазор тонна расонида шуда, ҳаҷми истеҳсоли хуллаи тилло (сплав “Доре”) 5 маротиб зиёд карда шуд.

Бинобар сабаби паст рафтани нархи тилло дар бозори ҷаҳони ва маҳдудияти саҳмгузории иловагӣ аз ҷониби шарикони бритониёвӣ, аз соли 2007 сар карда, дар тақсимоти саҳмияҳои корхонаи муштараки «Зарафшон» таъйирот ба вучуд омад. Айни ҳол ба ширкати чинии « Зичийн Майнинг» 75%-и саҳмияҳо ва 25%-и он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад.

Натиҷаҳои ворид намудани технологияҳои нав ва инноватсияҳо дар корхона :

1. Дар ҷараёни истеҳсолот ба истифода додани технологияи нави коркарди маъданҳои камсамар ( аз 0,2 то 1 грамм дар тонна) бо истифода аз усули ишқоронидан бо сионид дар ғарамҳо дар ҳачми то 1,0 миллион тонна ҳар сол.

2. Сохтмон ва ба истифода додани заводи поксозии тилло ва нуқра бо иқтидори 7 тонна дар як сол. Кам намудани масрафҳои боркашони дар ҳачми 3млн сомонӣ.

3. Зиёд намудани истихроҷи тилло аз хулаи «Доре» аз 99,6% то 99,8% ва сарфа намудани зиёда аз 1 млн. сомонӣ.

4. Ворид намудани технологияи нави истеҳсоли тилло аз коркарди маъдани вазнини маргимушдор (мышяк) доштаи кони Тарор, ки то ҳоло технологияи коркарди онҳо мавчуд набуданд.

5. Ба истифода додани зиёда аз 60 адад мошинҳои бойгардонии маъданҳо ва истеҳсоли 400 тонна консентрати мис ба нархи 781 млн. сомонӣ.

6. Аз нав таҷҳизонидани корхонаи заршӯи ва зиёд намудани иқтидори коркарди маъдан то 2,2 маротиб (то 3,5 млн. тонна маъдан дар як сол).

Ширкати “Зичийн- Майнинг” баъд аз харидорӣ намудани саҳмияи корхона дар соли 2007 то 1 январи соли 2015 ба КМ “Зарафшон” зиёда аз 270,0 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст.

Аз ҷумла:

- соли 2007 – 6,0 млн. доллари ИМА
- соли 2008 – 33,1 млн. доллари ИМА
- соли 2009 – 0,870 млн. доллари ИМА
- соли 2010 – 22,5 млн. доллари ИМА
- соли 2011 – 16,2 млн. доллари ИМА
- соли 2012 – 82,2 млн. доллари ИМА
- соли 2013 – 60,2 млн. доллари ИМА
- соли 2014 – 56,0 млн. доллари ИМА

Маблағгузориҳо асосан барои иваз намудани техникаву таҷҳизот харидорӣ ва васл намудани техника ва технологияҳои нави пешқадами замонавӣ истифода шудааст. Бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди КМ «Зарафшон» коргоҳи холисгардонии тилло ба истифода дода шуд. Аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба нахустин рехтаи 3 килограммаи тиллои холис рақами 1 гузошта шуд. Ин коргоҳ бо иқтидори коркарди маъдан бо усули бойгардони (флататсия), истихроҷи тилло аз маъдани серфайз бо воситаи сиониткунонӣ бо истифодаи ангишти фаъол, коркарди маъдан бо воситаи сиониткунонии маъдани камфайз дар ғарамҳо метавонад дар як сол то 6 млн тн маъданро коркард кунад ва 7 ҳазор килограмм тиллои холиси дараҷаи 99,99% истеҳсол намояд.

Баъд аз нав гардидани таҷҳизот ҳачми истеҳсоли маҳсулот, шумораи ҷойҳои корӣ, пардохти андозҳои давлатӣ, вориди технологияи муосир зиёд шудааст. Ин аст, ки дар ин корхона ба ҳисоби умумӣ ҳаҷми маҳсулоти тилло дар 7 соли оянда ба 10,2 тонна, нуқра-2,4 тонна ба маблағи умумии 4,1 млрд. сомонӣ, мерасад.

Дар баробари зиёд намудани ҳачми истеҳсоли маҳсулот, аз соли 2007 то ин ҷониб ба маблағи 643,6 млн сомонӣ андозҳои давлатӣ пардохт карда шуд. Танҳо дар 12 моҳи соли 2014 153,9 млн. сомонӣ андоз пардохт гардидааст.

Дар маҷмуъ шумораи кормандони маҳалли дар санаи 01.10.2014 дар корхона 2259 нафар буда, музди миёнаи коргарон 2242,5 сомонӣ ва шумораи кормандони хориҷӣ 52 нафарро ташкил медиҳанд.

НАҚШАИ ДАРОМАДИ СОЛОНАИ КМ «ЗАРАФШОН»

| | |
|---|---|
| 2007 | 69,0 млн. сомонӣ |
| 2008 | 89,3 млн. сомонӣ |
| 2009 | 95,9 млн. сомонӣ |
| 2010 | 228,7 млн. сомонӣ |
| 2011 | 315,7 млн. сомонӣ |
| 2012 | 388,5 млн. сомонӣ |
| 2013 | 347,9 млн. сомонӣ |
| 2014 | 334,2 млн. сомонӣ |
| Ҳамаги | 1963,7 млн. сомонӣ |

Аз ҷониби КМ «Зарафшон» барои обод намудани шаҳраки Суғдиён, деҳаҳои гирду атроф, Ҳукумати вилоят, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, боғчаи баччагона, беморхона, хонаи пиронсолон, ба оилаҳои камбизоат, бартараф намудани офатҳои табиӣ, дастгирии мақомотҳои қудратӣ, гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва ғайра дар солҳои 2007-2014 ба маблағи 6,6 млн. сомонӣ кумакҳои пулӣ расонида шудааст.

Бо истифода аз технологияи муосир ва самаранок истифода бурдани канданихои фоиданок, соли чори дар КМ «Зарафшон» ва ҶДММ Ширкати куҳи-саноатии Тоҷикистону Хитой маҳсулоти нав, хокаи мис ба роҳ монда шуд. Қаблан маҳсулоти мазкур дар омехтагӣ ба полоишгоҳ партофта мешуд. Дар соли 2015 корхона истеҳсоли 2800кг тилло ва 220кг нуқраро ба нақша гирифтааст. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот нисбати соли 2014-131,6%-ро ташкил хохад намуд.

Аз тилло мо метавонем ҳар гуна ҷавоҳирот омода кунем, ки ин ҷавоҳиротҳо зеби занҳои тоҷик мебошанд. Ба ин гуна ҷавоҳиротҳо мисол шуда метавонад: гарданбанд, чала, дастбанд, гушвор ва ғайра. Дар ҷумхури ҷойҳои махсуси фурӯши ин гуна ҷавоҳиротҳо мавчуданд: ақиқа, тоҷи заррин тоҷик кристал ва ғайра.

Корхонаи муштараки «Зарафшон» метавонад дар оянда ба яке аз корҳонахои тараққикарда танхо дар Тоҷикистон балки дар Осиёи Маркази табдил ёбад.

# МӮЪМИНОБОД

**Бахтовари Д.**
**Кумитаи ҷавонони н. Муминобод**

 

**Сарсухан:**

*Мӯъминобод аз дилу ҷон омада,*
*Чун нузули ҷилди Қуръон омада.*
*Зоти покаш бенасаб набувад сипас,*
*Муъҷизоташ бесабаб набувад сипас.*

Мо ҷавонони Тоҷик бояд кушиш кунем, ки дар ҳар мавриде набошад мавзеҳо таърихии Ватани азизи худро ки ном Тоҷикистон аст дар арсаи байналмилали муарифи карда тавонем, ва кушиш кунем ки чалби сайёҳони хориҷӣ ба ватани мо зиёд шавад. Ба фикри банда ҳар як ҷавони донишҷӯ ки аз манотиқи гуногуни кишвари маҳбубамон дар донишгоҳоҳи олии дохилу хориҷи кишвар таҳсил мекунанд дар бораи мавзеҳои таърихии ноҳияҳои худ маводҳо чамъовари карда дар сайтҳои интернетӣ ҷойгир кунанд фикр мекунам Тоҷикистон ба як давлати бузурги

сайёҳи табдил меёбад, ки ин миллионҳо сомонӣ ба буҷаи давлат ва ҳазорҳо ҷойҳои кории холи барои одамони бекор муҳайё мегардад.

**Навоварихо дар ноҳия**

Дар ноҳия мо пешниҳод кардем, ки ба обамбори нохи ки хелоҳам макони зебою дилнишин аст ба онҷо делфин оварда шавад ки ҷалби сайёҳони дохилию хориҷи ба ин ҷо боз хам зиёдтар гардад.

Бояд аз хотир набаровард ки дар нохия дар оянда фурудгоҳ сохта ба истифода дода мешавад ки ин ба рушди туризм дар ноҳия хелоҳам мусоидат мекунад.

Аз таъмири асоси ва ҷори баровардани зиёда аз 15км роҳи аҳамияти ҷумҳурявидоштаи ҷамоатҳои деҳоти Дехибаланд ва маркази ноҳия, 85км роҳҳои маҳал-лии деҳаҳои Кулчашма, Геш, Момандиён, Маргак, Дехлоло ва роҳҳои ҷамоати деҳоти Чилдухтарон.

**Максад ва вазифахои лоиха**

Пеш аз ҳама бояд рушди соҳаи туризмро дар Тоҷикистон аз онҷумла дар ноҳияи Муъминобод баланд бардорем ва кушиш кунем ки сайёҳони хориҷу дохили кишварро аз мавзеҳои таърихи ва фаромушнашавандаи ноҳияи Муъминобод хабардор бошанд.

Тавониста бошем ки, бо кушишу ғайрати худ фарзандони созандаи Ватан бошем ва ба ҳар равияву суханони бад дода нашуда домони пешрафту шукуфоии Ватанро гирифта онро бозҳам зебо намоем.

Муъминободро бо мавзеҳои дилфиребаш, ки зиёда аз 70 ҷои таърихи дорад дар оянда маркази сайёҳии ноҳияҳои Тоҷикистон дида бошем.

Обамбори ноҳияро ки ҷои аз ҳама зебо ва дилнишин аст макони сайёҳони хориҷи гардонем.

Ноҳия ки аз растаниҳои шифобахш бой аст кушиш кунем ки аз онҳо доруҳои табобатии ватани тайёр карда ба марази сайёҳон гузорем.

Дар бораи чашмаҳои шифобахши ноҳия ки зиёда аз 800 чашма мавҷуд аст ба аҳолии Тоҷикистони худамон маълумот дода тавонем.

**Маълумоти таърихии Муъминобод**

Дар қисмати шимолу шарқии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияе ба номи зебою хотирнишин Муъминобод арзи ҳастӣ мекунад, ки таърихи беш аз 4500-сола дорад. Муъминобод як қисмати хурди ин сарзамини пурғановат ва овозадори Хатлонзамин буда, аз шимол бо навоҳии Ховалингу Тавилдара, аз шарқ ба Шӯрободу Даштиҷум аз ҷануб бо Кӯлоб ҳамсарҳад аст. Масоҳати ноҳия ба 880,6 км2 баробар буда, аз пойтахти ҷумҳурӣ 244 км аз маркази вилоят шаҳри Қурғантеппа 200км, аз шаҳри Кӯлоб 42км дуртар воқеъ гардидааст. Иқлими ноҳия континенталӣ буда, тобистон то 40 дараҷа гарм ва зимистон то 15 дараҷа хунук мешавад.

**Чилдухтарон**

Чилдухтарон ин рамзи ноҳияи Муъминобод ба ҳисоб рафта ҷои аз ҳама зеботарини Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки барои кухнавардиву сайёҳи макони такрор нашавандааст.




**Обамбори ноҳияи Мӯъминобод:** макони моҳиҳои беҳтарини рӯи дунё , дилкаштарин ҷои сайёҳи маркази намуди варзиши қаиқрони хулас макони сайёҳат.

Дар наздикии маркази ноҳия обанбори калоне вуҷуд дорад, ки масоҳаташ 385га замин ва ғунчоиши обаш зиёда аз 380 миллион м3 – ро ташкил медихад. Дар ин обамбор намудҳои бисёри моҳиҳоро вохурдану дидан мумкин аст ва бояд зикр кард ки дар инҷо намуди варзиши қаиқрони рушду нуму карда истодааст, бе ягон шубҳа гуфтан мумкин аст ки ба наздики ин макон ба сайру сйёҳати саёҳони хориҷӣ мубадал мегардад.








Ин харитаи сайёҳии ноҳияи Мӯъминобод мебошад, ки дар инҷо маконҳои таърихии ноҳия бо аксҳояшон нишон дода шудааст. Даромадгоҳи ноҳияро дарвозаи зебои бо гулххои хамешабаҳор зебу зинат медиҳад. Ноҳия аз деҳаи Шамсиддини Шоҳин манша гирифта дар Чилдухтарон ба итмом мерасад. Биё ба Мӯъминобод хурамзамини обод.

*Харки санге дар багал омад ба касди чони ман,*
*Ормонаш санг шуд дар пои кухxистони ман.*
*Дар шикаст афтод рах бар мулкам Искандар гирифт,*
*Пеши рохи аскарашро кухи Чилдухтар гирифт.*

**Мир Сайид Ҷалолиддини Гулдаста:**

Мир Сайид Ҷалолиддини Гулдаста Ин авлиёи забардаст дар асрҳои XI -XII ба мутафакирони машҳур Мир Сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш ва Хоча Алишохи Вали дар як давру замон зиндаги карда, бахри рушду тараккиёт ва ободоии Муъминобод хизмати арзандае карданд



**Хоҷаи Нур:**

То солҳои 60-уми асри гузашта роҳи асосии мошинагард ва рафту омади Муъминобод–Кӯлоб тавассути Чорсу, Қуруғи Салингӣ (макони ҳозираи обанбори Муъминобод, деҳаи Дӯстӣ (собиқ Сарсибилоқ), қадобаи Хоҷаи Нур, Даҳана сурат мегирифт. Дар тарафи рости роҳи Хоҷаи Нур марқади похсангини пастаки ҳазрати Хоҷаи Нур ба назар мерасид ва асрҳо боз мавриди зиёрати зоирон қарор гирифта буд.
Соли 2003 ба сайъ ва ташаббуси як гурӯҳ ҷавонмарди деҳаи Хоҷаи Нур дар ҷойи марқади пештара мақбараи ин шахсияти таърихӣ аз нав сохта шуд, ки он ба ҳама талабҳои меъморию бостоншиносии асрҳои X-XI ҷавобгӯ мебошад.



## Бибинавро ва Бибисавро

Дар қисмати ҷануби шахраки Муъминобод, назди обанбори машҳури он деҳае бо номи Душанбе арзи ҳасти мекунад, ки бо табиати зебою меваҳои хуштаъму боллазат ва махсусан чашмаи қадимаи таърихиаш Биби Навро ва Биби Савро машҳури Тоҷикистон аст. Дар бораи пайдоиши ин чашма байни бошандагони солори деҳа, ақлу ривоятҳои **гуногун боқи мондааст.**





**Каълаи марказии Муъминобод**

Қаълаи Муминобод дар маркази ноҳия ҷойгир буда ҳоло бо дасгирии Вазорати Фарҳанг азнавсози шуда истодааст. Дар ин чода фаъолияти босамари бостоншиносони маъруфу машхури точик Музаффар Азизовро хоса зикр кардан ба маврид аст. Ӯ беш аз 30 сол аст, ки баомӯзиши таърихи қадимаи Муъминобод машғул аст, дар кофтуковҳои мақбараи Мир Сайид Хасани Шохи Хомӯш ва Қалъаи маркази нохия бевосита иштирок карда, хулосахои аниқи илми дорад.

**Кофир Калъа**

Болотар аз дехаи Геш теппае вуҷуд дорад ки дар зери ин теппа калъае бо номи Кофир мавҷуд аст ки мувофиқи маълумотҳо он мансубияти асрҳои 3-4пеш аз мелодро гувоҳӣ медиҳад.

**Осорхонаи Муъминобод**

Бозёфт ва ёдгориҳои таърихи шаҳодат медиҳанд, ки Муъминобод таърихи бою рангини беш аз 4500- сола дорад. Дар инҷо нигораҳоро аз асрҳои санг то асри Х1Х вохурдан мумкин аст, ногуфта намонад ки ин ҳама маҳсули ҷамъовардаи устод Талабов Махсиддин аст.



**Чашмаи Толеъ**

Дар тарафи чапи роҳи мошингарди Муъминобод-Кӯлоб, дар байни деҳаҳои Қипчок ва Туту деҳаи на чандон бузурги Толеи нав воқеъ аст. Солҳои пешин шумораи хоҷагии ин дехаро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Айни замон дар ин ҷо 15-16 хочаги истиқомат доранд. Мардумаш асосан ба чорводори ва корхои дехқони машғуланд. Дар қисмати поении деҳа аз тарафи чап дар таги теппаи тахмин 5-10 метр баланддошта чашмаи мусаффое чори мешавад,ки бо тамъу лаззат ва хосияти шифобахшиаш солҳо боз маълуму машхур аст. Оби чашмаро дар тахлилгохи марказ муоина карда, хулосаи мутахассини соҳаи тибро хосил кард. Маълум гардид, ки оби чашма хосияти баланди шифобахши дошта, барои табобати беморихои меъдаю рӯда, чигару талха, берун кардани санги гурдаю масона, паст кардани туришии меъда, ҷигарсӯзок, бадҳазмӣ, ба танзим омадани мубодилаҳои моддаҳо дар органхои хозима ва ғайра кӯмаки хубе мерасонад.




**Чашмаи Шифо**

Ин чашма дар назикии дехаи ноободи Мазори бедарак чойгир аст. Азбаски ин макон дар гузашта чангалзори зичу касногузар доштааст ва касе, ки вориди он мегаштааст, бедарак шуда нихоят бо мушкилихои зиёде берун мегаштааст, ин дехаро Мазори бедарак ном гузоштанд. Хамчунин дар ин чо чанд мазору чойхои муқаддас мавчуд аст.Чашмаи шифо ана, дар хамин макон асрхо боз арзи вучуд мекунад ва бо хосияти шифобахшиаш маълуму машхур аст. Оби чашма сарду тунук ва болазату хунук мебошад.Вақте ки кас ба ин макон мебарояд, шир-шири садои гуворою рӯхбахши он аз таги кӯххои қатораи Мазори бедарак назар афканда, аз лаззату хунуки ва тунукии он хумори ташнаги шикаста, бори дигар ки ба қудрату тавонои ва муъчизоти Холиқи хеш сари таъзим хам карда, рубоии зеринро замзама месозад:

*Эй Чашмаи шух, чонфизо меои,*
*Пайгоми ки дори аз кучо меои.*
*Монанди сиришки ман нихон аз мардум,*
*Охиставу нарму бесадо меои*

.

## ТАКМИЛИ ОСОРХОНАИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ. ЗИНДАГИНОМАИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

**Воҳидов Ш.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**



Устод Лоиқ Шералӣ шоири бузурги муосири тоҷик 20 майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шариф воқеъ дар шаҳристони Панҷакенти Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1954 пас аз хатми мактаби ҳафтсолаи деҳаи Мазори Шариф ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дохил шуда, соли 1958 онро хатм кард. Таҳсил дар ҳамин омӯзишгоҳ роҳи ояндаи ӯро таъйин намуд. Ӯ бо маслиҳат ва пуштибонии бародари фозилаш Қоришариф соли 1959 ба Душанбе меояд ва ба факултаи забону адабиёт ва торихи Донишгоҳи омӯзгорӣ дохил мегардад ва соли 1963 онро ба итмом мерасонад.

Пас аз ин, нахуст ба ҳайси муҳаррири шӯъбаи адабии радиои Тоҷикистон ва сипас корманди адабии рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон”, мудири шӯъбаи назми маҷаллаи “Садои Шарқ”, мушовири Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сардабири маҷаллаи адабии “Садои Шарқ” – нашрияи Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон кор кард. Ӯ аз соли 1965 узви Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Бояд ёдовар шуд, ки дар он солҳо мутобиқи расму қоидаи маъмул ҳар адиб, ки мехост узви Иттифоқи нависандагон шавад, бояд то он дам ҳатман  як маҷмӯа чоп карда бошад. Вале бо назардошти истеъдоди равшани Лоиқи ҷавон ва исрори устод Мирзо Турсунзода ӯро бидуни ҳеч маҷмӯае ба таври истисно ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Ӯ ҳамчунин узви Кумитаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Шӯрои олии Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Устод Лоиқ аз соли 1991 то дами марг ба сифати Раиси Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ ифои вазифа кард.
Ӯ ҳамчунин узви Кумитаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Шӯрои олии Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Устод Лоиқ аз соли 1991 то дами марг ба сифати Раиси Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ ифои вазифа кард.

30 июни соли 2000 соати 12 бар асари бемории сактаи мағзӣ чашм аз ҷаҳон пӯшид. Ташйиъи ҷанозаи он гаронмоя 1 июл бо ҳузури ҳазорон мухлисаш баргузор ва пайкари покаш дар Оромгоҳи Лучоби шаҳри Душанбе дар паҳлӯи бузургони адаб ва ҳунари Тоҷикистон дафн карда шуд. Байти зеринро худи устод ҳанӯз соли 1998 барои санги мазораш васият карда буд:

*Дар рӯи замин намонд маъман,*
*Эй гӯр, дуруд бодат аз ман.*

**Ашъори шоир**

Нахустин шеърашро Лоиқ дар синни 18-солагиаш бо номи «Ном» иншо мекунад. Моҳияти ин шеър аз он иборат аст, ки дар синни наврасӣ Лоиқ мехоҳад, кореро анҷом намояд, ки дар дилу дидаи мардум абадан ҷой гирад.Ва ҳамин чиз сабаб мегардаду ӯ

пешаи шоириро ба худ қабул менамояд. Албатта, шоирӣ ин истеъдоди Худододист. Вале ӯ пайваста кӯшиш менамуд, ки ба воситаи шеърнависӣ дар қалбу дидаи мардум чой гирад. Дар муддати кутох Лоиқ тавонистааст дар дилу дидаи мардум бо он шеърҳои пурмазмун ва баландэъҷозаш ҷой гирад. Шеърҳое, ки Лоиқ навиштааст, мазмуни баланди эҷодӣ доранд. Васфи ишқу муҳаббат ва меҳру садоқат дар эҷодиёти устод чунон зебо ва нозукбинона нигошта шудааст, ки пас аз мутолиа намудани он ба хонанда руҳу ҳаловати тозае мебахшад.

Шеърҳое, ки Лоиқ дар васфи модар гуфтааст, ҳамаи онҳо дорои маънии хеле баландмазмун мебошанд. “Модарнома”-и устод яке аз беҳтарин модарномаҳо шинохта шудааст. Аксари шеърҳои «Модарнома»-и устод бозгӯи зиндагии модари муштипараш мебошанд. Дар яке аз шеърҳояш тасвири модари пираш, ки дастони ларзон дораду чашмаш сӯзанро намебинад бо як умед ва шарафи модари ҷомаи домодӣ медӯзад, навишта шудааст:

*Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам,*
*Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,*
*Ки рузи тӯй дида дар қади ман, бишкани армон,*
*Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният,*
*Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!*

Ватанхоҳӣ ва ватанпарастӣ дар шеърҳои Лоиқ хеле хуб инъикос ёфтаанд. Шеърҳое, ки дар замони ҷанги бародаркуш эҷод гардидаанд, хама мазмуни сиёсӣ дошта, даъват ба ягонагӣ ва сулҳу салоҳ мебошанд. Ҳар як мисраи эҷодкардаи ӯ маънии худро дорад.

**Лоиқ шоири замонаҳо**

Лоиқ то имрӯз ягона шоир аст, ки бидуни нашри ягон дафтари шеър ба узвияти Иттиҳодияи адибони Шӯравӣ пазируфта шуд. Иттиҳодияи адибони Тоҷикистон Мирзо Турсунзодаро шеъри «Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам…» чунон мутаассир мекунад, ки ӯ бо сарфи назар аз талаби ҳатмии китоби чопшудаи ашъор, Лоиқро ба узвияти ин созмон қабул мекунад. Лоиқ Шералӣ соли 1965, вақте ба ин созмони расмии удабо пайваст, ҳамагӣ 24 сол дошт.

Нахустин дафтари шеъри ӯ бо номи «Сари сабз» соли баъд, дар 25-солагии Лоиқ ба нашр расид. Баъдан чандин дафтари дигари шеъри Лоиқ – «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» бо силсилаи «Рубоиёти Хайём» (1972), «Ташнадил» (1974, бо ҳуруфи форсӣ), «Хоки ватан» (1975) ва «Марди роҳ» (1978) аз дасти чоп берун шуд. Лоиқ дар ин солҳо бо ашъори шоирона ва миллиаш дар баробари Мӯъмин Қаноат, Бозори Собир ва Гулрухсор дар радифи аввали шоирони муосири тоҷик қарор гирифт. Дар солҳои 80-уми қарни гузашта, китобҳои «Хонаи дил» ва «Хонаи чашм» ва дар солҳои 90-ум «Фарёди бефарёдрас»-и Лоиқ шӯҳрати ӯро ба осмони боз ҳам баландтарини адабиёти тоҷик баровbooks ва номи ӯ ба ҳалқаҳои адабии форсизабони дунё низ роҳ ёфт.

**Ба ҷоизаҳои пуршарафи давлатӣ қадрдони шудани Лоиқ**

Шоир соли 1978 барои маҷмӯаи “Хоки ватан” ва “Илҳом аз Шоҳнома” барандаи ҷоизаи давлатии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ гардид. Ғайр аз ин ӯ унвони давлатии “Шоири халқии Тоҷикистон”-ро касб карда буд. Моҳи майи соли 1999 ба устод ҷоизаи байналмилалии “Нилуфар” эҳдо гардид.

**Лоиқи замон рафт**

Лоиқ 30-юми июни соли 2000, дар синни ҳамагӣ 59-солагӣ бар асари боло рафтани фишори хун ба дунё падруд гуфт ва ба абадият пайваст. Аммо шеъри баланди ӯст, ки ёди Лоиқ ва номи ӯро дар зеҳнҳо зинда медорад. Рӯзи 20-уми май, дар 70-умин зодрӯзи шоир дар театри Лоҳутӣ маҳфили ёдбуди Лоиқ Шералӣ баргузор шуд. Дар ин рӯз ҷамъи бузурге аз дӯстону пайвандон ва алоқамандони шеъри Лоиқ дар мазори шоир дар оромгоҳи Лучоб гирди ҳам омада, ба ёди ӯ маҳфили шеър оростанд.

Бо эҳтимоми дӯстону пайвандонаш имсол санги мазори шоирро ҳам нав карданд ва дар ин санги нав байти маъруфи ӯ ҳаккокӣ шудаа

*Ман баъди ҳама завол меоям боз,*
*Чун мурғи хуҷастабол меоям боз.*
*Гар баъди ҳазор сол ёдам бикунӣ,*
*Ман баъди ҳазор сол меоям боз.*

Устод Лоиқ бемуболиға шоиртарин ошиқ ва ошиқтарин шоир буд. Зеботарину писандидатарин, содатарину равонтарин, гармтарину олитарин, алқисса, ошиқонатарину шоиронатарин шеъри садаи 20-ро гуфтааст. Лоиқ дар зама чизу ҳама ҷо симои ёрро мебинад ва хар чизаке метавонад ӯро ба ёди ёр андозад:

*Нам-нами борон чу ёдат кард, ёдат мекунам,*
*Барги гул чун бӯӣ ту овард, ёдат мекунам.*
*Ман агар нозукписандам, аз назокатҳоӣ туст,*
*Бар сари гул чун нишинад гард, ёдат мекунам...*

Ё ХУД: *Чунонат ёд меорам, ки рахгумкарда манзилро,*
*Чунонат дуст медорам, ки дарёбурда сохилро...*

Агар у гуфтааст, ки "Ман намемирам, ман нахоҳам мурд" имрӯз мо бояд дар дил тасдиқ кунем, ки Ӯ НАМЕМИРАД, Ӯ НАХОҲАД МУРД!!!..

**Истеъдодҳо намемиранд...**

Истеъдодҳо дар ҳар як асру солҳо байни мардум пайдо мешаванд ва хуш ба ҳоли он мардум, ки бо ҳамин нобиғахо ҳамасру ҳамдаврон ва дар як давраи таърихи бо ҳам зиндагонӣ мекунанд. Лоиқ шоири дастрас буд ва дар маъракаву шабнишиниҳо бо қону дил иштирок мекард. Назарбаланд буд, аммо бо хама бузургиаш кибр надошт. ҳама медонанд, ки дар асри мо Лоиқ бузургтарин шоир буд, ҳаст ва мемонад. Он замонҳо, яъне то солҳои 90 шоирро тарғибу ташвиқ мекарданд, то истеъдодашроривоҷу равнақ диҳад. Чанд соли охир барои Лоиқ барин шоири ҳассос, ки дарди замонаро хеле хуб дарк кардаву аз дастоварду муваффақиятҳои кишвар сарбаланду аз бенизомиҳо дилхун мегардид, ба рӯҳу ҷонаш беасар намонданд.

**Маълумоти мухтасар дар бораи осорхонаи устод**

Рустое, ки устод Лоиқ дар он зода ва парварида шудааст. Як деҳае, ки дар домони кӯҳу теппаҳои сарсабзу зебост. Ин деха Мазори Шариф ном дорад.

Мазори Шариф ном шудани рустои Лоиқ, ба он хотире будааст, ки дар ин деҳа аниқтараш дар рӯбарӯи манзиле, ки устод Лоиқ таваллуд шудаанд, мазоре ҳаст, ки дар он як идда бузургони асрҳои X-XII, аз ҷумла Хоҷа Муҳаммади Башоро, аз муҳаддисони

машҳур зиставу чилла нишаставу фавтидаву дафн шудаанд. Хона-музейи устод Лоиқ дар паҳлуи ин оромгоҳ ба як мазори дигар табдил шудааст. Осорхонаи устод Лоиқ Шералӣ дар шахри Панҷакент, деҳаи зебоманзараи Мазори Шариф ҷойгир шудааст. Осорхонаи мазкур соли 2001 сохта шудааст! Осорхона 1 кабата буда, аз 3 хона иборат аст: хонаи кории устод, хонаи чоиза ва дастовардхои устод нигох дошта шуда ва охирон хонаи хоби устод. Дар хонаи хоби устод лавозимотхои рузгор ва инчунин асбобхои мусикии хамон замонаи давраи устодро дидан мумкин аст. Дар кунчи дигари хонаи номбурда шуда сандалиеро дидан мумкин аст, ки он сандали хоси замони давраи хаёт ба сар бурдани устод мебошад. Ба тамошои осорхонаи устод Лоик мухлисонаш ва дустдорони ашъораш харруза-харруз меоянд.

**Такмили осорхонаи Лоиқ Шералӣ дар шахри Панҷакент**

Барои такмил додани осорхонаи устод, бояд аввал макони осорхонаи устодро иваз намудан лозим аст. Яъне осорхонаи устодро дар худи шахри Панҷакент сохтан лозим аст. Агар осорхона дар худи шахри Панҷакент бошад, мухлисон ва дустдорони ашъори устод зиёд мешаванд ва ӯро бисёртар мешиносанд, устод ки буд, чи гуна шеърҳо эҷод кардааст ва ба чи гуна чоизаҳои пуршарафи дафлатӣ қадрдони шуданашро мефаҳманд.

Баъд аз такмили осорхонаи шоир, агар ашъори ӯро пурра дар шабакаҳои интернет ҷой-ҷой дода шавад, беҳтар буд, ки хонанда метавонист маводи лозимиашро мутолиа намояд. Инчунин, ашъори шоир, яъне китобҳояшро имрӯзҳо аҳён-аҳён ба чашм мерасид. Бори дигар китобҳояш ба нашр расонд ва мардум ва мухлисонаш инҳоро харидорӣ намоянд,

## САЙТ «ФИЗИКА ДЛЯ ВСЕХ»

**Ганиев Х.**
**Технологический университет Таджикистана**

**Общая информация**

Сайт «Физика для всех» создан в помощь школьникам и абитуриентам поступающим ВУЗ-ы с физико-математическим уклоном.

В создании сайта использовались результаты многолетних опытов обучения школьников и абитуриентов предмету физики.

В работе над сайтом принимали участие программисты (техническая часть) и преподаватели физики (контент).

**Актуальность**

**Физика** – одна из основных школьных дисциплин.

Поиск новых эффективных способов преподавания физики и повышения интереса учащихся к его изучению.

Тенденция перехода многих жизненных сфер в интернет (социальные сети, общение, развлечение, коммерция, поиск, образование).

Рост числа пользователей интернета среди школьников.

**Изменение числа пользователей интернета с 1995 по 2010 годы**




**Эффективность освоения информации при различных методах обучения**




**Лекции (5%) , Чтение (10%) ,Аудио/видео (20%), Демонстрация (30%), Дискуссия (50%), Практика (75%), Анализ, самообучение (90%)**

**Цели создания сайта**

Улучшение качества образования школьников и абитуриентов.

Популяризация физики среди школьников.

Дать возможность  самостоятельно изучать физику.

Подготовка к вступительным экзаменам школьников по системе НТЦ.

Внедрение альтернативного метода обучения.

Обеспечение учащимся удобства обучения.

Обеспечение доступности информации 24 часа в сутки через доступные технические средства (компьютеры, планшеты, мобильные телефоны).

**Наши преимущества**

Первый национальный ресурс, посвященный обучению физики.

Наличие видео-уроков по всем темам на русском и таджикском языках.

Наличие контрольных тестов для практики.

Наличие типовых вариантов экзаменов НТЦ.

Наличие конспектов и лекций по всем темам школьной программы.

Все в одном месте (все форматы информации в зависимости от потребности учащегося)!

**Разделы сайта**

Теория

Обучение

Задачи

**1. Общее теоретическое знание**

Этот раздел включает в себя конспекты лекции по каждой теме физики. Мы разделили всю школьную физику на 84 основные темы.

Конспекты сильно отличаются от традиционных, но не содержанием, а стилем.

Минимальное использование сложной терминологии дает возможность ученикам легче понять суть темы.

**2. Раздел обучение**

В этом разделе дается решение типов задач по каждой теме в виде видеороликов, что позволяет ученику пересматривать по несколько раз решения той или иной задачи.

**3. Задачи для самостоятельного решения**

По каждой теме приведено от 7 до 13 видов типовых задач, которые составляют один комплект задач.

По каждому типу приведено по несколько задач с изменением данных задач.

**Дополнительный функционал**

- ❖ В целях упрощения пользования нашим сайтом введена функция поиска.
- ❖ Функция комментария для обсуждения тем.
- ❖ Чат – для общения между пользователями.
- ❖ Разрабатываем функцию добавления элементов формул в комментарии.
- ❖ Социальные плагины для упрощения взаимодействия с нашим сайтом через аккаунты в соцсетях.




Главный
Лекции
Обучение
Задачи
Все разделы физики
Механика
Кинематика
Динамика
Статика
Колебательное движение
Теория относительности
Молекулярно - Кинетическая теория
Электростатика
Электродинамика
Магнетизм
Оптика
Квантовая физика
Атомная физика
Мини чат
Вступление
Здравствуй дорогой читатель и мой юный друг!
Мир, где мы с тобой живем, настолько разнообразен, что для описания всех его окрасок, всей красоты и всей его необычайности не хватает слов. Слова – это в лучшем случае. Ведь чаще всего не хватает ума, чтобы понять все явления, которые кажутся очевидными.
Ва бояд мо кӯшиш намоем, то телефонҳое ихтироъ намоем, ки зарарашон камтар бошад.

Ва мо фақат аз донишҷӯён онро хоҳиш менамоем, ки модоме, ки телефонҳои мобилиро истифода мебарем, онҳоро боманфиат истифода барем ва кӯшиш намоем, то истифодаи телефонҳои мобилиро камтар кунем.

Чунонеки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯянд «Ҷомеаи солим, боигарии давлат аст».

# КОШОНАИ ҲУСН” ДАР НАЗДИ МЕҲМОНХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ

**Мирзоев Ш. А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**



1. Чи хеле ки ба мо маълум аст дар минтақаҳои Тоҷикистон гиёҳҳои зиёде мерӯянд ва мардуми мо бо истифода аз онҳо хурокҳои зиёде омода менамрянд, ки ҳар яки он онҳо хосияти ба худ хосеро дорад.

Инчунин дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон гиёҳҳоеро во мехурем, ки ҳамчунин дорувори истеъмол мекунем.

Масалан, чормағзро гирем ин дарахт дар Тоҷикистон фаровон аст ва мо мағзи онро итеъмол мекунем. Дохили мағзи чормағзро яъне девораи мағз спирти барои баъзе бемориҳо ҳамчун дору истеъмол кардан мумкин аст.

Масалан бемории ҷоғак 33 дона девори ҷормағз якҷоя карда , 10 рӯз дар торикӣ нигоҳ дошта, баъд дар як рӯз як чакраги истифода бурданд мумкин аст, ба бемории дилзани ва ҷоғак табобат мебахшад.

2. дар минтақаҳои гуногуни кишвари мо гиёҳҳое мавҷуданд, ки барои табобати пӯсти рӯй фоида мебахшанд.

*Барои нарм кардани пӯст ва беҳ намудани ранги рӯй аз “оби бодиринг” истифода мебурданд. Бодринги пуст накандаро аз турб тарошак гузаронида ё майда реза карда, ба шиша меандозанд ва онро бо сипирт омехта карда дар офтобрӯя мегузоранд ва нӯшобаро соф намуда бар рӯй мемоланд, ки ин пӯсти рӯйро зебо, шаффоф ва таранг мекунад.*





Шираи барги уд (алоэ) барои нест кардани варами пӯсти рӯй ва рихинаки рӯй хуб мебошад. Барги уд (алоэ) бо оби ҷӯш мешуем ва хушк карда сипас онро мекӯбем шираашро ба рӯй мемолем.





Гиёҳи дигаре ки ба ҳамагон маълум аст решаи мушхор ном дорад , ки барои мӯи сар фоиданок мебошад. Решаи мушхорро (ҳангоми захира кардани реша онро дар сармо хушк кардан лозим аст зеро ки дар чунин ҳол вай то ҳосили нав нимепӯсад) ба дегча гузошта ва то рупӯш шудани реша об рехта ва дегчаро ба оташдон мемонанд ва то нарм шудани он меҷушонем. Сипас нушобаро хунук карда соф мекунем. Решаи мӯи сарро бо ин нушоба тар мекунем. Дар натиҷа сабӯси сар зуд нест мешавад , муй дигар намерезад ва сабзиши он авҷ гирифта ҷило пайдо мекунад.





Инчунин барои пешгири ва кал нашудани сар ва мустаҳкам намудани решаи муй аз қадим нушобаи ҷалғузаи розак (хмел) истифода мебурданд.

Чалғузаро моҳҳои августу сентябр(айёми пухта расидани он ) чинанд. Як қошуқ розакро бо як истакон оби ҷӯшомада рехта 30-дақиқа меҷӯшонанд. Баъди хунук шудан онро ба пӯсти сар мемолем,ки ин тартиб барои нарехтани мӯи сар кӯмак мерасонад.









Аз решаи куфтаи мушхор ва бехи шамшергиёҳ (аира) ба миқдори баробар омехтае тайёр мекунем. Шаш қошуқи онро ба як литр об мерезем ва 15-20 дақиқа меҷушонем. Нушобаро ҳафтае 2-3 маротиба ба пусти сар мемолем, ки ин барои мустаҳкамӣ ва беҳдошти муи сар хеле муфид аст.

Ҳаминро бояд илова кард, ки дарахтони дар Тоҷикистон мерӯида низ барои табобати мӯи сар истифода мешаванд. Масалан дарахти тӯс, беданҷир, ки дар ҳолати хориши сар, серравған ва серсабус будани он ба сар молидани омехтае тавсия дода мешавад, ки таркибаш аз 10-гр қатрони дарахти тӯс, 20-гр равғани беданҷир ва 100-гр спирт иборат аст. Омехтаро чанд соат пеш аз шустани сар мебояд молидан аз манфиат холӣ нест.

Хулоса ба воситаи гиёҳҳои шифобахше, ки дар Тоҷикистон мерӯянд, бисёр (проблемаҳо) масъалаҳоро, ки барои саломати ва зебогии инсон зарур аст табобат кардан лозим аст, агар корхонае ба мисли истеҳсол кардани (креми ) малҳам, шампуну собун ва ғайра аз гиёҳҳои шифобахш омода шуда бошад.

ҶИнчунин кошонаи ҳусн, ки бо истифода аз гиёҳҳои шифогбахш ба ба ороиш, зебогӣ ва табобати мӯйи сар, пӯсти рӯй, пӯсти даст ва ғайра аз манфиат берун нест, ки ин восита барои мардум ҳам арзон асту ҳам шифобахш



## ТАҲИЯИ WEB-СОМОНАИ ШАҲРИ ХОРУҒ

**Музофиршоев Н. С., Зарифбеков М.Ш.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Мақсад**

Мақсади таҳияи лоиҳаи иноватсионии WEB- сомони шаҳри Хоруғ, аз он иборат мебошад, ки сатҳи баланд бурдани огоҳии сокинони кишвари азизу ободамон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳри Хоруғ маркази вилояти мухтори куҳистони Бадахшон мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии азизамон Тоҷикистон чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, метавонанд аз ин сомона истифода бурда, дар бораи фарҳанг, расму русум, анъана, таърих ва навгониҳои ин ноҳияи зебоманзари Тоҷикистон шинос шуда, маълумоти пурраро ба даст оранд.

**Ҳадаф**

Ҳадафи асосии мо ҷавонони кишвар барои ба сатҳи баланд бурдани тараққиёти иқтисодиву фарҳангии Ҷумҳуриамон саҳмгузор бошем. Чун ки асри 21 ин худ асри техника ва технологияҳои муосир эълон шудааст, Ҳама он шаҳрвандоне, ки аз технологияҳои ҳозиразамон бархурдор нестанд, ошноғӣ пайдо кунанд ва истифодаи интернетро азхуд намоянд.

**Арзиш**

1. Ба сатҳи баланд бардоштани омӯзишҳо.
2. Бархурдорӣ барои ашхосе, ки бо интернет шиносоӣ надоранд.
3. Ба сатҳи баланд бурдани истеъдодҳо.
4. Манбаи маълумот оид ба шаҳри Хоруғ барои шаҳрвандони кишвар ва хориҷ.
5. Густариш ва васеъ сохтани WEB-сомонаҳо дар кишварамон.
6. Ин сомона бар илова як сомонаи маълумотӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчунон шаҳрвандон метавонанд дар сомона худро ба қайд гирифта, мақсаду мароми худро пешниҳод намоянд.

# Navruz.tj – НАВРӮЗ ИДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Муродов З.**
**Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе**

Бояд гуфт ки манша ва замони пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Аммо ин ҷашн таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағирнопазир аст» ва дар китобаш «Ал-тафҳим» менигорад ки «нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст».

Бо ташабуси ҷаноби оллӣ муҳтарам Эмомали Р. 19 феврали соли 2010 Маҷмаи умумӣ Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки тибқи он ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуд. Иди Наврӯз соли 2009 аз ҷониби Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид расман ба феҳристи ЮНЕСКО оид ба мероси башарияти фарҳанги ҷаҳонӣ дохил гардид.

Чи тавре ки дар боло гуфта гузаштем наврӯз чаҳони эълон гашт. Аз давраи қабули ин ид 5-сол сипари гашт валле то ҳол сомонае бахшида ба ин иди бошукӯҳи тоҷикон сохта шуда набуд. Аз сомонаи **navruz.tj** сокинони шаҳрҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон, Озорбойҷон, Афғонистон, Эрон ва ғара истифода бурдан метавонанд. Дар сомона тамоми маълумотҳо бахшида ба иди Наврӯз ҷой доранд. Имкониятҳои сомона васеъ мебошанд. Дар баробари мавҷуд будани маълумотҳо боз функсияҳои интерактивонӣ, бозиҳои шавқовар, китобҳо дар васфи Наврӯз, шеърҳои Наврӯзи ҷой доранд. Яке аз ин функсияҳо ин ҳисобкунаки суманак ҳисоб меравад. Ҳисобкунаки суманак имкон медиҳад, ки миқдорӣ маҳсулотҳое, ки дар пухтани суманак истифода мешаванд ҳисоб карда барорад. Сомонаи **navruz.tj** натанҳо дар ҳудуди давлат балки дар ёздаҳ давлате, ки Наврӯзро ҳамчун иди миллӣ қабул намуданд истифода бурда метавонанд. Зеро ки сомона бо ёздаҳ забон тарҷума карда мешавад. Айни ҳол бо ду забон тоҷикӣ ва руссӣ тарҷума карда шудааст.

Ногуфта намонад, ки сомона айни ҳол фаъол аст, домени сомона **navruz.tj** мебошад. Ва дар муддати начандон калон меҳмонони сомона шумораашон ба 3615 нафар расидааст. Дар долони сомона видеоҳои Наврӯзӣ, аксҳо дар чорабиниҳои Наврӯзӣ, хабарҳо ҷой доранд, ки ҳамаи ин ҷамъовардашудаҳо маҳсули дасти худамон мебошанд.

Вақте ки ба мо маълумот дар бораи Наврӯз лозим ояд соатҳои тӯлони сарф мешаванд ва имкон дорад, ки ҳатто ёфтан намешавад. Барои гирифтани маълумот дар бораи чи тарз тайёр намудани суманаки Наврӯзӣ ва ҳисоб кардани маҳсулоти он бошад модарони мо бояд аз калон солон пурсон шаванд китобҳоро варақ зананд. Ба кумаки ин проблемаҳо сомона метавонад ёри расонад.

Маълумотҳо бо котегорияҳо чудо карда мешаванд. Вакте ки ба мо чорабиниҳои Наврӯзи дар шаҳри Хуҷанд лозим ояд мо метавонем котегорияи Хуҷанд –ро интихоб карда аз он ҷо тамом маълумоти ба мо лозимаро дастрас намоем. Максад ба котегорияҳо ҷудо кардани шаҳрҳо осон кардани кор, дастрас ва фаҳмо муарифи намудани маълумот ва гайра мебошад.

- Дар баробари ин навгониҳо боз мо IP-каналро кор кард карда истодаем IP–канал имкон медиҳад, ки вақти гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба иди бошукӯҳи Наврӯз сокинони тамоми дунё тавонанд аз ресурси сомона истифода бурда чорабинии бахшида ба иди Наврӯзро бе ягон мушкили ба таври мустақим ёфта тамошо кунанд.

Хабарҳо, чорабиниҳои Наврӯзӣ ва ғайраро вақте ки меҳмонон аз сомона даст рас менамоянд ба онҳо писанд меояд мехоҳад то, ки дигарҳо низ хабардор шаванд онҳо метавонанд аз имконияти Тақсим кардан дар шабакаҳои иҷтимоӣ (поделится в соц сетях) истифода баранд. Вақте ки онҳо аз ин имконият истифода мебаранд ҳамон қисми маълумот ё хабар дар шабакаи иҷтимоии интихоб кардаи онҳо Тақсим(поделится) карда мешавад. Ва он қисми маълумот ба дигарон дар шабакаҳои иҷтимои намоён мегардад. Қайд кардан зарӯр аст, ки бештари нафарон имрӯз аз шабакаҳои иҷтимои истифода мебаранд, бо ин роҳ метавон маълумотро ба дигарон пешниход намуд ва ҳам макони аслии сомонаро муарифи кард.

Сомона ҳамзамон бо технологияӣ навин сохта шуддаст. Тақрибан 70-фоизи аҳолии Тоҷикистон ба интернет таввасути телефонҳои мобилӣ ворид мешаванд. Ва мо низ инро ба назар гирифта сомонаро бо дизайни резини (Responsive Disign) сохтем. Дизайни резини имкон медиҳад ки  ба сомона таввасути телефонҳои мобилӣ ворид шавем. Технологияи навини дигар ин Парраллакс мебошад. Вақти дар сурати асосии сомона бурдани нишонаи мушак ва ё даст дар сенсори телефон (тачпад) сурат зебогии табиатро васеъ нишон медиҳад. Содда карда гуем мисли аниматсия.

## ЛОИХАИ PETS – КӮМАК БА ХАЙВОНОТИ БЕСАРПАНОҲ (ШАҲРИ ТОЗА ВА АҲОЛИИ СОЛИМ)

**Муродов З.**
**Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе**

Чи тавре ки бо Қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе таҳти № 150-15 аз 16-10-2008. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати дар ноҳияҳои шаҳр, роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳо ва тамоми сокинон  доир ба беҳбудии соҳаи ободонии шаҳр бояд саҳмгузор бошанд.

Мо низ тибқи қоидаҳои тартиботи ҷамъияти, ободони ва санитари дар шаҳри душанбе лоҳаи мазкур **PETS** – ро сохтем. Лоиҳаи мазкур кумак ба ҳайвоноти бесарпаноҳ мебошад. Дар сомонаи **PETS** сокинони шаҳрҳои Душанбе имконияти дастрасӣ ба базаи ҳайвоноти бехонаро доранд.

Мушкилии асосии лоиҳаи ман ин ҳимояи ҳайвонҳо аст. Асосан дар пойтахти кишвар проблема бо сагҳо аз солҳои пеш вуҷуд доштанд ва то ҳол ин проблема меафзояд.

Ҳар сол дар торномаҳои иттилоотӣ, хабарҳо дар бораи маъракаи тозакунии шаҳр аз сагони бехона ва ё ҳамлаи сагони касал ба шаҳрвандон нашр мешавад. Бино ба иттилои намояндагии ООН дар шаҳри Душанбе дар соли 2013 дар Тоҷикистон 14,124 далелҳои ҳамлаи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳши ба қайд гирифта шудааст. Ба ҳисоби миёна дар як рӯз 38 ҳамла рост меояд.

Дар натиҷаи ҳамлаҳо ба одамон аз тарафи сагҳои хонагӣ ва кӯчаги дар соли 2012 беш аз 15 одамон ба касалии ҳорӣ (бешенство) гирифтор шуданд. Танҳо дар соли 2013 аз тарафи ДЭУ-и ноҳияи Сино 1741 сагҳо кушта шуда буданд.

**Такмили қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳайвонот:**

Моддаи 2. Моликияти ҷаҳонии олами ҳайвонот Олами ҳайвонот моликияти давлати ҳисоб меравад.

Моддаи 39. Ҳифзи олами ҳайвонот. Таъсиси қоидаҳо ва танзими ҳифзи табиат. Ҷорӣ намудани маҳдудият оид ба истифодаи олами ҳайвонот, ки дар моддаи 42 Қонуни мазкур дода шудааст. Ҳифзи муҳити зист, шароити чорводорӣ. Пешгирӣ аз марги ҳайвонот дар татбиқи равандҳои истеҳсолӣ.

Моддаи 70. Ғайри қонунӣ ба даст овардани ҳайвонҳо ва аз онҳо истеҳсол кардани маҳсулотҳо тибқи нархи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима карда мешавад.

**Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов Душанбе, 20 июли соли 1994, № 989.**

**Сарчашмаи мушкили:**

- мукаммал набудани қонун «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот»;
- риояи эъломияи умумии оид ба ҳайвонот;
- набудани паноҳгоҳҳо (приют) барои ҳайвоноти бесоҳиб;
- набудани ассотсиатсияи миллии назорати ҳайвонот;
- беаҳмиятии соҳибони ҳайвонот.

Умуман мақсади асосии ин лоиҳа кӯмак барои ҳайвонот аст. Ва инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо. Барои ҳамин мо пеш гирифтем ки ба худ мақсадҳои зеринро мисли:

1. Мусоидат барои ташкил кардани паногоҳҳо барои ҳайвони бесоҳиб.
2. Кам намудани шумораи ҳайвонҳои бехона.
3. Ёри ба аҳоли барои ёфтани дӯсти-чорпо.
4. Фонди ягонаи кӯмак ба ҳайвонҳо.
5. Кам намудани касалиҳои сирояткунанда.
6. Иштирок дар такмили қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳайвонот.
7. Кам намудани шумораи ҳамлаи сагон.
8. Дуруст истифода бурдани ҳайвонҳо дар ҷомеа.
9. Мусоидат баҳри сохтани шаҳри тоза ва бехатар.

Гузошта бошем. Ҳамарӯза ҳар яки мову шумо дар роҳҳо ва хусусан дар назди партовгоҳҳо ҳайвонҳои аз соҳиб маҳрум буда во мехурем. Кам нафароне ҳастанд, ки ба ин ҳайвонҳо назар мекунанд. Барои қадами аввалин ман як веб-приложения барои кумак ба ҳайвоноти бесоҳиб сохтам, ки дар он имконияти дарёфти ҳайвоноти бесарпаноҳ ва ё ин ки пешниҳод барои дарёфти хонаи нав барои ҳайвоноти шумо мебошад.

Дар сомонаи **pets** сокинони шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд имконияти дастрасӣ ба базаи ҳайвоноти бехонаро доранд. Онҳо метавонанд дусти чор-пояи худро пайдо кунанд ва ё дусти чор-пояи худро ба дигарон тавсия кунанд.

Ҳамзамон дар сомона имконияти гирифтани маълумотҳо барои тарбия ва омӯхтани хайвонҳо, ром кардани онҳо вуҷуд дорад. Дар баробари ин сомона метавонад фонди ягонаи кӯмак ба ҳайвонҳои бепарастор гардад.

Вақте, ки шумораи ҳайвонҳои бехона кам гардад ҳам касалиҳои сирояткунанда кам мешавад ва ҳам шаҳр бехатар ва тоза мегардад. Инчунин ташкил кардани чунин лоиҳа дар навбати худ бо корҳои савоб яъне хайрия ҳам ба пеш гузошта шудааст, ки ҳар як шаҳрванд метавонад барои ҳайвонҳои бехона хурок хайрия кунад ва ё маблағи пулиро ҷудо кунад.

**Сомона талаботҳои зеринро иҷро мекунад:**

Шумораи ҳайвонҳои бехонаро кам карда бо ин лиҳоз шаҳрро тозза ва бехатар мегардонад. Ҳар яки мо аз ин ресурс истифода бурда ҳайвонро дар ҳолати зарури ба берун намеронему балки барояш соҳиби дигар меёбем. Сомона дар пешбурди шаҳри тозза, бехатар ва аҳолии солим ролӣ ҳалкунандаро мебозад. Боз мегардем ба пайдо шудани проблема. Мисоле ман аз хонаи замини ба бинои серошёна мекучам. Саге дорам, аммо дар ошиёна уро нигоҳ доштан имкон надорад. Дар ин ҳолат метавон аз имкониятҳои сомона истифода бурд. Маълумотҳои сагро ба сомона дохил мекунем. Ва каси дигаре пайдо мегардад, ки ба у саг лозим аст. Ҳамин тариқ метавон як проблемаи кӯчакро ҳал кард.

**Хусусияти сомона:**

1. Дар сомона имконияти кофтани дӯсти чор-поа тавасути филтри ҷустуҷӣ имкон дорад.

2. Сомона дорои дизайни резини (**RESPONSIVE DISIGN**) мебошад, ки онро дар ҳама намуди таҷҳизотҳо истифода бурдан мумкин аст. Чи дар телефони смартфон чи дар компютери фардӣ.

## AFGHANISTAN AND TAJIKISTAN RELATIONSHIP

## РАВОБИТИ ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН ИН РАВОБИТИ ТАЪРИХӢ, ФАРҲАНГӢ ТАЪЛИМӢ ВА ИҚТИСОДИРО ДАР БАР МЕГИРАД

**Mohammad Atif anwary, Haroon Sahebzada**
**Afghanistan**

Afghanistan and Tajikistan are tied in centuries old historic, cultural, and neighborly relations. The term Afghanistan-Tajikistan refers to the relations between the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan, which began in 1992. The areas which form the two countries were once connected, especially during the Samanid, Ghaznavid, and Timurid periods. After a friendship treaty in 1750 between Ahmad Shah Durrani of Afghanistan and Mohammad Murad Beg of Bukhara, the Amu Darya (Oxus River) became the official border of Afghanistan. Language is an important element of culture. Persian language is widely used in both countries, and there are slightly more Tajiks in Afghanistan than Tajikistan.the relations between the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan, which began in 1992. Afghanistan maintains an embassy in Dushanbe and a consulate in Khorugh. The current ambassador is Sayed Mohammad Khairkhak. Tajikistan maintains an embassy in Kabul and a consulate in Mazari Sharif. The

current ambassador is Farhod Hamroboevich Mahkamov.Afghanistan and Tajikistan share a roughly 1,300-kilometer border, most of which is in rugged terrain and is poorly protected. Currently the porous border between the two countries is a major concern for both governments, as well as the international community. The border is a major route for drugs being smuggled from Afghanistan to Russia and Europe, and as of mid-2009 it appears that drug and insurgent-related violence around the border is increasing, due in part to the increasingly unstable situation in Pak-Afghan border. In January 2007, with funding from the United States, Afghanistan and Tajikistan opened a bridge over the Pyanj River linking the two countries. Although the goal was to improve trade, the president of Tajikistan expressed concern that it could also increase drug traffic admitting the porosity of the border. Tajikistan has rich deposits of gold, silver, and antimony. The largest silver deposits are in Sughd Province, where Tajikistan’s largest gold mining operation is located, as well. Russia’s Norilsk nickel company has explored a large new silver deposit at Bolshoy Kanimansur. More than 400 mineral deposits of some 70 different minerals have been discovered in Tajikistan. Natural gas is produced in the Gissar Valley and Vakhsh Valley, oil in both the north and south and brown coal is produced at Shurab in the Leninabad region. Coal exploitation in the country has been a major contributor to the national economy in recent years with output of hard coal increasing by 39% to 31,200 tonnes, and brown coal increasing by 70% to 15,200 tonnes. Mineral exports contribute substantially to the national economy of Tajikistan. According to the 2008 statistics of the World Bank, aluminium contributed about 50% to the national exchequer, with aluminium and cotton accounting for 9% of the gross domestic product. Tajikistan is an important country and enjoys significant geopolitical position among central Asian countries. Tajikistan with inclusion to Afghanistan also enjoys friendly relationship with Iran. In March 2008, Iran, Afghanistan and Tajikistan issued a joint communiqué for expanding economic and cultural relations, including improving security The bilateral discussion led to several agreements signed between Afghanistan and Tajikistan concerning energy. A $500 million deal was signed in September 2007 to create an energy connection from Tajikistan and Kyrgyzstan to Afghanistan. Both Tajikistan and Kyrgyzstan are trying to develop their potentially vast hydroelectric industry by selling it to South Asia, and an energy link with Afghanistan is seen as the first step in such expansion. Given Tajikistan is a large producer of hydroelectric power, Afghanistan can cash the privilege to compensate its energy requirement from its neighboring country.In order to embolden the confidence level to the point of no return and bridge their relation by inserting energy and potential President Hamid Karzai, heading a high level delegation, is paying an official two day visit to Tajikistan, responding to the invitation of Tajik premier. This development certainly improves the bilateral relation between the two countries and strengthens multifaceted socio-political ties. There are several agreements signed between two countries and both premieres expressed their readiness to further develop bilateral relations between the two neighboring countries.There are multiple arenas; the two countries can mutually contribute serving a medication to some of existing issue the two countries are facing at the moment. The two countries can exchange technical expertise and allocate sufficient quotas for students of other at their universities. It is good to hear the premiers of two states talked on bilateral trade and economic ties, combating security threats at joint borders and drug smuggling. They also discussed the regional security situation and other issues of common interest. It worth mentioning, the two countries must bilaterally devise a border security force to curtail the drug and weapon trafficking across the border.The two leaders discussed issues related to implementing ambitious economic projects

and providing regional security as well as bilateral political, economic and educational cooperation, given the dream might not materialize if concrete measures are not taken.Though a special attention was given to implementation of the Central Asia South Asia Electricity Transmission and Trade Project (CASA 100) and the regional project aimed at constructing a railway link connecting Tajikistan, Afghanistan and Turkmenistan, yet the roadmap leading to its formal implementation await its fate. Another financial project of enormous importance is the construction of a railway link connecting China, Kyrgyzstan, Tajikistan, Afghanistan and Iran. This project, at present is controversial, as long as the economic sanction is not lifted from Iran.Pakistan enjoys an outstanding geopolitical position with whom the two countries can mutually extend trade cooperation. The trilateral trade and transit pact between Tajikistan, Afghanistan and Pakistan would promote further development of commerce and trade within Central Asia.President Karzai succeeded earning Tajik premier’s support to continue providing assistance to Afghanistan with training of personnel for its army as well as social and economic sectors. The bilateral meetings resulted in signing of four cooperation documents. The sides also signed the government-to-government agreement on demining, the protocol to the government-to-government agreement between Tajikistan and Afghanistan of April 27, 2005 on crossings on the Tajik-Afghan border and the agreement between the Ministry of Finance of Tajikistan and the Ministry of Finance of Afghanistan on insurance cooperation.It is overwhelmingly said by some analysts that post US withdrawal 2014, the center of militancy and insurgency shifts to central Asian countries. A stronger bond of mutual interest based cooperation can guarantee better security and lengthened relationship between the two neighbors. A joint counter terrorism treaty between the two countries would help restricting the menace of expanding extremism and terrorism that rendered insignificant is not a good omen.

**Residency rights**

In July 2000, the mayor of Dushanbe issued an order that all refugees be moved out of the capital to rural areas, reflecting concerns by Tajik authorities that the refugees were engaged in drug smuggling and illegal business in the capital. The police began carrying out the order in May 2001 despite protests from the UNHCR that this violated the refugees' rights to; however, implementation was slowed by the fact that few rural areas were prepared to resettle

**Education**

Tajikistan's only school aimed specifically at Afghan refugees is located in Dushanbe. Many refugees face difficulties due to their inability to read Russian or Tajik, both of which are written using Cyrillic, in contrast to the various languages of Afghanistan that they speak, which are typically written using the Perso-Arabic script.] However, Tajik and Dari, both being forms of Persian, are mutually intelligible in their spoken form, and the UNHCR conducts classes to teach the Russian language to refugee childre

**Scholarship for Afghanistan**

The neighboring Tajikistan is expected to provide up to 50 scholarships to the Afghan higher education ministry following an agreement signed between the Afghan minister of higher education and his Tajik counterpart in Dushanbe, an official said Sunday.Minister Obaidullah Obeid singed the agreement with his Tajik counterpart, Prof. Sayedov based on, annually, 50 scholarships covering BA and Masters Degree had been pledged to be provided

to the Afghan ministry of higher education, the statement said. Agreements of scientific and academic cooperation were also signed among the Baghlan, Herat and Higher Education of Parwan with three Universities of Tajikistan, according to the statement.ON the basis of those agreements the ground will be prepared for exchange of experience among the lecturers and students of the Afghan and Tajik universities in respect to holding of scientific conferences, provision of educational scholarships, labs etc.During the visit the Afghan delegation also met with the Afghan students in Tajikistan who are working on their BA, Masters and PhD degrees in Tajikistan and obtained their views and proposals. In his meeting with the education minister if Tajikistan the Afghan delegation shared the views and proposals of the Afghan students with him and the Tajik side promised cooperation in removal of their problems. The delegation also visited the Afghan Samanian school located in Tajikistan and shared views with the students of the school.

## ТАЙЁРӢ БА ИМТИҲОНҲОИ ММТ

**Наимов М. Ю., Холиқова Л., Ёров Ҷ.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Лоиҳаи «Тайёрӣ ба имтиҳонҳои ММТ» барои нафароне, ки хоҳиши дохид шудан ба мактабҳои миёнаи касбӣ, олӣ ва ҳамаи он хоҳишмандоне, ки хоҳиши санҷидан ва баланд бародоштани сатҳи дониши худро доранд пешбинӣ шудааст. Барнома маҳорат ва малакаи зеҳнии хонандагонро баланд бардошта, барои омода намудани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кумак мерасонад.

Лоиҳаи мазкур барои худсанҷӣ ва баланд бардоштани савияи дониши хонандагон аз 12 фанни зер иборат аст:

1. Забони тоҷикӣ;
2. Адабиёти тоҷик;
3. Забони англисӣ;
4. Забони фаронсавӣ;
5. Забони олмонӣ;
6. Математика;
7. Химия;
8. Физика;
9. Биология;
10. География;
11. Таърихи халқи тоҷик;
12. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ;




**Расми 1. Намои саҳифаи асосии лоиҳа**

Бахшҳои лоиҳа: Бахши худсанҷӣ (дар мисоли фанни Биология)

Барои кушодани барномаи худсанҷӣ ба корбар лозим меояд, ки фанни мақбулашро интихоб намуда аз он ҷо тугмаи “Тест”-ро пахш кунад.

Баъдан ин равзана (Расми 2) падид меояд, ки дар он тугмаи “Оғоз”-ро пахш намудан зарур меояд.







**Расми 2. Намои барномаи худсанҷ (дар мисоли фанни Биология)**

**Расми 3**

Пас аз пахши тугмаи “Оғоз” барномаи худсанҷ ба кор шуруъ менамояд. (Расми 3) Дар барнома вобаста аз фанни интихобнамудаи корбар вақти мувофиқ ба талаботи ММТ пайдо мешавад. Яъне барнома баъд аз анҷоми вақти таъиншуда ба таври автомати пушида мешавад. Инчунин ба корбар зарур меояд, ки яке аз 4 ҷавоби ба савол пешниҳодшударо интихоб намуда тугмаи “Ба пеш”-ро пахш кунад.

Инчунин дар барнома мувофиқи талаботи ММТ саволҳои типи нав яъне саволҳои мувофиқатгузорӣ низ пешниҳод карда мешаванд. (Расми 4) Ба корбар зарур

меоянд, ки нишондиҳандаи мушакро ба болои катакчаи мувофиқ бурда тугмаи чапи мушакро пахш кунад.







**Расми 4. Шакли саволи мувофиқат** **Расми 5**




**Расми 6.**

Баъд аз ба тамоми саволҳои пешниҳодшуда пеш аз ба анҷом расидани вақти таъиншуда ҷавоб додан тугмаи “Баромад”-ро пахш намудан зарур аст. Дар натиҷа равзанаи мазкур (Расми 5) падид меояд, ки дар он корбар натиҷаи санҷиши гузаштаашро ҳам бо фоиз ва ҳам бо балл дида метавонад.

Баъд аз пахш намудани тугмаи “Маълумоти бештар” корбар имконияти аз назар гузаронидани ҳамаи он санҷишҳои мавҷударо пайдо мекунад, яъне ба кадом савол дуруст ба кадомаш нодуруст ва ҷавоби дуруст кадомаш буданро дида метавонад. (Расми 6)

*Бахшҳои лоиҳа: “Донишнома (энсиклопедия)-и электронии Тоҷикистон”*

❖ Барои омӯхтани ҷойгиршавии ин ё он шаҳру навоҳии кишвар;
❖ Омӯхтани таърихи шаҳру навоҳии кишвар;
❖ Маълумот оиди иқлими шаҳру навоҳӣ;
❖ Маълумоти иҷтимоию иқтисодӣ;
❖ Дурнамои тараққиёти шаҳру навоҳӣ;
❖ Маълумот оиди бахши туризми шаҳру навоҳӣ.




**Расми 7. Намои саҳифаи асосии барномаи “Донишнома (энсиклопедия)-и электронии Тоҷикистон”**

*Бахшҳои лоиҳа: “Ҷадвали электронии системаи даврии элементҳои химиявӣ”*

❖ Барои омӯхтани элементҳои системаи даврӣ;
❖ Ба таври айёнӣ дидани ҷойгиршавии сохти атоми элементҳо;
❖ Маълумоти пурра оиди ҳар як элемент.

Баъд аз пахш намудан рӯйи элементи дилхоҳ аз ҷадвали пешниҳодшуда маълумоти мухтасар ва пурра оиди он элемент падид хоҳад омад.




**Расми 8.Намои “Ҷадвали электронии системаи даврии элементҳои химиявӣ”**

*Бахшҳои лоиҳа: “Дарсҳои видеоӣ аз фанни Химия-синфи 8”*

❖ Омӯхтани мустақилонаи фанни химия ба воситаи видеодарсҳо;
❖ Ба таври айёнӣ ва фаҳмо пешниҳод шудани мавзӯи дарсӣ;
❖ Видеодарсҳо мутобиқи меъёри тасдиқшудаи Вазорати маориф ва илми ҶТ оиди фанни химия тайёр карда шудааст;
Бахши мазкур дар умум 44 дарсро дар бар мегирад, ки фарогири пурра фанни химия барои синфҳои 8-ум мебошад.




**Расми 9.Намунаи кадрҳо аз лоиҳаи “Дарсҳои видеоӣ аз фанни Химия-синфи 8”**

*Бахшҳои лоиҳа: “Таҷрибаҳои химиявӣ”*

Дар бахши мазкур таҷрибаҳои шавқовари химиявӣ ва корҳои лабораторӣ мактабӣ пешниҳод шудааст. Таҷрибаҳои мазкур аз тарафи устодони пуртаҷрибаи фанни химия тайёр шудаанд.



**Расми 10.Намунае аз таҷрибаҳои химиявӣ**

*Бахшҳои лоиҳа: “Луғат (вожанома)-ҳои электронӣ”*

Дар бахши мазкур вожанома ва фарҳангҳои гуногун ба монанди “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” дар шакли барнома таҳия шудаанд, ки ин барои довталабон хусусан ба нафароне, ки ба кластери гуманитарӣ дохил шудан мехоҳанд бомаврид аст.




**Расми 11.Намои барномаи “Вожаномаҳо”**

*Бахшҳои лоиҳа: “Барномаи Сарқонуни (Конститутсия)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон”*

Барномаи мазкур бахшида ба 20-солагии Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда буд. Дар барномаи мазкур корбар имконияти шунидан, хондани моддаҳоро бо се забон-тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва инчунин хондани тафсири Сарқонунро доранд. Дар барнома овози ровии маъруфи тоҷик истифода шудааст. Барнома инчунин аз ташхиси Вазорати адлия ва Суди конститутсионӣ гузашта дорои тақризи мусбӣ мебошад.




**Расми 12.Намои саҳифаи асосии барномаи Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барномаи мазкур аз ду қисм иборат буд дар қисми аввали он худи барнома ва дар қисми дуюмаш мақолаҳои илмӣ ва андешаҳо оиди Сарқонуни кишвар омадааст.




Инчун дар лоиҳа китобҳои бениҳоят зиёд аз ҷумла 23 ҷилди китоби “Ахтарони адаб”, ки бо фармони Президенти кишвар бояд дар ҳаҷми 50 ҷилд нашр шавад оварда шудааст.

# НОҲИЯИ МУМИНОБОД

**Нилуфари М., Раупов П.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ноҳияи Мӯъминобод як пораи хоки Хатлонзамин-диёри шӯҳратёру бостонии тоҷик буда, таърихи кӯҳан дорад. Ин ноҳия аграри буда дар ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Мавҷудияти як қатор маконоти муқаддаси бостонӣ аз он гувоҳи медиҳанд, ки ин сарзамин таърихи беш аз 200 сола дорад. Ин ақидаро 40-50 сол муқаддам олимони соҳаи бостоншиносии Шуравӣ ошкор ва тасдиқ намуда буданд. Мувофиқи маълумотҳои дастрасшуда то имрӯз дар ҳудуди ноҳия беш аз 50 ёдгории таърихию археологи арзи вуқуд мекунад, ки на ҳамаи онҳо аз тарафи давлат ба қайд гирифта шуданд.

Ноҳияи Мӯъминобод дар доманакуҳҳои Хазратишоҳ ҷойгир мебошад. Ноҳия бо ягон давлати хориҷи ҳамсарҳадӣ надорад. Мӯъминобод аз шимол бо ноҳияҳои Ховалинг,Тавилдара аз шарқ ба ноҳияи Шӯрообод аз ҷануб бо шаҳри Кӯлоб ҳамсарҳад аст.

Иқлими ноҳия континентали буда, дар инҳо боғу токзор хело бисёранд. Ноҳияро кӯҳои баланди осмонбус иҳота кардаанд.

Мӯъминобод – ноҳияи аграри буда, асоси иқтисодиёти ноҳиятро ин соҳа ташкил менамояд. Самти тараққи карадаи соҳаи агарарии ноҳияро боғдорӣ ташкил медиҳад, ки дар тули 5 соли охир майдони богҳо дучанд зиёд шудаанд. Дар ноҳия корхонаҳои калони саноатӣ вуҷуд надорад. Барои коркарди маҳсулотхои хоҷагии қишлоқ ду корхонаи хурди истеҳсоли ЧДММ «Оила» ва ЧДММ «Р.Мирзоев» дар ноҳия фаъолият мекунанд. Бо истифодаи сармояи хориҷӣ дар корхона корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ «Зам-зам» фаъолият менамояд.

Иқтидори рушд. Ноҳияи Мӯъминобод аз захираҳои табии барои рушди саноати кӯҳӣ бой мебошад. Дар қаламрави ноҳия захираи тилло ва нукра мавҷуд мебошад. Дигар соҳаи рушди иқтисод дар ноҳия соҳаи туризм ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия ҷойҳои ҷолиби диққат хело зиёд мебошанд.

**1. Маълумоти умуми дар бораи максад ва вазифахои лоихаи сармоягузори**

Ҳадаф аз таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ оиди таҷдиди техникии корхонаи консервабарории ноҳияи Муъминобод он аст, ки ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла сабзавот, ба таври пурра коркард шуда, аҳолии ноҳия ва ноҳияҳои ҳамсоя бо маҳсулоти консервагии тоза, табии ва хушсифату арзон таъмин карда шаванд.

Мақсади асосии лоиҳаи сармоягузорӣ, бо роҳи коркади сабзавоти дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод ва ноҳияҳои ҳамсоя парваришшаванда, истеҳсоли маҳсулоти консервагии баландсифат, тоза ва арзонро зиёд намудан аст. Ҳар сол дар ноҳия микдори зиёди сабзавот аз сабаби коркард нашуданаш талаф меёбад.

Ҳадафҳои асосии лоиҳаи сармоягузори инҳоянд:

- қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти консервагии арзон, хушсифат ва аз нигоҳи экологӣ тозаву фоидаовар;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ;

- пардохти андозҳо ба буҷет;

- зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти дохили.

Барои татбиқи лоиҳа харидан ва таҷҳизонидани сехҳои корхона бо таҷҳизоти муосир пешбини шудааст. Ин таҷҳизот барои истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ, инчунин дигар намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешавад.

Вазифаҳои асосии лоиҳаи сармоягузорӣ оиди таҷдиди техникии корхонаи консервабарории ноҳияи Муъминобод инҳоянад:

- ҷалби сармояи ватани ва хориҷи бо мақсади самаранок амали намудани лоиҳаи мазкур;

- гузаронидани корҳои сохтмони-васлгари оиди тайёр кардани биноҳои мавҷуда барои васл намудани таҷҳизоти нави замонавӣ;

- харидан ва васл намудани таҷҳизоти технологии нав;

- ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти консервагии баландсифат ва аз нигоҳи экологӣ тозаву безарар;

- таъмини ҷараёни мураттаб ва самараноки истеҳсолот.

Дар ҳолати дуруст ва бомуваффақона амалӣ гардидани лоиҳа натиҷаҳои мусбати он инҳо хоҳанд буд:

- ба кор андохтани таҷҳизот ва технологияи нави коркарди маҳсулоти хӯроквори, ки барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ба талаботи муосир ҷавобгу мусоидат менамояд;

- ворид намудани андозҳо ба қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия, ки ба рушди иҷтимоии ноҳия ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳия таъсири мусбат хоҳад расонд;

- ривоҷ додани соҳибкории хурди истеҳсоли;

- ташкили ҷойҳои нави кори барои аҳолии маҳалли, бо мақсади кам намудани муҳоҷирати меҳнатӣ.

Зарурати таҳия ва татбиқи лоиҳа, аз як тараф, мавҷуд будани ашёи хоми арзони маҳалли (сабзавот, полезиҳо) буда, аз ҷониби дигар мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ба шумор меравад. Маҳсулоти тайёри корхона дар бозори дохилии ноҳия ва ноҳияҳои ҳамсоя бо нархи пасти бозори фурӯхта мешавад, ки он зуд ба фурӯш рафтани маҳсулоти корхона, инчунин тез гардиш хурдани воситаҳои пулии онро таъмин хоҳад намуд.

Мувофиқи лоиҳа истеҳсоли маҳсулоти консервагии аз сабзавот тайёр кардашуда ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ пешбини шудааст.

Ҳамаи маҳсулоти истеҳсолшуда дар ҳудуди ноҳияҳои Муъминобод, Кӯлоб, Шӯробод ва ғайра ба фурӯш бароварда хоҳад шуд.

Барои татбиқи лоиҳаи мазкур ба корхона қарз дар хаҷми 600 000 ҳазор сомонӣ, ба мӯхлати 6 сол, бо имтиёз дар давоми 3 сол, зарур аст. Корхона банақша гирифтааст, ки қарзро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардааш пардохт намояд. Мувофиқи ҷадвали баргардонидани қарз, мӯҳлати охирини он 6 солро ташкил менамояд. Дар сурати бомуваффақона иҷро гардидани лоиҳа, имконпазир аст қарз пештар баргардонида шавад. Барои таъмин қарз тамоми амволи корхона ба гарав монда мешавад.

Бо амали гардонидани лоиҳаи мазкур роҳбарияти корхона ният дорад талаботи аҳолии ноҳияро бо маҳсулоти консерваги таъмин карда, дар ҳалли масъалаи ташкили ҷойҳои нави кори ва ривоҷ додани соҳибкории истеҳсоли саҳмгузор бошад.

**Маълумоти умуми дар бораи корхона**

| | |
|---|---|
| Номи корхона | Корхонаи консервабарории ноҳияи Муъминобод |
| Нишонии корхона | Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Муъминобод |
| Намуди корхона | Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода |
| Ҳаҷми умумии лоиҳа | 800 000 сомонӣ |
| Маблағи қарз | 600 000 сомонӣ |
| **Намуди фаъолият** | **Истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ** |

**Нақшаи истеҳсоли маҳсулот**

Корхонаи консервабарории ноҳияи Муъминобод бо назардошти имкониятҳои мавҷуда, пеш аз ҳама ашёи хоми маҳалли, ба нақша гирифтааст бо роҳи коркарди сабзавот намудҳои зерини маҳсулотро истеҳсол намояд:

- мураббоҳои сабзавотии болаззат;
- шарбатҳои мевагию сабзавотии гуногун, ки аз витаминҳо бой аст;
- маҳсулоти сабзавотии намаккардашуда, аз помидор ва бодиринг;
- хамираи помидор.

Маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона бояд ба талаботи стандарти байналмилали ҷавобгӯ бошад.

Корхонаи мо бо техника ва технолгияи наву замонавӣ таҷҳизонида шудааст, ки он имкон медиҳад, сифати маҳсулот баланд шуда, витаминҳои таркиби маҳсулот бештар нигоҳ дошта шавад.

Бо истифода аз техника ва технологияи муосир корхона ҳангоми истеҳсоли маҳсулот аз консервантҳо истифода намебарад ва мӯҳлати нигоҳдории маҳсулот дарозтар карда мешавад.

Истифода аз техника ва технологияи нави замонавӣ инчунин имкон фароҳам меорад хароҷотҳои истеҳсолии корхона камтар ва ҳосилнокии меҳнат баландтар бардошта шавад. Дар натиҷа корхона метавонад фоидаи бештар ба даст орад.

Ҳамчунин бо истифодаи аз техника ва технологияи нав партовҳои истеҳсоли камтар шуда, имконияти бештар истеҳсол намудани маҳсулот ба миён омада, корхона ба муҳити экологии ноҳия камтар зарар мерасонад.

Барои амали намудани ҳадафҳои лоиҳа ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда, мо бояд аввал корхонаро бо техникаву технологияи нав таҷҳизонем. Бо ин мақсад дар лоиҳаи сармоягузори харидан ва таҷҳизонидани техника ва технологияи муосир пешбини шудааст.

Сипас, коргаронро ба кор кабул намуда, корхонаро бо ашёи хом таъмин намуда, ҷараёни истеҳсолотро оғоз намоем.

**Тасвири ҷараёни истеҳсолот.** Ҳаногоми ба корхона ворид намудани ашёи хом, аз ҷумла сабзавот, аввал онҳоро ба воситаи мошинаи шустушӯи тоза менамоянд.

Сипас, онҳоро ба навъҳо ҷудо менамоянд. Навъҳои беҳтарини сабзавот барои истеҳсоли маҳсулоти намаккардашуда ва навъҳои боқимонда барои истеҳсоли хамираи помидор ва шарбатҳо истифода мешавад.

**Нақшаи истеҳсоли маҳсулоти консервагии аз сабзавот истеҳсолшуда.**

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченкунӣ | Миқдори маҳсулот | |
|---|---|---|---|
| | | дар як моҳ | дар як сол |
| Мураббои сабзигӣ | литр | 2200 | 24200 |
| Шарбати сабзигӣ | литр | 2520 | 28900 |
| Шарбати лаблабу | литр | 2300 | 23600 |
| Хамираи помидор | литр | 3000 | 19500 |
| **Помидори намаккардашуда** | **литр** | **2460** | **14200** |
| **Бодиринги намаккардашуда** | **литр** | **2530** | **17000** |
| **Карами дар сирко хобондашуда** | **литр** | **2850** | **26350** |

**Ҳаҷми истеҳсол ва нархи фурӯши мураббо ва шарбатҳои сабзавоти дар як моҳ**

| Номгӯи маҳсулот | Нархи маҳсулот (сомонӣ) | Миқдор (қуттии шартӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| **Мураббои сабзигӣ** | **4,5** | **1000** | **4500** |
| | **8,2** | **350** | **2870** |
| | **12,5** | **250** | **3125** |
| **Шарбати лаблабу** | **3,6** | **1300** | **4680** |
| | **6,5** | **350** | **2275** |
| | **10,5** | **100** | **1050** |
| **Ҳамагӣ** | | **3350** | **18500** |

Чи тавре ки дар ин чадвал нишон дода шудааст, корхона дар як моъ бо роҳи истеҳсол ва фурӯши мураббо ва шарбатҳои сабзавоти метавонад 18500 сомони даромад гирад.

**Истеҳсоли 1000 литр мураббои себӣ**

| № | Номгӯй | Воҳиди ченкунӣ | Миқдор | Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Себ | кг | 1850 | 1 | 1850 |
| 2 | Шакар | кг | 520 | 4 | 2080 |
| 3 | Зарфи шишагӣ | дона | 480 | 1,3 | 624 |
| 4 | Сарпуши металлӣ | дона | 480 | 0,15 | 72 |
| | ҲАМАГӢ АШЁИ ХОМ | | | | 4626 |
| 5 | Хароҷоти нақлиёт | | | | 40 |
| 6 | Музди меҳнат | | | | 110 |
| 7 | Фонди нафақа | | | | 27,5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Истеҳлок | | | | 5 |
| 9 | Қувваи барқ | | | | 40 |
| | Ҷамъ | | | | 222,5 |
| | ҲАМАГӢ | | | | 4848,5 |
| 10 | Андози соддакардашуда 4% | | | | 140 |
| 11 | Андоз аз фурӯши чакана 2% | | | | 70 |
| 12 | Даромаднокӣ | | | | 15 |
| | ҲАМАИ ХАРОҶОТ | | | | 5073,5 |
| | Коркарди маҳсулот | | | | |
| 13 | Мураббои себӣ | литр | 1000 | 5,5 | 5500 |

**Мавҷуд будани биноҳои истеҳсоли ва ҳолати онҳо.**

Масоҳати корхонаи мо 0,6 га заминро дар бар мегирад. Корхона бо биноҳои истеҳсоли пурра таъмин мебошад. Биноҳо ба таъмири асоси эҳтиёҷ доранд.

Таъмини корхона бо қувваи барқ ба таври зарури ба роҳ монда шуда, тамоми биноҳои корхона бо нокилҳои барқии шиддатнокиашон гуногун таҷҳизонида шудааст. Шиддатнокии қувваи барқи ба корхона воиридшаванда 220V-380V-ро ташкил менамояд. Таъминкунандаи қувваи барқ идораи шабакаҳои баркии ноҳияи Муъминобод мебошад. Корхона бо об пурра таъмин буда, таъминкунандаи об идораи таъминоти оби ноҳияи Муъминобод аст.

**Ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти консервагии аз сабзавот тайёршуда.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Хароҷоти ашёи хом - ҳамагӣ | 26644 |
| 2 | Хароҷоти нақлиёт | 1100 |
| 2 | Музди меҳнат | 1600 |
| 3 | Фонди нафақа | 400 |
| 4 | Истеҳлок | 200 |
| 5 | Хароҷоти иловагӣ | 250 |
| | Ҳамагӣ | 30194 |
| 6 | Андози соддакардашуда 4% | 1208 |
| 7 | Андоз аз фурӯши чакана 2% | 604 |
| 8 | Ҳамаи хароҷотҳо | 32006 |
| | Нархи корхона ба як қуттии шартӣ | 3сомонию 13 дирам |

Нархи пасттарини бозории 1 литр консерваи сабзавоти 4,0 сомониро ташкил менамояд. Истеҳсоли маҳсулоти тайёр 10230 қуттии шарти мебошад. Он гоҳ фоидаи корхона ба сомони 8914 сомони (10230х4,0=40920-32006=8914) баробар мешавад. Аз ин фоида корхона бо меъёри 15% андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқиро месупорад (8914х15%=1338) ва 7576 сомонӣ фоидаи соф ба даст меорад.

**Ҳисобкунии арзиши ашёи хом ва маводҳо барои истеҳсоли мураббо ва шарбатҳои сабзавоти дар як моҳ**

| Номгӯи ашёи хом ва маводҳо | Воҳиди ченкунӣ | Талабот | Арзиши 1 воҳиди шартӣ (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Сабзавот | кг | 4500 | 1,0 | 4500 |
| Шакар | кг | 2300 | 3,0 | 6900 |
| Сарпуши металлӣ | дона | 6200 | 0,18 | 1116 |
| Зарфҳои шишагӣ: | | | | |
| 1 литра | дона | 2600 | 1,1 | 2860 |
| 2литра | дона | 2400 | 1,5 | 3840 |
| 3 литра | дона | 1200 | 1,8 | 216 |
| Ҳамагӣ | | | | 19432 |

**Хисобкунии фонди музди мехнат, сом.**

| Номгуи категорияи кормандон | Барои моҳи май | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи кормандон | Маош одам. сом. | Ҳаҷми уммуми маош, сом. | Ҳисобкунӣ ба фондҳо (%) | Ҳамагӣ |
| Кормандони дастгоҳи идоракунӣ | 4 | 520 | 2080 | 541 | 2621 |
| Кормандони истеҳсолот | 9 | 510 | 4590 | 1194 | 5784 |
| Ҷамъ: музди меҳнати дар як моҳ додашаванда | | | | | 8405 |

**Тахлили бозор ва фурӯши махсулот**

*Мизоҷони корхона.* Мизоҷони асосии корхонаи мо аҳолии ноҳияи Муъминобод ва дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб мебошанд. Инчунин корхонаи мо мақсад дорад бо афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳри Кӯлоб мағозаи махсуси худро кушояд.

*Рақибони корхона.* Рақибони корхонаи мо ҳамон корхонаҳое мебошанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури ба истеҳсоли маҳсулоти консерваги машғуланд. Таҳлилҳои маркетинг нишон дод, ки рақибони мо дар қиёс бо мо ҳам бартариҳо ва ҳам камбудиҳо даранд. Аксари корхонаҳои бо мо рақобаткунанда дорои таҷҳизоти нави замонавӣ набуда, сифати маҳсулоташон пурра ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавоб дода наметавонад. Аз ин рӯ, роҳбарияти корхонаи мо ният дорад бо роҳи харидан ва васл намудани таҷҳизоти нави муосир, ҳам хаҷм ва ҳам сифати маҳсулотро баланд бардорад, то маҳсулоти корхонаи мо нисбати маҳсулоти рақибонамон баландсифат ва то андозае арзон бошад.

*Имкониятҳои бозор.* Аз рӯи таҳлили муқоисавии рақибон, мизоҷон бо бовари метавон гуфт, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаи мо зуд ба фурӯш рафта, доираи истеъмолкунандагони худро сол аз сол аз ҳисоби гуруҳҳои гуногуни аҳоли васеъ менамояд. Таҳлилҳои маркетинги нишон медиҳанд, ки талаботи аҳолии ноҳия ва дигар нохияҳои ҷумҳурӣ ба маҳсулоти конвервагии аз сабзавот истеҳсолшуда сол аз сол зиёд мешавад. Омили дигари зиёд шудани талабот ба маҳсулоти корхонаи мо суръати баланди афзоиши аҳолии ноҳияи мо ва дигар ноҳияҳои ҳамсоя ба шумор меравад. Барои ҷалби бештари мизоҷон роҳбарияти корхона ба намуди зоҳирии маҳсулот диққати асоси медиҳад, то диққати истеъмолкунандагонро бештар ҷалб кунад. Аз ҷумла, дар рӯи зарфи маҳсулоти тайёр маълумотҳои зерин дарҷ карда мешавад: таркиби маҳсулот, яъне аз кадом навъ сабзавотҳо тайёр шудааст, дорои кадом витаминҳо мебошад, мӯҳлат ва шароити нигоҳдории маҳсулот чи гуна аст. Инчунин суроғаи корхона навишта мешавад, то мизоҷон тавонанд фикру дархостҳояшонро пешниҳод намоянд. Ҳамчунин намуди зоҳирии маҳсулоти корхонаи мо диққатҷалбкунанда мебошад. Барои қулай ва осон будани истифодабарии маҳсулот, корхона онҳоро дар зарфҳои ҳаҷмашон гуногун пешкаши мизоҷон менамояд, яъне дар зарфҳои ҳаҷмашон аз 1 литра то 3 литра.

**Идора ва ташкили кор**

**Ҳайати кормандони корхона**

| № | Вазифаи ишғол карда | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Директории корхона | 1 |
| 2 | Ҷонишини директор | 1 |
| 3 | Менеҷер | 1 |
| 4 | Муҳосиб | 1 |
| 7 | Кормандони истеҳсолот | 9 |

Шумораи умумии кормандони корхона бо ҳайати роҳбарикунанда дар оғози татбиқи лоиҳа 13 нафарро ташкил дода, пас аз 3 соли татбиғи лоиға ин рақам бояд ба 22 расонида шавад.

**Нақшаи молиявӣ**

Ҳадафи нақшаи молиявӣ муайян намудани самаранокии лоиҳаи сармоягузории пешниҳодшаванда мебошад.

Нақшаи молиявӣ бо нархҳои ҷорӣ ва бо назардошти таваррум, яъне бо нархҳои қобилияти харидориро ба инобатгиранда, ҳисоб карда мешавад. Чунин тарзи ҳисобкунӣ муқоисаи нишондиҳандаҳои вактҳои гуногунро таъмин карда, имкон медиҳад динамикаи рушди корхона муайян карда шавад.

Корхонаи мо дар фаъолияти хоҷагидории худ ба буҷет андозҳои зеринро месупорад:

- андоз аз фоидаи корхонаҳо - 15%;
- андози соддакарадшуда – 4%;

- андози иҷтимоӣ - 25% аз фонди музди меҳнати кормандони сех. Дар асоси тадқиқотҳои маркетингии гузаронидашуда ва таҳияи нақшаи фурӯши маҳсулот муайян карда шуд, ки маҳсулоти корхона пурра дар бозори дохили фурӯшта мешавад. Дар заминаи фаъолияти корхона дар ноҳия шумораи ҷойҳои нави кори пайдо шуда, сатх ва сифати зиндагии аҳоли баланд хохад шуд.

**Нақшаи фурӯши маҳсулоти тайёри корхона**

| № | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченкунӣ | Миқдор | Нарх барои (сомонӣ) | Маблағи фурӯш (сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | сол | моҳ | семоҳа | нимсола |
| 1 | Мураббо | литр | 24200 | 4000 | 96800 | 8067 | 24200 | 48400 |
| 2. | Шарбат | литр | 52500 | 2600 | 136500 | 11375 | 34125 | 68250 |
| 3. | Консерваҳо | туб | 90000 | 3000 | 270000 | 22500 | 67500 | 135000 |
| **Ҳамагӣ** | | | | | **503300** | **41942** | **125825** | **251650** |

Арзиши умумии лоиҳа 8000 000 сомонӣ мебошад.

Арзиши маблағҳои худи корхона 200 000 сомониро ташкил карда, сармояи зарури 600 000 сомони аст.

Маблағгузорӣ ба лоиҳаи сармоягузорӣ аз ду сарчашма иборат мебошад:

- маблағҳои худи корхона, ки барои татбиқи лоиҳа ба маблағи 200 000 сомонӣ равона карда мешавад;
- маблағҳои қарзӣ – 600 000 сомонӣ.

**Ҳавфҳо ва пешгирии онхо**

| 1. | Семент | 50 халта | 2,5 тонна | 50 сомонӣ | 2500 сомонӣ |
| 2. | Тахта | 10 дона | 1 куб | 40 сомонӣ | 400 сомонӣ |
| 3. | Қубури об | 200 метр | 200 метр | 5 сомонӣ | 1000 сомонӣ |
| 4. | Дастгоҳи гармдиҳӣ | 3 дона | 3 дона | 400 сомонӣ | 1200 сомонӣ |
| 5. | Клеёнка | 150 метр | 150 метр | 10 сомонӣ | 1500 сомонӣ |
| 6. | Арматур | 150 метр | 1500 метр | 10 сомонӣ | 1500 сомонӣ |
| **Ҳамагӣ** | | **8100 сомонӣ** | | | |

**НАТИҶА:** Агар ин лоиҳа дастгирӣ ёбад, гармхонаи замонавӣ дар ш.Кӯлоб сохта шуда, як қисми занон метавонанд ба ҷойи кор таъмин гардида, тамоми корхонаҳо ва кӯчаю хиёбонҳои шаҳрҳо бо гулҳо оро ёфта, дӯконҳои гулфурӯшӣ зиёд мешаванд. Содироти гулҳо низ дар дохили ҷумҳурӣ ва дар шаҳри Душанбе зиёд мешаванд.

**Ҳар саҳар аз бӯи гул дигар шавед,**
**Хушрӯву зебову барнотар шавед.**
**Дар қадамгоҳи азизони диёр,**
**То нафас боқист, гулпарвар шавед.**



# ЗАРУРИЯТ ВА ФОИДАНОКИИ КОРКАРДИ ПАРТОВХО, БУНЁДИ СЕХИ КОРКАРДИ КОГАЗ ДАР ШАҲРИ КУЛОБ

**Хушвахтова Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Ҳадаф ва фаъолияти лоиҳа**

Мақсад аз ба роҳ мондани ин лоиҳа ташкил кардани сохторе ки барои коркарди партовҳо истифода бурда мешавад.Нақши коркарди партов ин имконияти беҳтар нигоҳ доштани муҳити экологиро медиҳад.Ва бояд қайд кард,ки ҷори кардани технологияи нав барои коркарди партов имконият медиҳад,ки такроран ба гардиши захираҳои қиматбаҳо баргардем аз партов метавон чунин чизҳоро ба даст овард(қоғаз ,қоғази картон(қоғази ғафси муқовагӣ),маснуоти пластмаси, шиша)



Аҳолии шаҳр ҳар сола тақрибан 200-300 кг партов мебароранд.Тоза накардани ҷойҳои партов боиси ба амалойии касалиҳои сирояти мегардад.Ин лоиҳа пешниҳод менамояд ки коркарди партовҳо ташкил карда шавад аз ҷумла фабрикаи қоғазбарорӣ ки дар ин раванд иқтисодиёти шаҳр низ рӯ ба тарақи мегардад зеро аз ҳамон партовҳои нодаркор мо бо истифодаи техникаю технологияи нав метавонем якчанд чизи дигар истеҳсол кунем ки ин ба манфиати аҳоли аст.

Дар натиҷаи коркарди партовҳои пластмаси такроран намунаи поливинилхлорид, полиамид, полиэтилен,ва полипропилен

Нархи миёнаи полиэтилен барои коркард

8.8 то 18 рубл барои 1 кг. Коркарди дурусти технологияҳо имконият медиҳад,ки аз 1кг пластика 0.8 кг полиэтилен ба даст овард.Ҳар рӯза вазни партовҳое,ки аҳоли мепартоянд 25% аз хурокҳои пасмонда,18% қоғаз,50% полимер, боқи монда бошад метал резин ва шишаро ташкил медиҳад.

Бо ёрии кормандон барои хел-хелкунии истифодаи партов дар муддати моҳ метавон 8 тонна макулатура (қоғази кухна (пастсифаи)) ,

1000 кг пилимер, 200 кг банкаҳои алюминива кутиҳои пластикиро ба даст овард.Нархи тонна: макулатура 170 сомон(1500 рубл),

Полимер 1000 сомон(9000 рубл),банкаҳои алюмини 1700сомон(15000 рубл). Ин нишондиҳандаҳо имконияти ба даст овардани фоидаи истеҳсолиро аз 2000-2300сомони дар моҳ (17000-18000 рубл) нишон медиҳад.

Лоиҳа тахминан ҳисоб мекунад, ки барои баамалбарории нақша масоҳат бояд 600 м² сехҳои коргарӣ 500 м&sup2, анбор

100 м² ташкил карда шавад.Ҳар яке аз ин сохторҳо бояд ба талаботҳои бехатарии санитарию сухтор ҷавобгу бошад. Барои ба амалбарории инталабот 2 000 3 000 долар талаб карда мешавад. Интихоби манзил бояд

Дар минтақаҳои саноати ва аз маркази шаҳр дуртар ва инчунин аз хонаҳои истиқомати ба масофаи на камтар аз 600 метр ҷойгир бошад.Барои коркарди партов лозим аст хелҳои гуногуни линияҳо(хат), мошинҳои сангмайдакунак, пресс, паногоҳи зеризамини барои ҷамъ кардани захираҳо , магнит ва дар қатори онҳо сохторҳои техники.

Барои ин нақшаро тартиб додан кори дасти лозим аст, ки бояд 40 50 одам бо маҳорати баланд,ва аз руй баст 10 15 нафар ва маош бошад бояд, 1800ё 2200 бошад. Ба ақидаи коршиносон 1 одам бояд200 300 кг партов дар 1 сол истеҳсол кунад.Аз рӯй таҳлилҳои кардашуда бармеояд, ки барои ин ташкилотро сохтан ба мо 20млн долар лозим меояд,ки чунин чизҳоро метавон истеҳсол кард резин, пластика,мағзи чуб,шиша, қоғаз ва ғайра.Барои сохтани сех ки асососан барои ҷамъ кардани партовҳо лозим 150 000 долар лозим аст.

**Сохти нигоҳдои**

Мақсади кор, ҳуҷаткунони,асосноккунии кор,ҳайати коркунони ягон муасиса,дар оянда идома додани кор,нақшаи молиявӣ,анҷоми кор.



**Нақши молиявӣ**

Ба амалбарории лойҳа яъне коркарди партов 20 млн доларро талаб мекунад.Сохтани сех барои коркарди як намуди партов аз 650 то з500 сомониро ташкил мекунад.Манзилҳои сухтор ва санитари бошад 2000 ё 3000 долар.Таҷҳизот чизҳои зарурие ки барои корҳои функсионали лозим аст 55 70 ҳазор далар,хароҷт ва иҷораи манзил,пардохти қувваи барқ ва музди маоши кормандон. Ва инчунин лоиҳа бояд дар муддати 9 10 моҳ ба амал бароварда шавад.

Бояд қайд кард, ки барои Ҷумхурии мо истеҳсол кардани коғаз бинобар мавҷуд набудани ашёи хом имконнопазир мебошанд.

Ташкил намудани коргоҳи хурди коркарди коғаз – макулатура имконият медиҳад, ки сӯзондани ашёи қиммат (партови қоғазӣ) аз байн бардошта шуда, экологияи муҳити зист беҳтар карда шавад.

**Коркарди коғаз – макулатураСарфи когаз бо кг дар 1 соли хониш. (хонандагон)**




## ПРОЕКТ «ИНВЕСТИЦИИ В БУДУЩЕЕ»

**Шарипов Ш., Саидов А., Наврузов Р.**
**Таджикский государственный университет коммерции**

**Проблема:** В нашем городе, существует огромное количество как государственных, так и частных школ, где учащиеся могут, освоит весь арсенал общеобразовательных прикладных предметов, включая такую необходимую дисциплину в современном обществе, как ОИВТ (основы информатики и вычислительной техники) и базовые знания иностранных языков. Но, к сожалению, это доступно только лишь учащимся общеобразовательных школ гимназий, воспитанники же школ-интернатов остаются в стороне.

**Описание проекта:** Нами был проведен опрос методом анкетирования в нескольких детских интернатах города Душанбе, в ходе которого было выяснено, что воспитанники имеют существенный недостаток знаний в сфере информационных технологий ( информатики) и иностранных языков. Исходя из этого, нами было принято решение организовать социальный проект «Инвестиции в будущее». Для непосредственной реализации, нужно заключить договор с администрациями интернатов, в соответствии которому, нужно провести краткосрочные курсы по ОИВТ и иностранных языков для воспитанников. Занятия будут проводится студентами ВУЗов у которых есть определенные знания и соответствующие сертификаты по данным направлениям.

**Цель проекта:**

**1:** Бесплатно бучить основам компьютерной грамотности воспитанников детских интернатов города Душанбе. Занятия будут проводится по следующим направлениям:

- Основы устройства и функционирования PC
- Пакет программ Microsoft Office
- Основы работы в дизайнерских программах Adobe Photoshop Corel Draw
- Internet Explorer

2: Бесплатно обучить основам иностранных языков. Занятия будут проводится по следующим направлениям:

- Русский язык (грамматика и практика)
- Английский язык (грамматика и практика)

**Метод реализации проекта:** Для вышеизложенной цели, потребуется составить план-программу проведения краткосрочных курсов по обучению азам компьютерной

грамотности и иностранных языков, с которой, впоследствии можно будет обратиться к администрации интерната с просьбой провести краткосрочный курс практических занятий общей длительности в два месяца. В последствии заключить соглашение с администрацией интернета, в соответствии с которым, провести сжатый курс лекций по информационным технологиям и иностранных языков в течении двух месяцев в 3 этапа, организовав 3 группы воспитанников поочередно, на каждую группу будет отведено по 10 дней, в соответствии с методическим планом.

**Возможный результат проекта:**

Бесплатное обучение воспитанников школ-интернатов с целью повышения уровня знаний молодого поколения, у которого нет возможности платно обучаться по данным направлениям.

## ПРОГНОЗИРОВАНИЕ НОРМАТИВНЫХ (ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ) ПОТЕРЬ ЭЛЕКТРИЧЕСКОЙ ЭНЕРГИИ ПРИ ПЕРЕДАЧЕ ПО СЕТЯМ ДО ПОТРЕБИТЕЛЯ.

**Шокиров Ш., Чураева Ш., Хушвактов А. А., Хусравов Дж. Х.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Предисловие:** Кризисные явления в стране в целом и в энергетике в частности отрицательным образом влияют на такой важный показатель энергетической эффективности передачи и распределения электроэнергии, как ее потери в электрических сетях.

Большие, сверхнормативные потери электроэнергии в электрических сетях – это прямые финансовые убытки ОАХК «Барки Точик», а следовательно и государства, это ущерб бюджету. Экономию от вероятного снижения потерь в сетях передачи, можно было бы направить на техническое переоснащение, в большинстве своем устаревшем оборудовании по всей стране; увеличение зарплаты работникам отрасли; усовершенствование по организации, передачи и распределению электроэнергии; повышение надежности и качества электроэнергии, что очень важно в современном мире; уменьшение тарифов на электроэнергию самому уязвимому потребителю – населению.

Снижение потерь электроэнергии в электрических сетях – сложная комплексная проблема, требующая значительных капитальных вложений, во-первых необходимо знать реальную ситуацию в сетях для принятия мер, необходимых для оптимизации и развития электрических сетей. Очень важно внедрение новых информационных технологий в энергосбытовой деятельности и управления режимами сетей, для этих целей во всем мире используются моделирование сетей, что позволяет более точно определять абсолютные и относительные потери, для расчета потерь и выявления проблемных точек в системе для их модернизаций в будущем.

**Цель:** Повышение точности результатов расчёта технологической составляющей потерь электроэнергии в сетях.

**Задачи:**

- Разработать программу для расчета технических и технологических потерь электроэнергии в сетях;
- Прогнозирование потерь электроэнергии;
- Разработка рекомендаций для снижения потерь электроэнергии в сетях;
- Упрощение проведения энергетического аудита.

**Выводы:**

На основании изложенного можно сделать выводы.
Создание модели энергосистемы Таджикистана, начиная от производителя-электрических станций, до потребителя с максимальным использованием имеющейся в энергосистеме информации и базируясь на основе детальных расчетов технических потерь с разбивкой по оборудованию, ступеням напряжения и предприятиям позволит производить расчет потерь электроэнергии в электрических сетях энергосистемы на много точнее имеющихся сегодня методов.

На основе модели энергосистемы Таджикистана для расчета и анализа потерь и балансов электроэнергии будет намного легче и точнее прогнозировать потери электроэнергии в существующих, и в планирующих электрических сетях энергосистемы. Эта система позволит получать достоверную информацию о технических и коммерческих потерях электроэнергии.

Модель энергосистемы Таджикистана для расчета технических потерь электроэнергии в электрических сетях энергосистемы позволит быстро формировать расчетные схемы электрической сети в удобном виде, сократить затраты труда на подготовку и расчет потерь электроэнергии.

С помощью модели энергосистемы Таджикистана кроме расчета потерь можно будет выявлять проблемные точки (узлы) в системе, которые способствуют увеличению потерь и разработать рекомендации для их модернизаций в будущем для более эффективного использования энергосистемы.

Использование модели энергосистемы Таджикистана позволит сократить время и затраты и упростит проведение энергетического аудита.

Все вышесказанное прямо или косвенно связанно с средствами которые недополучает государственный бюджет, а учитывая что в Таджикистане вырабатывается почти 20 млрд. кВт·ч электроэнергии, а суммарные потери достигают 39 %, то можно сделать вывод, что снижение потерь даже на 1 % добавит в бюджет страны до 1 млн. сомони. Стоит отметить что деньги которые будут сокращены за счет снижения потерь электроэнергии можно будет использовать в социальном или других сферах и следовательно повысить уровень жизни жителей страны, и этим улучшить престиж Республики Таджикистан на мировой арене.

# СОХТАНИ СТЕНДИ ОЗМОИШӢ ДАР МАВЗӮИ «ШИФРАТОР» ВА СОХТАНИ СТЕНДИ ВЕРТУАЛИИ ОН (ЯЪНЕ СОХТАНИ БАРНОМАИ ВЕРТУАЛИИ СТЕНД ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗӢ)

**Юсупов М.**

**Масъалагузорӣ:**

1.Омӯзиши микорсхемаи интегралӣ

2.Насб ва татбиқу истифодаи микросхема дар стенд

3.Сохтани барномаи дастгоҳ дар забони барномасозӣ

4.Мутобиқкунонии барнома бо стенди асосӣ

**Мақсад ва вазифа**

Мустаҳкамкунии дониши назариявии донишҷӯён дар бораи шифратор ва дар амалия татбиқ кардани ин дастгоҳ мебошад. Стенди озмоишӣ барои гузаронидани адад аз системаи ҳисоби даҳӣ ба системаи ҳисоби дуӣ (мошинӣ) истифода бурда мешавад, ки донишҷӯён метавонанд дар дарсҳои озмоишӣ истифода баранд.

***Шифратор*** *— ин дастгоҳи комбинатсионие мебошад, ки барои аз системаи даҳӣ ба системаи дуӣ гардонидани адад хизмат мекунад.*

Шифратор аз якчанд даромад ва баромад иборат мебошад. Дар даромадҳо ададҳои даҳӣ дода шуда, аз баромадҳо адади системаи дуии ба он мувофиқ бароварда мешаванд.

*Шифраторро баъзан «кодер» ҳам мегуянд (аз англ. coder) ва онро дар клавиатураҳо барои аз системаи даҳӣ ба дуи гардонидани ҳам ададҳо ва символу ҳарфҳои тугмаҳои клавиатура истифода мебаранд.*

Агар микдори даромадҳои шифратор ба он дараҷае зиёд бошанд, ки ҳамаи имкониятҳои сигналҳои баромадро дошта бошад, ин шифраторро шифратори пурра меноманд. Агар надошта бошад, онро шифратори нопурра меноманд.

Микдори даромадҳо ва баромадҳо дар шифратори пурра аз рӯи таносуби зерин алоқамандӣ доранд: $n = 2^m$ , дар инҷо n — миқдори даромадҳо, m — миқдори баромадҳо мебошанд.

**Сохтори лоиҳа**




Барои кор бо стенд аввал ҳамаи контактҳои онро бо контакти бо ҳам мувофиқ пайваст намуда, дастгоҳро ба кор даровардан лозим аст. Баъди ин амал ба воситаи тугмаҳо ба даромадгоҳи микросхема сигнал додан зарур аст.




Дар расми зерин ба воситаи тугма ба даромадгоҳи микросхемаи дастгоҳ сигнал дода шудааст ва дар баромадгоҳи он, яъне да светодиодҳо сигналҳои ба рақам мувофиқ дар системаи дуӣ бароварда шудааст. (ниг. ба расми зер)




Ин амалҳоро дар стенди асосӣ боз ҳам хубтару бехтар мушошоҳида карда таҷриба гузаронидан зарур аст.




1. Ишораи поён будани тугмачаи калидҳо (ҳолати импулси савяаш баланд1).
2. Тугмаҳои калидҳои S1-S10 барои додани сигналҳои мантиқӣ ба даромадгоҳҳои микросхемаҳо.
3. Контактҳои баромадгоҳи калидҳои S1 - S10.
4. Микросхема
5. Калиди пайвасти барқ (шиддат).
6. Светодиодҳои D1- D4 барои баромадгоҳҳои микросхемаҳо.
7. Қутби мусбати манбаи барқ.
8. Қутби манфии манбаи барқ.
9.Контактҳои даромадгоҳҳои светодиодҳои D1- D4.
10.Нишонаи лонаи (сокет) микросхема.
11. Контактҳои микросхема.
12. Ишораи боло будани тугмачаи калидҳо (ҳолати импулси савяаш паст 0).
13.Светодиоди огоҳкунии кувваи барқ.

**ВАЗИФАИ ПАЙВАСТГОҲҲОИ МИКРОСХЕМАИ К555ИВ1**

Ҷадвали 2

| № ПОЧАҲО | | НОМИ ПОЧАҲОИ МИКРОСХЕМА |
|---|---|---|
| 01 | **X4** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **4** |
| 02 | **X5** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **5** |
| 03 | **X6** | Даромадгоҳи информақионӣ барои адади **6** |
| 04 | **X7** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **7** |
| 05 | **E** | Иҷозатдиҳӣ ба кор (строб) |
| 06 | **Y2** | Баромади разряди дуюм |
| 07 | **Y1** | Баромади разряди якум |
| 08 | GND | Пайвастгоҳи умумӣ (минус) |
| 09 | **Y0** | Баромади разряди нолӣ |
| 10 | **X0** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **0** |
| 11 | **X1** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **1** |
| 12 | **X2** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **2** |
| 13 | **X3** | Даромадгоҳи информасионӣ барои адади **3** |
| 14 | **G** | Намуди тағирдиҳии сигнали даромад |
| 15 | **P** | Баромади гузариш (кучиш) |
| 16 | +Vcc | Қутби мусбати манбаи шиддат 5В |

**Натиҷагирӣ**

1.Замони муосирро бе техника ва технология тасаввур кардан ғайри имкон аст. Дар замони мо ҷараёни пуриқтидор ва бемайлони сохтани технология дида мешавад. Ин раванд дар тамоми самтҳои фаъолияти ҷомеаи имрузаи ҷаҳонӣ ба назар мерасад.

2.Аз ин рӯ муаллифон ба анҷом додани лоиҳаи мазкур даст заданд ва умедворанд, ки дастгоҳи сохташудаашон барои хонандагону донишҷуён фоидаовар хоҳад шуд.

3.Барои сохтани стенди озмоишӣ (яъне дастгоҳ) таҷҳизоту элементҳои заруриро бо нархҳои дастрас дарёфт кардан зарур аст. Вале барои сохтани барномаи дастгоҳи озмоишӣ бошад маблағ сарф намешавад. Танҳо барномаи мавҷудаи Microsoft Visual Basic мавриди истифода қарор гирифт.

# УСУЛҲОИ ҶУДОКУНИИ РАВҒАНҲОИ ЭФИРИИ БАЪЗЕ АЗ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОН

**Юсупов У., Олимов Р. А.**
**Донишгоҳи Давлатии Дағара**



## Муқаддима

Равғанҳои эфири-моеъи шаффофи беранг, ки дорои бӯи махсус мебошанд. Равғанҳои эфири аз рӯи намуд моеъи равғанин буда, аз рӯи таркиби химиявӣ ба синфи чарбуҳо дохил намешаванд. Ба таркиби равғанҳои эфир пайвастагиҳои химиявии гурӯҳҳои зерин дохил мешаванд: терпенҳо ва терпеноидҳо. Равғани эфири дар узвҳои растанӣ нобаробар тақсим мешаванд. Бештари вай дар як узв (барг, гул, реша, мева) ё дар якчанд узвҳо (баргҳо ва гулҳо, баргҳо ва шохаҳо) ҷой гирифтааст. Мисол, дар гули садбарг равғани эфири дар гули он, дар геран равғани эфири дар барги он, пудина дар барг ва гулаш, зира дар тухмаш, роғ дар барг ва шохаҳояш, дар растаниҳои ситрусӣ-пуслохи меваваш мавҷуд аст. Бинобар ин дар истеҳсолот ҳамаи растаниро истифода набурда, фақат он қисме, ки миқдори зиёди равғани эфирӣ дорад, истифода мебаранд. Миқдори равғани эфири дар намудҳои гуногуни ашёи равғани эфири тағйир меёбанд: дар гули садбарг 0,06-0,20%; буттаи лаванд 1,0-2,0%; меваи розиёнаҷ (фенхель) 4,0-6,0 %, меваи бадиан то 11,5%; дар гули дарахти мехчагул то 22%.

Баъзан аз як намуди растанӣ якчанд равғани эфири аз рӯи хусусият, бӯйи гуногунро ҳосил кардан мумкин. Растанӣ ё қисми он, ки равғани эфири дорад, ашёи равғани эфири ном дорад. Растаниҳои эфирдор бештар дар вилоятҳои субтропикӣ васеъ паҳн шудаанд. Дар давлатҳои ДММ 77 оила (тақрибан 1050 растанӣ)-и дорои равғани эфирдор ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳоло бошад ашёи равғани эфирӣ дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда заводҳои Кавкази Шимолӣ, Украина, Молдова, Арманистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қирғизистон парвариш карда мешавад. Бо мақсадҳои саноатӣ зиёда аз 40 номгӯи равғанҳои эфирӣ истеҳсол мешаванд.

Сарчашмаи асосӣ барои коркарди равғани эфири растаниҳо ба ҳисоб меравад. Зиёда аз 3 ҳазор намудҳои растаниҳои эфирдор ба ҳисоб гирифта шудааст, ки 200-тои онҳо аҳамияти саноатӣ доранд. Боқимандаи онҳо аз он сабаб истифода бурда намешаванд, ки миқдори хеле ками ин равғанро доранд.

Равғани эфирро аз растаниҳо бо усулҳо гуногун ба даст медароранд: бо буғи обӣ ё экстраксия бо ёрии ҳалкунанда.

**Муҳимият ва актуалӣ будани мавзӯи таҳқиқот**

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ҳар як ҷумурӣ соҳибистиқлолии худро эълон намуда, дараҷаи тарққиёт ва захираҳои табиии худро ба назар гирифта, ба ҳал намудани масоили иқтисодии хеш шурӯъ намуд. Нисбатан равон гузаронидани ислоҳоти иқтисодҳ ба пуррагӣ аз ҳолати шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ин ё он минтақа, дар асоси технологияҳои пешқадами худӣ ва хориҷӣ ба қадри кофӣ истифода бурдани захираҳои табиӣ вобаста аст.

Қайд намудан зарур аст, ки Тоҷикистон аз рӯи табияти худ, яке аз минтақаи бой доир ба растаниҳои эфирдори худрӯй ба ҳисоб меравад, вале мутаасифона ҳамаи онҳо омӯхта нашудаанд, фақат баъзеи онҳо дар институти химияи пайвастагиҳои табиии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд.

Барои зиёд намудани истеҳсоли анҷибар (геран), гаронбаҳотарин ашё барои саноати атторӣ, ҷумҳурии мо имкониятҳои зиёде дорад. Фаронса, Булғория, Миср, Швейтсария, Сирия қисми асосии даромади миллиро маҳз аз ҳисоби парвариш намудани растаниҳои равғани эфирдор ва маҳсулоти мухталифи атторӣ ба даст меоранд. Барои ин усулҳои пешқадами парвариши ёсуман, анҷибар, гули барфак, мехчагул, садбарг истифода бурда мешаванд. Сифатнокии маҳсулоти атторӣ асосан аз дорандаи накҳат – пайвастагиҳо, ки ба синфи мушк тааллуқ доранд, вобаста аст.

Яке аз сарчашмаи имконпазири моддаххои мушкӣ камол (дягиль) ба ҳисоб меравад, ки он дар ҷумҳурии мо хеле паҳн гардида, аз оилаи чатргулон буда, решаҳои он дорои моддаҳои муаттар мебошанд. Дар бозори хаҳонӣ нархи баланди онро ба назар гирифта, ба имконияти ташкил намудани боз як соҳаи даромадноки хоҷагии қишлоқ диққат намудан лозим аст.

Агар Тоҷикистон системаи хуби иттилоотӣ илмӣ-техникӣ, бонки маълумотҳои ҷаҳонии доруворихои аз ҳама самараноки табиӣ усулҳои тайёр намудани онҳоро медошт, вай ба қатори мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон оид ба истеҳсоли препаратҳои фарматсевтикӣ дохил шуда, дар як қатор бо Булғория, Махористон, Югославия, Олмон, Полша, Ҳиндустон, ки қисми зиёди даромади миллиро маҳз аз ҳисоби экспорт намудани препаратҳои самараноки фарматсевтӣ ба даст меоранд, дохил шуда метавонист.

Мо, инчунин соҳиби захираҳои мухталифи нодири наботот ҳастем, ки хосиятҳои табобатии онҳо пурра таҳқиқ ва омехта нашудаанд.

Дар истеҳсоли доруворихо сабаби қафо мондани мо дар он аст, ки қисми зиёди воситаҳои фармакологӣ бисёрҷузъа буда, норасоии яке аз ҷузъҳо ба хусусияти табобатии он таъсири манфӣ мерасонад. Дар як қатор ҳолатҳо ин ҷузъҳоро аз ашёҳои маҳаллӣ ҳосил намудан мумкин аст. Лекин касе нест, ки бо ин кор машғул шавад.

Дар майдонҳои мо миқдори зиёди тотура (ё банги девона), ки он чун алафи бегона ҳисобида мешавад, зиёд аст. Тибқи адабиётҳо аз ин растанӣ доруҳои зидди диққи нафас (астма) – астматин, астматол ва атропинро (барои табобати бемориҳои чашм) ҳосил намудан мумкин аст.

Маьлум аст, ки оламиі набототи Тоҷикистон аз рустанихои дорои равғанҳои эфирӣ бой мебошад. Алҳол тақрибан 1500 навьи рустаниҳои доругии худруй дар тибби мардуми барои табобати бемориҳои гуногун истифода мешаванд:

**Барги зулф** — подорожник большой. Растаиин бисьёрсолаи алафӣ буда, то 40—45 см баланд мешавад. Дар «Алқонун»-и Абеалӣ ибни Сино хусусиятҳои он ҳамчун доруи зиддӣ захм нишон дода шудааст. Барги зулфро дар тибби халкӣ ҳамчун воситаи шифобахши варам ва яра (дар сехтагӣ, буридагӣ, латхердагӣ ва захм) васеъ кор мефармоянд.

**КОКУТӢ**—душица. Алафи бисёрсола буда, решаи сершохаи зеризаминӣ дорад, ҳар сол ниҳоли он то 60 см дароз мешавад. Дар моҳҳои июл-сентябр гул мекунад, гулаш ранги сурхи баланд дорад. Хусусияти доругии кокутӣ ҳануз дар замони *Абеалӣ ибни* Сино маълум буд ва мардум барои беҳтар намудани кори меъда ва ҳазм кардани таъом истифода мебурданд.

**ПУДИНА**—Растании бисёрсола буда, барги пудинаро мардум барои хуриши таом истифода мебаранд. Барг ва банди пудина, ки аз равғани эфирӣ бой аст, маҳсулоти хуби доругӣ мебошад.

**РАЧДАВАК** — горец почечуйный. Растании алафии яксола буда, пояи сершоха ва майдабаргҳоӣ бисёре дорад. Дар тибби халқӣ онро барои ҳал кардани санги гурдаю халтадони пешоб истифода мебаранд.

**САДБАРГ**—роза столистная. Растании буттагӣ буда, 1,5 м баланд мешавад. Садбарг намудҳои гуногун дорад. Асосан дар моҳҳои июн-июл гул мекунад. Барои доругӣ асосан гулбаргҳои тару тозаи атргулро, ки дар таркиби худ равғани эфирӣ дорад истифода мебаранд.

Ҷумҳури дорои имкониятҳои зиёди парвариши растанихои равғанҳои эфирӣ мебошад. Барои васеъ гардонидани истеҳсоли равғанҳои эфирӣ растаниҳои худрӯй ба мисли пудина, кокутӣ, субинак, зира, райҳон, шибит, чойкаҳак, гулҳои садбарг, настаран ва ғайраҳо низ аҳамияти хос доранд.

## МУТОБИҚАТИ МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТӢ

Тибқи банди 20–и Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи давлатии Данғара доир ба амалисозии «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» оид ба «Технологияи ҷудо кардани равғани эфирӣ аз таркиби растаниҳои хушбӯи ҶТ».

## НОМГӮИ ҚИСМИ САНОАТИИ РАСТАНӢ

**Аз рӯи ин нишона ашё ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад;**

1. Донагӣ (мева, тухмӣ) кориандр, анис, зира, укроп.
2. Алафӣ (баргҳо, қисми зеризаминии растаниҳои алафӣ, шохаҳои ҷавони растаниҳои дарахтӣ) пудина, базиликӣ эвгенолӣ, фиалка, розмарин, укроп, лиму, табак, анис.
3. Гулӣ (гулҳо, буттаи гул) садбарг, шалфей, лаванда, жасмин, табак, нилуфари сафед, сирен, ирис, мехчагул.
4. Решагӣ (решаҳо) аир, ветиверия, ирис.

Ҳар як растании равғани эфирдор аз рӯи қоида ҳамчун сарчашмаи ягон намуди ашёи саноатӣ ё равғани эфир хизмат мекунад.

## ХУСУСИЯТҲОИ РАВҒАНИ ЭФИР

Равғанҳои эфири табиӣ, шираи табиӣ ба ҳисоб мераванд, ки бевосита аз кабудӣ, гулҳо, меваҳо ё решаҳои растаниҳо ба даст меоранд. Дар шираи эфири растанӣ миқдори зиёди моддаҳои фаъоли биологӣ, «қувваи ҳаётии» он мавҷуд аст.

Мавҳуми «равғани эфирӣ» на чандон муносиб, чунки он аз асрҳои миёна мерос монда буд, вақте дар бораи муҳити химиявии моддаҳо, ягон чиз маълум набуд. Ин моддаҳо аввалин маротиба аз тарафи алхимикҳо дар ҷустуҷӯи санги файласуфонаи дилхоҳ, ё шираи ҳаёт ба даст оварда шуда буд. Яке аз усулҳои асосии таҳқиқотҳои алхимикӣ дистилятсия ё тақтир буд. Дар таҷрибаҳо бо растаниҳо моддаҳои ба равған монандро ҳосил карданд, бӯи баланд доштанд. Фарқияти онҳо аз равғанҳои муқарарӣ дар он буд, ки тез дар ҳаво бухор мешуданд, бинобар он номи «равғани эфир»-ро гирифтанд. Олимон баъдтар муқарар карданд, ки дар муносибати химиявӣ равғанҳои чарбудор ва эфир ягон чизи умумӣ надоранд. Чарбу ва равғанҳои чарбудор эфирҳои мураккаби спирти сеатомаи глитсерин ва кислотаҳои равғанини баландмолекуляриро дар бар мегиранд; оминӣ, пальмитинӣ ва стеаринӣ. Дар таркиби равғанҳои эфир глитсерин мавҷуд аст.

Ҳоло равғанҳои эфир ҳамчун пайвастагиҳои органикии бисёркомпонентӣ терпенҳо, спиртҳо, алдегидҳо, кетонҳо ва дигар карбогидридҳо муайян карда мешаванд.

Равғанҳои эфири-моеъи шаффофи беранг, ки дорои бӯи махсус мебошанд. Равғанҳои эфири аз рӯи намуд моеъи равғанин буда, аз рӯи таркиби химиявӣ ба синфи чарбуҳо дохил намешаванд. Ба таркиби равғанҳои эфир пайвастагиҳои химиявии гурӯҳҳои зерин дохил мешаванд: терпенҳо, спиртҳо, кетонҳо, алдегидҳо, фенолҳо. Бинобар ин барои онҳо хусусиятҳои физикию химиявии зерин хос аст; зичӣ- 0,8-1,5 г/см; ҳарорати ҷӯшиш 160-240$^{o}$C; ҳарорати кристализатсия (сахтшавӣ) аз +17 то 30$^{o}$C. Ҳангоми хунук кардани равғанҳои эфирӣ як қисми он сахт мешавад, ки стеароптен ном дорад. Боқимондаи қисми моеъро-элеоптен меноманд.

Дар зери таъсири рӯшноӣ, ҳаво ва намӣ дар равғанҳои эфир протсесси оксидшавӣ мегузарад, ки ранг ва бӯйи он таъғир меёбад.

Бештари равғанҳои эфирӣ дорои маззаи тез буда, дар об ҳал намешавад, ва дар вақти омехта кардани об бӯи равғани эфириро мегирад. Равғанҳои эфирӣ дар ҳалкунандаҳои органикӣ: эфирҳои петролейнӣ, диэтилӣ, спирти этил, бензол, атсетон, инчунин дар равғанҳои растанӣ ва ҳайвонот, асал, шир, қаймоқ хуб ҳал мешаванд. Равғанҳои эфириро қатронҳои гуногун, мум, парафинҳо, чарбуҳо, резина хуб ҳал мекунанд, бинобар ин ҳангоми кор бо онҳо чунин моддаҳоро истифода бурдан мумкин нест, инчунин онҳоро дар зарфҳои пластикӣ нигоҳ надошта, фақат дар зарфҳои шишагини 50% тирагардонидашуда нигоҳ медоранд.

Равғанҳои эфири сабук буда дар давоми 0,5-3 соат пурра бухор мешаванд ва дар коғаз ягон хел доғи равғанин намегузоранд. Равғанҳои эфири сӯзандаанд. Хусусияти муҳими равғанҳои эфир ин таркиби мураккаби он ба ҳисоб меравад. Бештари онҳо аз садҳо ҷузъҳо аз якчанд даҳҳо фоиз то ҳазорҳо ҳатто миллионҳо ҳиссачаҳо иборатанд. Миқдори моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ ба таркиби равғанҳои эфири буда аз 100 то 500 ва аз ин зиёдтар ба ҳисоб гирифта шудааст. Мисол, равғани эфири ладан зиёда аз 300 ҷузъҳо, аммо дар равғани садбарг зиёда аз 200 моддаҳои органикӣ ёфт

шудаанд. Массаи асосии онҳо (тақрибан 80%)-ро спирти фенилетилӣ ва спиртҳои терпенӣ (гераниол, линалол, цитронеллол) дар бар мегирад. Дар равғани пудина зиёда аз 100 ҷузъҳо мавҷуд аст, ки асоси онҳоро ментол, ментон, ментил-атсетат ва цинеол ташкил медиҳад.

Таркиби равғанҳои эфир дар протсесси сабзиши растаниҳо дар қисмҳои алоҳидаи он таъғир меёбад. Таркиби равғанҳои эфирӣ дар намудҳои алоҳидаи растаниҳо инчунин вобаста аз шароити сабзиш ва маҳал таъғир меёбад. То ҳол равғани эфире нест, ки то охир омӯхта шуда бошад.

## УСУЛҲОИ ҶУДО КАРДАНИ РАВҒАНҲОИ ЭФИРӢ АЗ ТАРКИБИ РАСТАНИҲО

Усули қадимаи ҷудо кардани равғанҳои эфири ин усули тақтири ашёи равғанҳои эфири бо буғронӣ (усули дистилятсия) мебошад. Вай дар қобилиятнокии буғҳои об, аз растанӣ кашида баровардани қатрачаҳои равғани эфир асос ёфтааст. Дар натиҷа пурра ҷудо намудани равғанҳои эфири дар намуди хеле хурд бо баромади хуб ба назар мерасад, ин протсес дар ҳарорати аз 100°С пасттар мегузарад. Ба ғайр аз ин дар ҳолати додашуда иловагӣ ҷудо намудани равғанҳои эфир аз обҳои муқаттар мумкин аст.

Дар таҷриба тақтир намудани равғанҳои эфир бо буғҳои обӣ бо ду усул гузаронда мешавад:

-тақтири обӣ (гидродистилятсия);

-тақтири буғӣ (пародистилятсия).

Дар гидродистилятсия сарчашмаи тақтири обӣ об ба шумор меравад, ки ба асбоб (аппарат) якҷоя бо масолеҳи коркардашаванда; равғани эфири ё ашёи равғани эфирдор рехта мешавад. Дар бештари мавридҳо барои тақтири равғанҳои эфири буғи обро истифода мебаранд, ки ба асбоб (аппарат) аз буғҳосилкунанда дода мешавад. Чунин раванд тақтири буғӣ ном дорад. Усусли дистилятсия барои ҳосил кардани равғанҳои эфир услуби беҳтарин ба ҳисоб меравад. Вай хеле содда буда, аммо мувофиқи ҳар як ашё санҷиши интихоби шароит ҳарорат, фишор, давомнокии равандро талаб мекунад. Ҳарорати нисбатан баланд ва фишор баромади равғанро медиҳад, лекин сифати маҳсулотро паст мекунад. Барои баъзе намудҳои ашё усули сентрифугиронидан беҳтарин ба ҳисоб меравад. Бо ин усул аз пӯсти меваҳои ситрусӣ равғани эфирро ҳосил мекунанд.

Дар як қатор намудҳои ашё бо миқдори ками равғани эфир усули анфлеражро истифода мебаранд. Алфераж адсорбсияи моддаҳои ароматикӣ аз узвҳои тунуки растанӣ (барги гул,, баргҳои тунук, хӯшаи гул, решаҳо) дар қабатҳое, ки бо равған ё чарбу пӯшонида шудаанд. Мисол, ин усулро барои ғунчаҳои ёсуман истифода мебаранд. Ғунчаҳои нав ҷамъоварӣ шуда дар қабати шиша фишурда мешаванд. Баъд бо гузаштани вақти муайян ғунчаҳоро ҷудо карда мегиранд ва ашёи тозаро илова мекунанд. Чунин тартиботро якчанд маротиба такрор мекунанд. Баъд барои ҷудо намудани равғани эфири аз чарбу спиртро истифода мебаранд. Арзиши равғани эфири бо ин усул ба даст овардашуда баланд буда, равғанҳои эфири анфлеражӣ (тубероза, ёсуман, садбарг, мизома, наргис) пурқимат ба шумор мераванд.

Равғани эфирро аз растаниҳо бо усулҳо гуногун ба даст овардан мумкин аст: бо буғи обӣ ё экстраксия бо ёрии ҳалкунанда.

## ТАҚТИРИ РАВҒАНҲОИ ЭФИР БО БУҒИ ОБ

Тақтир бо буғи об яке аз усули васеъ паҳншудаи ҳосил кардани равғанҳои эфир мебошад. Равғанҳои эфири бухоршаванда бо буғҳои об дар зери фишори атмосферӣ дар ҳарорати 100° ба вуҷуд меояд. Чунин ҳарорати пасти ҳосил кардани равғанҳо яке аз ҷиҳатҳои хуби ин усул ба шумор меравад. Моҳияти ин усул дар он аст, ки ҳангоми коркарди ашёи равғани эфирӣ бо буғ ҷузъҳои равғани эфир ба фазаи буғӣ мегузаранд ва дар омехта бо буғҳои об ба конденсотсия, баъд ба ҷудошавӣ аз об равона мешаванд.

Тақтир намудан бо буғи об барои ҷудо намудани равғанҳои эфир аҳамияти калон дорад. Растаниҳои эфирдор бо миқдори ками моддаҳои бухоршаванда доштанашон фарқ мекунанд (баъзан зиёда 1%) барои ҳосил кардани равғани эфир миқдори зиёди ашёи набототиро коркард намудан лозим аст. Дар озмоишгоҳҳо асбоби муқарарӣ барои тақтир намудан бо буғи об истифода бурда мешаванд, аммо колбаҳои ҳаҷмашон калонро гирифта ба он растаниро ҷойгир мекунанд.



Таркиби равғани эфири бо фоиз дар ҳаҷм ва масса ( х) дар махсулоти хушки абсолюти аз руи формулаи зеринҳисоб мекунем:

$$X = \frac{V \cdot 100 \cdot 100}{m(100 - W)}$$

Дар инчо V-ҳачми равғани эфири бо мл; m-вазни махсулот б грамм; W-талафдодани вазни маҳсулот бо фоиз.

Ашёи бутун ё майда кардашударо ба асбоби овардашуда ҷойгир намуда бо буғи об пайваст шудааст. Буғ дар якҷоягӣ бо ашё равғани эфирӣ ҳосил мекунад. Омехтаи ҳосилшудаи буғҳои равғани эфирӣ ва обро ба яхдон гузаронида мешавад, ки конденсатсияи буғҳо ва хунукшавии дистиллят то ҳарорати додашуда ба вуҷуд меояд.

Дар оби муқаттар як миқдор равғани эфири дар ҳолати ҳалшуда боқӣ мемонад, ки онро бо буғронии такрорӣ (котобатсия) ҷудо кардан мумкин аст.

### Ададҳои кислотагӣ

Ададхои кислотаги гуфта ин микдори милмграммхои калимии захрноки барои нейтрализасия кислотахои азот мухим, ки дар таркиби 1-гр моддаи тадкикшаванда мавчуд аст, меноманд.

**Муайян кардани адади кислотаги.** Кариб 10-гр (баркашии аниқ) равган, чарм, мум ва ё кариб 1-гр (баркашии аник) зифтро ба колбаи хачмаш 250 – мл меандозанд ва дар 50 – мл омехтаи хачмхои гуногуни спирт ва эфири 0,5% хал мекунанд, ки пешаки аз руи фенолфтамини махлули натрийи захрдор нейтрализацияшуда (0,1 моль/л); агар зарур бошад, бо хунуккунаки баргарданда дар хамоми оби, то пурра хал шудан гарм мекунанд.баъд 1-мл махлули фенолфтамин илова карда ва бо хамрох кардани махлули натрийи захрдор (0,1 моль/л), то пайдо шудани ранги гулоби; титр мекунанд, ки он дар муддати 30 секунд гумм намешавад.

Адади кислотагиро ($К_{адад}$) аз руи чунин формули хисоб мекунанд.

$$Кч = \frac{a \cdot 5{,}61}{б}$$

ки дар ин ҷо, а – микдори миллиметрхои махлули натрийи захрдори (0,1 моль/л) барои титронидан сарфшуда; б – баркашии мода бо грамм; 5,61 – микдори миллиграмхои калсийи захрдор, ки ба 1 – мл махлули натрийи захнок (0,1 моль/л) мувофик меояд.

**Адади йоди**

Адади йоди гуфта, микдори граммхои йод бо 100 – гр моддаи тадкикшавандаро меноманд.

**Муайян кардани адади йоди.** Баркаши аники моддаи тадкикшавандаро дар колбаи хушки бо дахонпуш, хачмаш 250-300 мл андохта дар 3 – мл эфир ё хлорофори хал мекунанд ва ба он 20 – мл махлули йоди монохлорид (0,1 моль/л) илова мекунанд. Колбаро бо пробка махкам карда, махлули йоди калийро охиста бо харакати тобхури омехта мекунем ва дар чойи торик 1 с нигох медорем. Баъд кам – кам махлули йодиди калий, 50 мл об илова карда, бо махлули тиосулфати натрий (0,1 моль/л) хангоми омехтакукни сахт то пайдо шудани ранги зарди равшан, титр мекунанд. Баъд 1 мл махлули крахмал илова карда, то беранг шуданаш титр мекунанд.

## ТАРКИБИ ХИМИЯВИИ РАВҒАНҲОИ ЭФИРӢ

Гулҳоро дар сохаи доруворi ашёи доруги меноманд, ки кисмҳои алохидаи хушки гулхо ё тудагулҳо ва инчунин дигар қисмхои он маълуманд. Гулҳоро асосан дар авали шукуфтанашон ва баъзан хангоми мугчабанди, ҷамъ мекунанд.

**С А Д Б А Р Г**—роза столистная. Растании буттаги буда, 1,5 м баланд мешавад. Садбарг намуд{ои гуногун дорад. Асосан дар мо{{ои июн-июл гул мекунад. Барои доругЬ асосан гулбарг{ои тару тозаи атргулро, ки дар таркиби худ равuани эфирЬ дорад ва миғдораш 0,1—0,2 фоизро ташкил мекунад, истифода мебаранд. 50—60 фоизи онро гераниол ва 2 фоизашро спирти фенилэтили ташкил мекунад. Хушбеии атргул асосан аз будани спирти фэнилэтилЬ дар таркиби он мебошад. Равuани гули садбарг дар амалияи фармасефтЬ барои хушбею хуштамъ кардани дору{о ба кор бурда мешавад. Дар вағтЬ {озира онро асосан дар саноати атриёт ва херокворЬ кор мефармоянд.

**СИЁҲДОНА** – ба қатори растаниҳои нодири доругӣ, равғани эфирдор ва ароматикӣ дохил мешаванд. Инчунин дар тибб васеъ истифода бурда мешаванд. Захираҳои камшудаистодаи сиёҳдона дар ҷойҳои ҷамъоварии анъанавӣ, ноустувории ҳосили ашё ва гуногунҷинсии он аз рӯи таркиби химиявии равғани эфири зарурияти

гузаронидани корҳо доир ба омӯзиши захираҳои навъҳои гуногуни сиёҳдона ва таркиби химиявии худи равғанро ба миён меоранд.

Сиёҳдона дар марғзорҳо, дар нишебиҳои санглох мерӯяд.

Дар растании сиёҳдона то 2% равғани эфирӣ мавҷуд аст.

Ҷамъоварии растани дар давраи гул кардан ва хушкардани он гузаронида шудааст. Ашёи ҷамъовардаро дар ҳарорати хонагӣ, дар бинои ҳавояш тозакардашуда ва торик хушк намудем. Баъди хушконидан ашёро дар банкҳои шишагини ҳавоногузар нигоҳ доштем. Намунаи гирифташуда барои гузаронидани санҷишҳо бо ёрии усулҳои маълум гузаронида шуд, ки массаи миёнаи нишона барои ҳосил кардани равғани эфири на камтар аз 500гр-ро ташкил медод. Равғани эфири сиёҳдона бо усули гидродистансия ҷудо карда шуд. Баъди муқаттар кардани равғани эфирӣ дар муддати 6-8 соат, миқдори онро ҷамъ карда барои муайянкунии баромади равған баркашидем. Тависфи физикӣ-химиявии равғани эфирро бо усулҳои мақбули умум, дар навбати аввал зичӣ, нишондиҳандаи шиканиши (тақсимкунӣ) ва миқдори ҷузъҳои ҷудогонаи равған муайян карда шуд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда муқаррар карда шуд, ки равғани эфири сиёҳдона аз ашёи майдакардашуда дар муддати 4-5 соат тақтир карда мешавад. Баромади равғани эфири сиёҳдона 1,1 $_-^+$ 0,1 %

Ташкил дод. Зичии равғани эфир, ки бо усули пикнометрӣ муайян шудааст, 0,8813 г/мл, коэффисенти шиканиш 1,4861-ро ташкил дод.

## ХУЛОСАҲО

1. Барои ҳосил кардани равғанҳои эфирӣ усусли дистилятсия услуби беҳтарин ба ҳисоб меравад - тақтири обӣ (гидродистилятсия) ва тақтири буғӣ (пародистилятсия).

2. Маълум гардид, ки равғани эфири дар узвҳои растанӣ нобаробар тақсим мешаванд. Бештар вай дар як узв (барг, гул, реша, мева) ё дар якчанд узвҳо (баргҳо ва гулҳо, баргҳо ва шохаҳо) ҷой гирифтааст.

3. Таркиби равғанҳои эфири дар намудҳои алоҳидаи растаниҳо инчунин вобаста аз шароити сабзиш ва маҳал таъғир меёбад.

4. Маълум гашт, ки бо зиёд шудани вақти тақтир нишондодҳои шиканиши аз 1,4712 то 1,4809 баланд мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таркиби қисматии ҷузъи равғани ҳосилшуда аз рӯи андозаи тақтир тағир меёбад.

5. Ҳарорат ва фишори нисбатан баланд баромади равғанро медиҳад, лекин сифати маҳсулотро паст мекунад.

## АДАБИЁТҲО

1. И.И.Баяндина, Т.П.Кукина // Новые достижения в химии и химтехнологии растительного сырья. II Всероссийская конференция. Барнаул, 2005.С. 583-585.

2. Олимов Р.А., Каримов М.Б. и др. / Химический состав эфирного масла carum carvi L - тмин обыкновенный //Материалынаучно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 20-ой годовщине государственной Независимости Республики Таджикистан. Д-2011. С. 75.

3. Каримов М.Б., Олимов Р.А. и др. /Выделение и изучение состав эфирных масел из природных ресурсов// Посвященной международному году химии и памяти

член-корреспондента АН РТ, д.х.н., профессора Кимсанова Бури Хакимовича.- Душанбе-2011. С.68-69.

## СОМОНАИ “ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ ТОҶИКИСТОН [http://national-trades.tj/]”

**Юсупов Ҷ., Маҷидов А., Юсупов М. Ч.**

Вазифаи лоиҳа:

- ✓ Эҳёи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон
- ✓ Ба ҳамагон дастрас намудани на танҳо маълумоти хаттӣ, балки суратҳо ва видеоҳо оиди ҳунарҳои мардумӣ.
- ✓ Пешкаши маълумот дар якчанд забонҳо (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)

Гузаштагони халқи тоҷик маданияти пешрафта ва санъати волои меъморӣ, кандакорӣ, маҷассамасозӣ , бофандагӣ, рассомӣ, кулолгарӣ кордсозӣ ва ғайраро доштанд.

Дар Истаравшани бостонӣ ин ҳунарҳои ниёгони халқи тоҷикро давом медиҳанд ва намегузоранд, ки ин ҳунарҳои қадимаи халқи тоҷик аз байн равад.

Кордсозӣ ин намуди ҳунари қадимаи тоҷикон таърихи ҳазорсолаҳои дароз дорад. Аз давраи сулолаи Хахоманишинҳо кордсозӣ ба дараҷаи баланд расонида буд. Шамшерҳо, ханҷарҳо, теғҳо ин намуди хунарҳои волои ниёгонамон то ба мо омада расидааст. Бояд қайд кард, ки мардуми ҳуанрдӯсти Истаравшан ин ҳунари ниёгони моро давом медиҳанд. Зиёда аз 100 намуди ҳунар дар Истаравшан, ки ҳунарҳои қадимаи тоҷикон ба ҳисоб мераванд ба қайд гирифта шудааст, аз ҳамин сабаб ҳам ин шаҳрро шаҳри Ҳунармандон мегӯянд. Аҳолии ин шаҳри қадимаи тоҷикон дар сарзамини Тоҷикистон ягона шаҳрест, ки қариб ҳамаи аҳолӣ соҳиби ҳунаранд.

**Мақсади лоиҳа:**

Имрӯзҳо бисере аз одамон аз хунарҳои мардумӣ бехабар мебошанд. Мо тасмим гирифтем сомонаи умумие созем, ки ҳамаи ин маълумотҳо дар он ҷо ҷойгир буда тариқи шабакаи Интернет ба ҳама дастрас бошад ва ҳамагон аз он бохабар шаванд. Дар сомона на танҳо маълумот, балки суратҳо ва видеоҳо мавҷуданд.

**Маблағгузорӣ ва буҷҷаи лоиҳа:**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Кашидани дизайни сайт | 700 сомонӣ |
| 2 | Верстки сайт | 500 сомонӣ |
| 3 | Қисми барномавӣ | 1200 сомонӣ |
| 2 | Харидани домен ва хостинг | 240 сомонӣ дар як сол |
| **Ҳамагӣ** | | 2640 сомонӣ |

**НАТИҶА:** Ин лоиҳа пурра ба кор омада буда бо суроғаи [ http://national-trades.tj/] ба ҳамагон дастрас мебошад. Ҷамъоварии маълумот барои сомона идома дорад. Агар касе дар браи ягон хунар маълумот дошта бошаду хоҳад, ки мо ин маълумотро ба сомона дохил кунем, ё ки ягон фикру пешниҳод оиди сомона дорад, метавонад ба мо аз

худи сомона, пункти **<u>Алоқа бо мо</u>** мактуб нависад. Мо ҳатман фикру пешниҳодҳои шуморо ба назар мегирем. Ҳамунин сомона бо се забон **(тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)** таҳия карда шудааст.






# «ҶАВОНОН - НЕРӮИ РУШДИ ЗЕҲНИИ КИШВАР»

Маводҳои Аввалин Форуми байналмилалӣ
(15-17 майи соли 2015)

# «МОЛОДЕЖЬ – ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РАЗВИТИЯ СТРАНЫ»

Материалы первого международного форума
(15-17 мая 2015 года)

# "YOUTH - THE INTELLECTUAL POTENTIAL OF COUNTRY’S DEVELOPMENT "

Materials of the first international forum
(15-17 May 2015)

## ҚИСМИ 2

Ба матбаа _______ супорида шуд. Чопаш ______ ба имзо расид.
Андозаи 62х84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 100 нусха.

**ҶДММ «Бахманрӯд»**